ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии
кормандони соҳаи маориф

# САМТҲОИ НАВИ ФАЪОЛИЯТИ МЕТОДӢ

## Модули таълимӣ барои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф



**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ**

# МОДУЛИ 1

## САМТҲОИ НАВИ ФАЪОЛИЯТИ МЕТОДӢ

**Модули таълимӣ барои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф**

**Душанбе 2026**

Бо қарори ҳайати Шурои олимони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф аз «28» ноябри соли 2025, №11/7-2 тасдиқ карда шудааст.

**Мураттибон:** Бедил Розиқов, Наврӯз Мирзозода, Исфандиёр Раҳматшоев, Сино Лутфуллозода

**Муҳаррир:** Сафарбек Собирзода

**Муқарризон:**

Б. Ҳайдаров, мутахассиси пешбари Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;

М.Р. Маҳкамова, омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф.

Модули мазкур барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф таҳия шуда, мақсад дарки тазодҳои муосири таҳсилот аз нигоҳи муносибати босалоҳият дар таълим ва рушди воситаҳои дастгирии методии омӯзгорон ба шумор меравад.

Дар маркази диққат фарқияти байни муҳити омӯзишу таълим, механизмҳои ташаккули салоҳиятҳои калидӣ, инчунин нақши мушовир дар тарҳрезии кори методии дорои мазмун ва равандҳои ташкили он аст.

Дар модул ба муҳити рақамии таълим ҳамчун воқеияти нав, ки муассисаи таълимии муосир дар он фаъолият мекунад, таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Мушовир дар раванди омӯзиш на танҳо воситаҳоро мебинад, балки маъниро дарк мекунад: чӣ гуна технологияҳо ба педагогика таъсир мерасонанд, чӣ хатар доранд ва чӣ гуна онҳоро барои рушди тафаккур, на барои иваз кардани он бо ҷавобҳои тайёр, истифода бурдан мумкин аст.

Ҳамчунин дар модул шаклҳои асосии фаъолияти мушовир баррасӣ шуда, аз ҳамроҳии инфиродӣ, то ташкили шаклҳои дастаҷамъонаи ҳамкории касбӣ. Ба принсипҳои фаъолияти самараноки методӣ, ки ба ниёзҳои имрӯзаи омӯзгорон ва ҳадафҳои таҳсилоти навсозишуда мутобиқ аст, таваҷҷуҳи махсус карда шудааст.

**Мундарича**


Пешгуфтор ………………………......................................................................... 4

1. Ислоҳот ва тазодҳои таҳсилоти муосир ………………………………….................... 5
2. Принсипҳо ва мантиқи муносибати босалоҳият дар таълим................................... 18
3. Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгор ва мушовир ..... 33
4. Намуд ва принсипҳои ташкили кори методӣ дар муассисаи таълимӣ ва ноҳия ...... 49

Адабиёт ва сарчашмаҳо........................................................................................ 71

## ПЕШГУФТОР

Таҳсилоти муосир на танҳо тағйир додани мазмуну мундариҷа, балки аз нав дида баромадани мантиқи омӯзишро тақозо мекунад. Айни ҳол, дар таълим таваҷҷуҳи бештар ба муносибати босалоҳият асос ёфта, ба рушди қобилияти фикрронӣ, муошират, қабули қарор ва амал дар вазъиятҳои воқеии хонандагон нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, талабот на танҳо дар сатҳи дарс, балки дар таъминоти методӣ ба омӯзгорон низ тағйир меёбад.

Модул барои мушовирони раёсату шуъба ва бахшҳои маориф пешбинӣ шудааст, ки омӯзгоронро дар шароити ислоҳот ва афзалиятҳои нави таълим дастгирӣ мекунанд. Мақсади он пеш аз ҳама ба омӯзгорон нишон додани амалҳои зерин мебошад: аз шарҳ додан ба ташкили дарки маъно, аз интиқоли дониш ба эҷоди муҳите, ки ташаббус, тафаккур ва ҷалби шахсии хонандагонро дастгирӣ мекунад.

Дар модул ба муҳити таълим ҳамчун воситаи асосии ташаккули салоҳиятҳо таваҷҷуҳ карда шуда, таъсири онро ба ҳавасмандӣ ва ҷалби хонандагон баррасӣ менамоем, инчунин нақши мушовирро ҳамчун меъмор ва роҳнамо дар рушди касбии омӯзгор таҳлил мекунем.

Таваҷҷуҳи алоҳида ба муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ ҳамчун чаҳорчӯбаи нави фаъолияти касбии омӯзгор равона шудааст. Барои мушовир муҳим аст, ки дарк кунад, чӣ гуна технологияҳо ба сохтори дарс, дарки вазифаҳои таълим ва ҳамкории хонандагон бо муҳтаво таъсир мерасонанд, то ки на танҳо захираҳоро ворид намояд, балки бо омӯзгорон амалиёти рақамии маънодор ва устуворро ба роҳ монад.

Модул маводи таҳлилӣ, воситаҳои амалӣ ва супоришҳои рефлексивиро муттаҳид мекунад, ки ба иштирокчиён имкон медиҳад на танҳо равишҳоро омӯзанд, балки дар бораи амалияҳои методии худ андеша кунанд.

Дастгирии методии омӯзгорон шаклҳои гуногуни корро аз машваратҳои инфиродӣ то ташкили шаклҳои дастаҷамъонаи ҳамкории касбӣ, аз қабили семинарҳо, коргоҳҳои эҷодӣ ва тренингҳоро дар бар мегирад. Интихоби шакли кор аз ниёз, муҳит ва сатҳи ташаббускории омӯзгор вобаста аст.

Дар асоси дастгирии самараноки методӣ воситаҳои мушаххасе ба монанди ҷадвалҳо, профилҳои омӯзгорон, варақаҳои ташхисӣ, ки барои тарҳрезӣ ва арзёбии фаъолияти методӣ истифода мешаванд, дар бар мегирад.

Модули мазкур маводи таҳлилӣ, воситаҳои амалӣ ва супоришҳои рефлексивиро дар бар мегирад, ки ба иштирокчиён имкон медиҳанд, ки дар баробари усулҳоро омӯхтан таҷрибаи шахсии худро дар кори методӣ таҳлил ва такмил диҳанд.

# МАВЗУИ 1

## Ислоҳот ва тазодҳои таҳсилоти муосир

**Чиро бояд донем?**

- Тазодҳои асосие, ки омӯзгорон дар шароити ислоҳот дучор мешаванд.
- Ислоҳот ба мазмун ва корҳои ташкили муассисаи таълимӣ чӣ гуна таъсир мерасонад.
- Чаро муносибати босалоҳият ва салоҳиятҳои калидӣ асоси тағйирот дар соҳаи маориф мегарданд.
- Дар шароити ислоҳот ва тазодҳои мавҷуда нақши мушовир чӣ гуна аст?

**Чиро бояд тавонем?**

- Муайян ва таҳлил кардани тазодҳои дар амалияи таълимии омӯзгорон вуҷуддошта ва расонидан ёрӣ барои дарёфти роҳҳои дарки онҳо.
- Ислоҳот ва тағйироти системавиро ба қадамҳои дақиқ ва қобили дастрас барои омӯзгорон табдил додан.
- Барпо намудани муносибатҳои шарикӣ бо омӯзгорон: на назорат, балки дастгирӣ ва ҳавасманд намудан

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима:**

- Кадом тазодҳо дар кори омӯзгорон, махсусан дар таҷрибаи шумо мушоҳида мешаванд? Дар куҷо онҳо фишори бештарро эҳсос мекунанд?
- Чӣ тавр мушовир метавонад ба омӯзгор кумак кунад, ки аз таъсири равонӣ канорагирӣ карда, ба тағйироти ҷорӣ ворид шавад?
- Кадом воситаҳои таълимӣ имрӯз бештар талабот доранд? Ва кадоме аз онҳо умуман дастрас нестанд?
- Чӣ гуна рақамикунонӣ ба нақши мушовир таъсир мерасонад: оё онро мушкил мекунад ё имкониятҳоро васеъ мекунад?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Баъди омӯзиши ин мавзуъ шумо:

1. Ихтилофҳои асосиро дар низоми таҳсилоти муосир мефаҳмед.
2. Мақсад ва самтҳои ислоҳоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешаванд, медонед.

## Муқаддима

Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии муосир ба тағйироти системавӣ дучор мешавад – мақсадҳои таҳсилот, муносибатҳо ба таълиму омӯзиш нав мешаванд ва таваҷҷуҳ ба муносибати босалоҳият, муҳити рақамӣ ва рушди малакаҳои асосӣ меафзояд.

Мо бештар калимаҳои «тафаккури интиқодӣ», «салоҳиятҳои калидӣ», «фардикунонӣ» ва «фарогирӣ» -ро мешунавем. Аммо ин дигаргуниҳо дар сатҳи дарси мушаххас чӣ гунаанд? Омӯзгорон ба онҳо чӣ гуна муносибат мекунанд, дар ҳоле, ки барномаи таълимӣ ягона аст, синфҳо гуногунанд ва захираҳо маҳдуд мебошанд?

Ин мавзуъ мушовирро даъват мекунад, ки ба ислоҳот **аз нуқтаи назари амалии мактаб ва омӯзгор назар кунад**. Омӯзгорон дар кори ҳаррӯзаи худ бо кадом тазодҳо дучор мешаванд? Кадоме аз инҳо ба ислоҳот марбут аст ва кадомаш амиқтар ба мантиқи таълим алоқаманд аст? Ва аз ҳама муҳимаш он аст, ки чӣ тавр мушовир метавонад ба суйи пеш ҳаракат карданро дастгирӣ кунад, то сарбории бештар ба бор наоварда, барои муайян кардани имкониятҳо ёрӣ расонида тавонад.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Тазодҳо дар таҳсилот** — вазъиятеро ифода мекунад, ки дар он мақсад, интизорӣ ё талабот бо имкониятҳо, захира ё шароитҳои мавҷуда дар зиддият қарор мегиранд**.** Таҳлили чунин зиддиятҳо имкон медиҳад, ки нуқтаҳои рушд ва самтҳои ислоҳот муайян карда шаванд.

**Стратегияи миллии рушди маориф (СМРМ)** –ҳуҷҷати меъёрие, ки дар он ҳадаф, афзалият ва қадамҳои беҳсозии соҳаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 муайян карда шудаанд.

**Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот** — ҳуҷҷати густурдаи соҳавӣ, ки барои беҳтар кардани **муҳити таълим** ва омӯзиш дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумии кишвар ва фароҳам овардани заминаи рушди устувору беҳбудӣ, натиҷаҳои таҳсилот вобаста ба муҳити таълим таҳия карда шудааст. Чаҳорчӯба сохтореро муайян менамояд, ки барои ташаккули тағйирот: аз равишҳо дар ташкили фазо то бознигарии меъёрҳои муваффақияти хонанда, хизмат мекунад.

**Таҳқиқоти байналмилалии муқоисавии сифати таҳсилот: PISA ва PIRLS.**

- **PISA** (Барномаи арзёбии байналмилалии хонандагон) —чӣ гуна хонандагони 15-солаи МТМУ донишҳои худро дар хониш, математика ва илмҳои табиӣ истифода карданро арзёбӣ мекунад.
- **PIRLS** (Таҳқиқоти рушди саводнокии хондан дар сатҳи байналмилалӣ) — сатҳи саводнокии хонданро дар байни хонандагони синфҳои ибтидоӣ арзёбӣ мекунад.

**Салоҳиятҳои калидӣ (асосӣ, 4К+ маҳорати омӯхтан)** – маҳоратҳои универсиалие, ки ба ҳар шахс дар асри XXI новобаста ба касб зарур аст.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Дарки ихтилофоти асосӣ дар низоми муосири таълим.
2. Донистани мақсад ва самтҳои ислоҳоте, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ мешаванд.

### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супориш: дар гурӯҳ** саволҳоро баррасӣ намуда, ҷавобашонро нависед.*

| Савол | Ҷавоб |
|---|---|
| **Саволи 1:**<br>Кадом **тағйиротро дар таҳсилот** давоми 5-10 соли охир мушоҳида кардаед? | |
| **Саволи 2:**<br>Ба назари шумо, кадом омилҳо бештар аз ҳама ба **татбиқи муносибатҳои нав монеа** эҷод мекунад? | |
| Иқтибос барои андеша:<br>«Ислоҳот - танҳо як ҳуҷҷат нест, балки роҳ аст. Ва ин роҳро онҳое тай мекунанд, ки ҳар рӯз ба синфхона ворид мешаванд».<br>**Саволи 3:**<br>Ҳангоми хондани ин ҷумла чӣ эҳсос мекунед?<br>Оё ин ба таҷрибаи шумо наздик аст? | |



## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилоотии 1.1-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.1 санҷед.**

**Варақаи иттилоотии 1.1**

### *1. Тазодҳои таҳсилоти муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Кори методӣ заминаи асосиро дар бар мегирад. Барои босаводона дастгирӣ намудани омӯзгор мушовир бояд дарк кунад, ки низоми маориф ба кадом самт равона шудааст. Дар поён самтҳои асосии ислоҳот оварда шудаанд, ки аллакай амалӣ мешаванд — гарчанде на ҳамеша яксону фарогир, вале ба таври системавӣ.

**1. Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 (СРММ)**

Аз соли 2021 *дар кишвар Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 амал намуда,* ҳуҷҷати асосиест, ки мақсаду афзалиятҳои сиёсати маорифро барои даҳсолаи оянда муайян мекунад.

**Идеяҳои асосии стратегия:**

- Аз омӯзиш барои азёд кардан гузариш ба омӯзиш барои дарк намудани маъно
- Рушди малакаҳои фикррониӣ, таҳлил ва ҳамкорӣ
- Дастгирии роҳҳои масири омӯзиши инфиродӣ ва гуногунрангӣ
- Баланд бардоштани нақши омӯзгор ҳамчун иштирокчии фаъоли ислоҳот, на танҳо иҷрокунанда.

Барои мушовир ин маънои онро дорад, ки самтҳои кори методӣ низ тағйир ёфта, на таъкид бо «шарҳи дуруст», балки ба **фароҳам овардани шароит барои рушди салоҳиятҳо** мегузарад.

**2. Чаҳорчӯби миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2025)**

Соли 2025 ҳуҷҷате таҳия гардид, ки симои нави мактаби муосирро тавсиф мекунад - Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот. Муҳим он аст, ки Чаҳорчӯба на танҳо мундариҷа, балки муҳит, инфрасохтор ва муносибатҳоро барои дастгирии омӯзгорон низ ба назар мегирад.

**Чаҳорчӯба чиро дар бар мегирад:**

- Фаҳмидани мактаб ҳамчун муҳити устувор, аз ҷиҳати равонӣ ва физикӣ бехатар.
- Инфраструктураи муосир: фазо, таҷҳизот, захираҳо.
- Дастгирии омӯзгор: роҳнамоӣ, заминаи методӣ, дастгирии маънавӣ
- Муносибатҳои нав ба арзёбӣ: на танҳо натиҷа, балки **фикррониӣ, баҳс, ҳамкорӣ.**

Мушовир бояд фаҳмад, ки Чаҳорчӯбаи миллӣ номгӯйи талабот нест, балки самтгирӣ дар **таҳияи ёрии методӣ дар шароити нав мебошад**.

### 3. Тағйироти инфрасохторӣ: мактаб ҳамчун фазои муосир

Ислоҳот ба ҷанбаи моддии маориф низ таъсир мерасонад:



- Муассисаҳои таълимӣ ва биноҳои нав сохта мешаванд.
- Таҷҳизот нав карда мешавад: бо тахтаҳои мултимедиявӣ, проекторҳо, лабораторияҳо, компютер ва ғайраҳо муҷҳаҳаз мешаванд.
- **Муассисаҳои таълимӣ бо назардошти фарогирӣ** тарҳрезӣ шудаанд - барои кӯдакони дорои имконияти махсус (пандусҳо, лифтҳо, синфҳои махсус) шароит фароҳам оварда шудааст.

Рушди инфрасохтор на танҳо тағйироти беруна, балки **имкониятҳои нави ташкили дарсҳоро низ дар бар мегирад.** Мушовирон бояд ба назар гиранд, ки дар шароити имрӯза захираҳои рақамӣ, супоришҳои интерактивӣ ва видеоҳои таълимӣ истифода мешаванд ва онҳо бояд ба омӯзгорон дар ин кор бо боварӣ кумак расонанд.

### 4. Таҳқиқоти байналмилалӣ (PISA, PIRLS): онҳо чиро нишон медиҳанд?

Аз соли 2024 Тоҷикистон дар ду таҳқиқоти калидии байналмилалӣ ширкат меварзад:

- **PISA -** таҳқиқ мекунад, ки чӣ гуна хонандагони 15-солаи МТМУ хонда, мубоҳиса карда метавонанд ва донишро барои ҳалли мушкилот истифода мебаранд.
- **PIRLS** – сатҳи саводнокии хонишро дар зинаи ибтидоӣ (синфи 4) арзёбӣ мекунад

Ин таҳқиқотҳо дониши хонандагонро вобаста ба «китоби дарсӣ» намесанҷанд, балки муайян мекунанд, ки хонандагон то чӣ андоза вазифаҳои воқеиро иҷро карда метавонанд. Натиҷаҳои ин таҳқиқотҳо барои *аз нав дида баромадани мазмуну мундариҷаи барномаи таълимӣ, беҳтарнамоии супоришҳои таълимӣ* ва *аз нав дида баромадани муносибатҳо ба арзёбӣ замина мегузоранд*.

### 5. Рақамикунонӣ

Аз соли 2023 **Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ то соли 2042 фаъолона амалӣ карда мешавад**.

Дар муассисаҳои таълимӣ айни ҳол чунин захираҳо татбиқ мешаванд:

- Платформаи **eDolish -** рӯзномаи электронӣ, маҷалла, банақшагирӣ.
- **MaktabMobile** – таълими фосилавӣ, видеодарсҳо ва машқҳои амалӣ
- Китобхонаҳои электронӣ (**Marifat.tj**, **W-Library**)
- Платформаҳо ва захираҳои мутобиқшуда (Twinkl, Schools2030)

Рақамикунонӣ **на танҳо шакли нав**, балки **мазмуни нав** ва методикаи нав аст. Барои мушовир муҳим аст, ки:

- платформаҳои калидиро донад ва бо онҳо кор карда тавонад;
- ба омӯзгорон қолабҳо ва сенарияи дарсҳоро **дар муҳити рақамӣ пешниҳод карда тавонад;**
- бо назардошти имконият ва маҳдудиятҳои рақамӣ дар ташкили раванди таълим мусоидат кунед (интернет, малакаҳо, дастрасӣ).

**Хулоса**

Тағйирот рух медиҳанд. Баъзан онҳо бо душвориҳо ва таъхирҳо нобаробар сурат мегиранд. Аммо ҳаракат ба таври системавӣ ҳам дар сатҳи ҳадафҳо ва ҳам дар сатҳи шароитҳо муайян шудааст.

Мушовирон шахси роҳнамо миёни ислоҳот ва амалияи воқеии таълим мебошанд. Вазифаҳои мушовир зиёданд, аммо яке аз муҳимтаринашон — кумак ба омӯзгор дар мутобиқ шудан ба тағйирот, бе сарбории зиёдатӣ, вале бо дарку фаҳм ва дастгирӣ аст.

Тазодҳое, ки бисёр омӯзгорон бо онҳо рӯ ба рӯ мешаванд, ҷузъи табиӣ ва ногузири ҳар амалияи педагогӣ мебошанд. Онҳо на ҳамеша аз ислоҳот сар мезананд, аммо дар давраи тағйирот бештар эҳсос мегарданд. Барои он ки дастгирӣ воқеан дақиқ ва муфид бошад, мушовир бояд дарк кунад, ки дар амалия маҳз дар куҷо нуқтаҳои ҳассос ба вуҷуд меоянд ва онҳо дар амал чӣ гуна зоҳир мешаванд.

## 1. Таълим дар ҷаҳони тағйирёбанда: тазодҳои асосӣ

Ислоҳот ба ғояҳои сершумор асос ёфтааст: муносибати босалоҳият, арзёбии ташаккулдиҳанда, шаклҳои нави дарс ва иштироки фаъоли хонандагон. Ин ҳадафҳо самтҳои асосии низоми маориф мегарданд. Вале роҳ ба сӯйи он аз таҷрибаи ҳаррӯзае, ки омӯзгор дар он зиндагӣ ва кор мекунад, мегузарад. Ин амалия аксар вақт ба нуқтаҳои ҳасос ва зиддиятҳои дохилӣ табдил меёбад.

Мушовир наметавонад ҳамаи мушкилоти системавиро ҳал кунад, аммо онҳо бояд мушкилоте, ки омӯзгорон ҳамарӯза дучор меоянд, фаҳмад. Ин ба вай кумак мекунад, ки сохтори мушкилот, сабаб ва оқибатҳои онҳоро хубтар дарк ва дастгирии мақсадноки методиро таҳия кунад.

Дар зер тазодҳои хосе оварда шудаанд, ки бисёре аз омӯзгорон аз сар мегузаронанд. Онҳо универсалӣ мебошанд, вале вобаста ба мавзуъ, сину соли хонандагон ва муҳити мактаб метавонанд гуногун зоҳир шаванд.

### 1. Байни барномаи пурмазмун ва вақт барои дарки он

**Сабаб:**

Барномаҳо бештар барои фарогирии мавзуъҳо нигаронида шудаанд, на барои дарки амиқи мазмун. Гарчанде ки онҳо аз нав дида баромада шудаанд, аммо сохтори мантиқии онҳо то ҳол барои гирифитани дониш равона шудааст ва танҳо қисман ҳадафҳои нави таълимро дар бар мегиранд.

**Амалия:**

Омӯзгор ҳамеша кам будани вақтро эҳсос мекунад: онҳо бояд ба пеш ҳаракат кунанд, ҳатто агар як қисми синф мавзуъро нафаҳмида бошанд. Ин нофаҳмиҳо дар хонандагон ҷамъ шуда, дар натиҷа ба як тӯдаи барфӣ мубадал мегардад. Набудани вақт барои муколама, амалия ва таҳлили ғалатҳо ин таъсирро бештар мекунад.

**Оқибатҳо:**

Таваҷҷуҳ ба фан ва хоҳиши омӯхтан тадриҷан коҳиш меёбад. Омӯзиш дар назари хонанда на танҳо рӯякӣ, балки беаҳамият метобад.

**Мушовир бояд ба назар гирад:**

Сарбории зиёди барномаи таълим сифати омӯзишро паст мекунад, ҳатто агар омӯзгор кӯшишҳои зиёдеро ба харҷ диҳад. Бе ҷудо кардани вақт барои мулоҳиза ва амалия, дарс аҳамияти рушди худро гум карда, ба як расмиёти баёни мавзуъҳо табдил меёбад.

### 2. Байни мазмуни аз воқеият дур (абстракт) ва талабот ба маънои амалӣ

**Сабаб:**

Мундариҷаи барномаҳои таълим ва маводи таълимӣ аксар вақт аз таҷрибаи ҳаётии хонандагон дур мондаанд. Таҳсил «аз назария ба амалия» бо истифодаи нокифояи вазъиятҳои таълимӣ, ки барои алоқаманд кардани мавод бо шавқу ҳавас ва таҷрибаи ҳаётии хонандагон кумак мекунанд, таҳия мешавад. Ин ҳавасмандии дохилиро коҳиш медиҳад ва фаҳмидани маънои фаъолиятҳои таълимиро душвор мегардонад.

**Амалия:**

Хонандагон бо мавзуъҳое дучор мешаванд, ки аз таҷрибаи ҳаётӣ дуранд. Формулаҳо, истилоҳот, санаҳо, қоидаҳои грамматикӣ - ҳамаи ин ба назари онҳо як маҷмуи расмии қоидаҳоест, ки ба ҳаёташон дахл надорад. Дар натиҷа, хонандагон аксар вақт супоришҳоро «ба тарви худкор», бидуни фаҳмидани мақсад иҷро мекунанд.

**Оқибатҳо:**

Ҳавасмандӣ паст мешавад. Хонандагон шавқу рағбатро гум мекунанд ва савол доданро катъ мекунанд. Фаъолияти таълимӣ ба ҷойи фаъол гаштан ба тақлиди «ба даст овардан» ва «гузаштан аз …» мубадал мешавад.

**Мушовир бояд ба назар гирад:**

Мушовир метавонад ба омӯзгор барои иваз кардани мавзуъҳои абстрактӣ ба забони хонанда тавассути мисолҳои воқеӣ, вазъиятҳои таълимӣ ва баёни дақиқ кумак кунад. Ин махсусан дар заминаи ислоҳот, ки ба саводнокии функсионалӣ ва татбиқи амалии дониш нигаронида шудааст, муҳим аст.

### 3. Байни сатҳи гуногуни тайёрии хонандагон ва суръати якхелаи таълим

**Сабаб:**

Синфҳо ҳамеша гуногун буданд ва боқӣ мемонанд - аз ҷиҳати сатҳи омодагӣ, суръати омӯзиш, ҳавасмандӣ ва сатҳи дастгирии оила. Аммо дарсҳо ҳанӯз аз рӯйи сохтори ягона: суръати умумӣ, мазмуни якхела ва супоришҳои стандартӣ ташкил карда мешаванд. Ин тазодро ба вуҷуд меорад: хонандагон гуногунанд, аммо нақшаи дарс барои ҳама яксон аст.

**Амалия:**

Барои омӯзгорон ташкил кардани омӯзиш, ки ҳам барои баъзеҳо мувофиқ ва ҳам барои дигарон душвор аст, мушкилӣ пеш меорад. Дастгирии онҳое, ки ақиб мондаанд, вақт ва такрорро талаб мекунад, дар ҳоле ки кор бо онҳое, ки тавонотаранд, фаротар рафтанро талаб мекунад. Дар ниҳоят, омӯзгорон бо интихоб рӯ ба рӯ мешаванд: ё ба «суръати миёна» ҳаракат намоянд ё равишҳои тағйирпазирро истифода баранд. Аммо ин вақт, таҷриба ва захираҳои методиро талаб мекунад.

*Масалан, дар забони тоҷикӣ баъзе хонандагон иншоро дилпурона менависанд, дигарон бошанд, ҳатто барои нақл кардан танқисӣ мекашанд.*

**Оқибатҳо:**

Баъзе хонандагон аз таваҷҷӯҳ дур мешаванд: хонандагони қавӣ дилгир мешаванд, барои хонандагони заиф азхудкунӣ мушкил мешавад. Ҳарду гурӯҳ ҳавасмандиро аз даст медиҳанд, дарс мушкилоти зеҳнии худро аз даст медиҳад ва унсури ҳайратангезу ҷолибият аз байн меравад.

**Мушовир бояд ба назар гирад:**

Дастгирии омӯзгор бояд принсипҳои ташкилии бисёрсатҳаи дарсро дар бар гирад: асоси омӯзиш, умумӣ барои ҳама ва супоришҳо бо сатҳҳои гуногуни душворӣ - тавассути роҳҳои таълимӣ, харитаи мақсадҳо ва вазифаҳои гуногунсатҳ. Ин имкон медиҳад, ки чаҳорчӯбаи ягонаи дарс нигоҳ дошта шуда, дар баробари ин масири омӯзиши инфиродии хонандагон ба назар гирифта шавад. Маҳз ҳамин муносибат ба омӯзиши тағйирпазир ва идорашаванда мусоидат мекунад.

### 4. Байни талаботи нав ва захираҳои маҳдуди татбиқ

**Сабаб:**

Ислоҳоти муосир дар назди муассисаҳои таълимӣ ҳадафҳои баланд гузоштааст – рушди салоҳиятҳо, гузаштан ба арзёбии ташаккулдиҳанда ва омӯзиши лоиҳавӣ.

Рақамикунонӣ беш аз пеш талаб карда мешавад: муҳити рақамии таълимӣ, салоҳияти ТИК ва захираҳои мултимедиявӣ. Бо вуҷуди ин, маҷмуи воситаҳо қафо мондааст: барномаҳо нисбат ба дастгирии методӣ ва рақамӣ зудтар нав карда мешаванд - супоришҳо, сенарияҳо, варақаҳои корӣ ва маводи таълимӣ.

**Амалия:**

Аз омӯзгорон хоҳиш карда мешавад, ки «салоҳиятҳоро рушд диҳанд», «технологияҳои рақамӣ» ва «арзёбии ташаккулдиҳанда»- ро истифода баранд. Бо вуҷуди ин, онҳо бо вақти маҳдуд, дастгирии нокифояи методӣ, дастрасии нокифоя ба захираҳои рақамӣ ва дар баъзе мавридҳо, ҳатто мушкилоти асосии техникӣ дучор меоянд. Ҳамаи ин боиси ҳиссиёти омӯзгорон мегардад, ки гуё аз онҳо кори имконнопазиреро талаб мекунанд.

**Оқибатҳо:**

Муносибатҳои нав ҳамчун шиорҳои абстрактӣ, ки ба воқеияти ҳаёти мактаб алоқаманд нестанд, қабул карда мешаванд. Ин боиси муқовимати дохилӣ ва паст шудани ҳолати эмотсионалӣ мегардад.

**Мушовир бояд ба назар гирад:**

Бе дастгирии моддӣ ва методӣ ҳатто ғояҳои оқилона дар синф амалӣ намешаванд. Ин дастгирӣ бояд, на танҳо супоришҳои намунавӣ, балки сенарияҳои рақамӣ, варақаҳои корӣ, видеоҳои таълимӣ ва қолабҳоро низ дар бар гирад, танҳо дар он сурат равишҳои нав метавонанд як ҷузъи амалияи зиндагӣ шаванд, на рӯйхати интизориҳо.

## 5. Байни иқтидори фан ва хусусияти муқаррарии амалияи муассисаи таълимӣ

**Сабаб:**

Ҳар як мавзуъ барои рушди тафаккур, нутқ, тасаввурот, муқарраоти арзишҳо ва малакаҳои таҳқиқотӣ имконияти фаровон фароҳам меорад.

Аммо, воқеияти мактаб аксар вақт ин иқтидорро ба бозгӯйии одӣ оварда мерасонад. Талаботи расмӣ, ҳисоботдиҳӣ ва одатҳо эҷодкорӣ ва маъниро дар заминаи дарс дуюминдараҷа мекунад.

**Амалия:**

Дарсҳо аз рӯйи қолаби муқарраршуда таҳия мешаванд: санҷиш, шарҳ, машқ. Супоришҳои эҷодӣ, лоиҳаҳо ва таҳқиқот вақт, захираҳо ва омодагиро талаб мекунанд ва аксар вақт ҳамчун «сарбории иловагӣ» қабул карда мешаванд. Омӯзгорон на ҳама вақт боварӣ доранд, ки чӣ гуна баҳодиҳии натиҷаҳо ё чӣ гуна чунин шаклҳоро ба барномаи таълимии стандартӣ ворид кунанд.

**Оқибат:**

Мавзуъ амиқи ва маънои мантиқии худро гум мекунад. Хонандагон онро ҳамчун маҷмуи қоидаҳо ва машқҳо, ки ба ҳаёти воқеӣ алоқаманд нестанд, қабул мекунанд. Дар ин раванд хонанда на иштирокчии фаъол, балки иҷрокунандаи пассивии алгоритмҳо мегардад.

**Мушовир бояд ба назар гирад:**

Дар он ҷое, ки ба омӯзгорон вақт, восита ва пойгоҳҳо намерасанд, дастгирии методӣ манбаи асосӣ мегардад. Кумак барои ҳамгироии вазифаҳои эҷодӣ ва таҳқиқотӣ ба мавзуъҳои стандартӣ, пешниҳоди сенарияҳо барои вазъиятҳои таълимӣ, мисолҳо ва ҳалли масъалаҳои рақамӣ маънои бозгардонидани арзиши пурмазмун ва амалӣ ба дарсро дорад.

Бо чунин дастгирӣ омӯзгорон на танҳо воситаҳои зарурӣ, балки имкони бо шавқу рағбат кор кардан ва қаноатмандии касбиро эҳсос карданро доранд. Бе дастгирӣ, ҳатто омӯзгори дилбохтаи касби худ, дар ниҳоят ба сенарияҳои санҷидашудаи бемаҳдуд бармегардад - танҳо аз сабаби он ки имконоти дигар вуҷуд надорад.

Ин ва дигар ихтилофҳо ҳодисаҳои ҷудогона набуда, балки зуҳуроти мушкилоти системавӣ мебошанд, ки ҳазорон омӯзгорон рӯ ба рӯ мешаванд. Онҳо дар муассисаҳои гуногун, дар сатҳҳои гуногун такрор мешаванд ва бинобар ин таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд.

Дар ҷадвали зер тазодҳои асосӣ ба таври мухтасар ҷамъбаст карда шудаанд: онҳо дар амал чӣ гуна зоҳир мешаванд ва ба чӣ гуна оқибатҳо оварда мерасонанд.

**Ҷадвали 1. Мушкилоти маъмулӣ дар таълим**

| Тазодҳо | Дар амал чӣ тавр зоҳир мегардад | Оқибатҳо |
|---|---|---|
| 1. Байни барномаи пурмазмун ва вақт барои дарки он | Барномаҳо бештар барои фарогирии мавзуъҳо нигаронида шудаанд, на барои дарки амиқи мазмун. Ба омӯзгор барои муҳокима, амалия ва шарҳу эзоҳ вақт намерасад. | Нофаҳмиҳо ҷамъ мешаванд, ҳавасмандӣ коҳиш меёбад ва омӯзиш рӯякӣ мешавад. |
| 2. Байни мазмуни аз воқеият дур (абстракт) ва талабот ба маънои амалӣ | Назарияи аз ҳад зиёд, робитаи кам бо ҳаёт, хонандагон фоидаи маводи омӯхтаашонро намебинанд | Таваҷҷуҳ кам мешавад, хонанда супоришҳоро расман иҷро мекунад ва дониш зуд фаромӯш мешавад. |
| 3. Байни сатҳи гуногуни тайёрии хонандагон ва суръати якхелаи таълим | Синф гуногун аст, аммо дарс барои ҳама як аст. Барои омӯзгор дараҷа ва талаботи ҳар касро ба назар гирифтан душвор аст. | Хонандагони қавӣ дилгир мешаванд, барои хонандагони заиф азхудкунӣ мушкил мешавад - ҳарду гурӯҳ ҳавасмандӣ ва ҷалбро аз даст медиҳанд. |
| 4. Байни талаботи нав ва захираҳои маҳдуди татбиқ | Аз омӯзгор хоҳиш карда мешавад, ки равишҳои нав ва технологияҳои рақамиро ҷорӣ кунад, аммо вақт, мисол ва дастгирии саривақтӣ нест | Ислоҳот ҳамчун фишор қабул карда мешавад, ки боиси хастагӣ ва муқовимат мегардад. |
| **5.** Байни иқтидори фан ва хусусияти муқаррарии амалияи муассисаи таълимӣ | Дарсҳо аз рӯйи графики муқаррарӣ, бе супоришҳои эҷодӣ ва таҳқиқотӣ гузаронда мешаванд. | Мавзуъ маънои худро гум мекунад, таваҷҷуҳ ба он коҳиш меёбад, омӯзгор аз кори худ қаноатмандӣ эҳсос намекунад. |

Тавре ки ҷадвал нишон медиҳад, тазодҳо дар сатҳҳои гуногун ба вуҷуд меоянд - аз мундариҷаи барнома то амалияи синф. Онҳо на ҳама вақт зуд ҳал мешаванд, аммо онҳо метавонанд ба минтақаҳои рушд табдил ёбанд, агар дарк ва муҳокима карда шаванд.

Барои мушовир на танҳо дарк намудани ин тазодҳо, балки ба омӯзгор барои дар шароити мушаххаси мактаб дарёфт намудани роҳҳои ҳалли воқеӣ ёрӣ расондан зарур аст.

**ЗАМИМАИ 1.**

**Роҳнамои асосии Чаҳорчӯбаи миллии рушди таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Чаҳорчӯбаи миллӣ як ҳуҷҷати соҳавӣ мебошад, ки ҳамчун роҳнамо рушди низоми маорифро муайян мекунад: **чиро таълим дод**, **чӣ гуна таълим дод** ва **дар кадом муҳит бояд сурат гирад**.

Ҳуҷҷат шарҳи мухтасар идеяҳои асосиро пешниҳод мекунад, ки ба ташкили раванди таълим таъсири мустақим дорад: таҳияи мазмун, фароҳам овардани муҳити таълиму омӯзиш, интихоби методҳо ва арзёбӣ.

| Қисматҳо | Идеяҳои асосӣ |
|---|---|
| **I. Мақсад ва вазифаҳои рушди маориф** | Ҳадафҳои стратегӣ: тамаркуз ба муносибати босалоҳият, фарогирӣ, устуворӣ ва иштирок дар таҳқиқотҳои байналмилалӣ оид ба сифати таълим. |
| **II. Системаи идоракунии маориф** | Модели нави идоракунӣ бо мустақилияти васеи мактаб, иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳияи механизмҳои дохилии арзёбии сифат. |
| **III. Муҳити педагогӣ** | Принсипҳои эҷод ва ташкили муҳит, ки салоҳиятҳоро тавассути муколама, фаъолият, арзишҳо ва технологияҳои рақамӣ рушд медиҳад. |
| **IV. Муҳити физикӣ ва рақамӣ** | Муайян кардани талабот ба инфрасохтори мактаб ҳамчун муҳити фаъоли омӯзиш: бехатар, дастрас, устувор ва омодагии хуби рақамӣ. Дастгирии принсипҳои гузариш ба «мактаби оянда» — чандирӣ, фарогирӣ, рушди тафаккур, ҳамкорӣ ва мустақилият. |

Ҷадвали дар боло овардашуда, шарҳи умумии сохтори Чаҳорчӯбаро пешкаш мекунанд. Дар зер, мо ба таври мухтасар идеяҳои асосиеро, ки дар асоси он омода шудаанд, омӯхта, самти тағйиротро дар амалияи таълимӣ роҳнамоӣ мекунем.

**1. Муносибати босалоҳият ҳамчун асоси раванди таълим**

Яке аз самтҳои марказӣ гузариш аз муносибати ба дониш асосёфта ба ташаккули салоҳиятҳои асосии хонандагон мебошад:

- тафаккури интиқодӣ;
- эҷодкорӣ;
- муоширaт ва ҳамкорӣ;
- қобилияти омӯхтан дар тӯли ҳаёт.

Таҳсилот ҳамчун раванди ташаккули малакаҳои ҳамаҷониба, аз ҷумла дониш, малака, маҳорат, муносибат ва муқарароти арзишҳо баррасӣ карда мешавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба татбиқи амалии дониш дар ҳолатҳои воқеӣ ва вазъиятҳои таълимӣ мебошад.

**2. Муҳити таълим ҳамчун омили рушд**

Чаҳорчӯба аҳаммияти муҳити таълимро таъкид мекунад, ки на танҳо ҳамчун фазои физикӣ, балки ҳамчун маҷмуи муносибатҳо, усулҳо, шаклҳои омӯзиш ва муносибатҳо фаҳмида мешавад. Намудҳои зерини муҳити таълимӣ ҷудо карда мешаванд:

- ✓ **Муколама** – тафаккур ва муоширатро инкишоф медиҳад;
- ✓ **Ба фаъолият асосёфта -** қобилияти амал ва кашф карданро инкишоф медиҳад;
- ✓ **Аксиологӣ** – ба рушди арзишҳо мусоидат мекунад;
- ✓ **Рақамӣ -** имкониятҳои таълимиро васеъ мекунад;
- ✓ **Фарогирӣ (инклюзивӣ) -** дастрасии таҳсилро барои ҳама хонандагон таъмин мекунад.

Омӯзгор ҳамчун таҳиягари чунин муҳит барои иштироки фаъолона ва пурмазмуни хонандагон дар раванди таълим шароит фароҳам меорад.

**3. Дастгирии устуворӣ ва тағйирпазири низоми маориф**

Яке аз ғояҳои асосии чаҳорчӯба рушди қобилияти низоми маориф барои мутобиқ шудан ба тағйирот ва фаъолияти устувор дар шароити гуногун мебошад. Ин дар бар мегирад:

- васеъ намудани мустақилияти муассисаҳои таълимӣ дар идоракунии раванди таълим ва захираҳо;
- иштироки фаъолонаи кумитаи падару модарон ва худидоракунии хонандагон дар қабули қарорҳо;
- татбиқи механизмҳои дохилии мониторинги сифат дар сатҳи муассиаи таълимӣ;
- қобилияти вокуниш ба тағйироти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва технологӣ;
- таъмини дастрасии баробар ба таҳсилоти босифат новобаста аз шароити иҷтимоӣ ва ҷуғрофӣ.

Рушди таҳсилоти фарогир, таҳкими мустақилият ва истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳамчун захираи муҳимми устувории низоми маориф арзёбӣ мешавад.

**4. Таваҷҷӯҳ ба стандартҳои байналмилалии сифат**

Рушди устувори маориф бидуни арзёбии мунтазами беруна ва муқоисаи бархӯрдҳои байналмилалӣ ғайриимкон аст. Чаҳорчӯба низоми маорифро барои иштирок дар ташаббусҳои байналмилалӣ ва баланд бардоштани муқоисаи натиҷаҳо роҳнамоӣ мекунад.

Он дар бар мегирад:

- иштирок дар таҳқиқоти байналмилалии сифати таҳсилот (PISA, TIMSS, PIRLS);
- мутобиқ намудани низоми баҳодиҳии дастовардҳои хонандагон ба таҷрибаи байналмилалӣ;
- инкишофи саводнокии функсионалӣ ҳамчун натиҷаи асосии таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Ин муносибат ба мо имкон медиҳад, ки воқеияти арзёбӣ, сифати таҳсилот ва рақобатпазирии байналмилалии хатмкунандагонро беҳтар созем.

**Хулоса**

Чаҳорчӯбаи миллӣ самти рушди маорифро муқаррар мекунад, ки дар он ғояҳои асосӣ бо ҳам алоқамананд ва ҳамдигарро тақвият мебахшанд. Муносибати босалоҳият **сифат** ва **малакаҳоеро муайян мекунад, ки дар раванди таълим бояд ташаккул дода шавад**. Муҳити таълимӣ **фазо** ва **механизми** ин рушд - тавассути муколама, фаъолият, арзишҳо ва захираҳои рақамӣ мегардад. Устувории низом тавассути **тағйирпазирӣ, мустақилият** ва **омодагӣ ба тағйирот таъмин карда мешавад**, дар ҳоле ки сифат ва тамаркузи ин равандҳо бо **стандартҳо** ва **таҳқиқоти байналмилалӣ тафтиш ва муқоиса карда мешаванд**.

Чунин фаҳмиш, ба мо кумак мекунад, ки ба таълим аз нигоҳи нав нигоҳ кунем - ҳамчун низоме, ки метавонад хонандагонро ба ҳаёт дар ҷаҳони муосир омода сохта, дар онҳо арзиш, дониш ва қобилияти дар амал татбиқ кардани онҳоро рушд диҳад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Мушовир дар сарҳади байни идея ва амалия кор мекунад.**
   Онҳо на танҳо ислоҳотро баён мекунанд, балки ба омӯзгорон дар фаҳмидани тағйироти ба амаломада ва мутобиқ кардани онҳо ба шароити воқеии ҷаҳони муосир кумак мекунанд.
2. **Тазодҳо дар таълим иштибоҳ нест, балки ишора аст.**
   Онҳо ба соҳаҳое ишора мекунанд, ки омӯзгор махсусан ба дастгирӣ ниёз дорад: дар баррасии мундарича, муносибатҳо, суръат ва супоришҳо. Фаҳмидани ин номувофиқиҳо ба вусъат додани кори мақсаднок ва пурмазмуни методӣ ёрӣ мерасонад.
3. **Дастгирӣ бояд дар асоси мазмун бошад, на умумӣ.**
   Барои мушовир муҳим аст, ки шароити воқеии муассисаи таълимӣ, сатҳи омодагии омӯзгорон ва мавҷудияти захираҳоро ба назар гирад. Ин махсусан барои муҳити рақамӣ, вазъиятҳои таълимӣ ва арзёбии ташаккулдиҳанда дуруст аст.
4. **Муносибати босалоҳият бо дастгирии методӣ имконпазир аст.**
   Омӯзгор метавонад вазифаҳоро барои рушди тафаккур, муоширaт ва мустақилият таҳия намояд, агар фаҳманд, ки чӣ гуна онҳоро ба мавзуъҳои стандартӣ ворид кардан мумкин аст. Вазифаи мушовир аз он иборат аст, ки чунин восита, сенария ва мисолҳоро пешниҳод кунад.
5. **Таъминоти методӣ дастур нест, балки тафаккури муштарак аст.**
   Ба вуҷуд овардани вазъияти таълим, супоришҳои гуногунсоҳа, муҳокимаи душвориҳои амалӣ мушовирро назоратчӣ не, балки роҳнамо ё ҳамкор мегардонад.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Фаҳмидани ғояҳои асосӣ**

1. Кадом қисми дарс барои шумо муҳимтар буд? Чаро?
2. Кадом тазодҳоро дар амалияи омӯзгорон бештар мушоҳида мекунед?
3. Дар куҷо шумо норасоии захираҳо ё эътимод ба нақши методии худро эҳсос мекунед?
4. Доир ба ин мавзуъ кадом мушкилот ё саволҳо доред? (Шумо мехоҳед дар бораи чӣ қадар бештар маълумот гиред ё чиро дар дарсҳои мушаххас бубинед?)

☞ Шакли *кор: мубоҳисаи дунафарӣ ё гурӯҳҳои хурд*

**II. Ҷумлаҳоро пурра кунед:**

- *«Баъд аз ин дарс ман фаҳмидам, ки…»*
- ё *«Ҳоло ман ба … ба таври дигар нигоҳ мекунам»*

☞ Шакли *кор: як вазифа интихоб кунед ва ба таври хаттӣ ҷавоб диҳед.*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**ВАРАҚАИ ХУДБАҲОДИҲИИ 1.1**

### Худбаҳодиҳӣ

**Ин тест ё санҷиш нест.** Ин супориш ба шумо барои муайян кардан унсурҳое, ки дар он боварӣ ҳис мекунед ва ҷойҳое, ки шумо бояд худро такмил диҳед, ёрӣ мерасонад.

Дар зер як катор изҳоротҳое оварда шудаанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни кори методиро инъикос мекунанд. Лутфан, нишон диҳед, ки ҳар як изҳорот то чӣ андоза ба таҷрибаи ҷории шумо мувофиқат мекунад:

**Бале**, шумо дар ин самт дилпуред ва метавонед омӯзгорро фаҳмонида, дастгирӣ кунед.

**Қисман** - шумо ба азхудкунии он шурӯъ мекунед, ё баъзан шумо ба мушкилот дучор мешавед.

**Не** - мо ҳанӯз боварӣ надорем ё бо чунин вазифа дучор нашудаем.

| | Саволҳо | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Ман идеяҳои асосии ислоҳоти ҳозираи маорифро мефаҳмам ва ба омӯзгор фаҳмонда метавонам | ☐ | ☐ | ☐ |
| **2.** | Тазодҳоеро, ки дар амалияи ҳаррӯзаи омӯзгор ба вуҷуд меоянд (барномаи таълим, синфҳои гуногун ва ғайраро), мефаҳмам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **3.** | Метавонам ба омӯзгорон супоришҳоеро, ки ба муносибати босалоҳият асосёфта мувофиқанд, интихоб ва пешниҳод кунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **4.** | Медонам, ки вазъияти таълимӣ чӣ гуна кор мекунад ва метавонам ба омӯзгор дар тарҳрезии он кумак кунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **5.** | Ҳангоми ба нақша гирифтани тавсияҳои методӣ барои омӯзгорон дараҷаи гуногуни тайёрии хонандагонро ба назар мегирам | ☐ | ☐ | ☐ |
| **6.** | Ман намунаи сценарияҳо ё вазъиятҳои таълимии бисёрсамтаро дорам, ки фарқияти сатҳҳоро ба назар мегиранд. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **7.** | Як маҷмуаи захираҳои рақамиро дорам ва метавонам онҳоро ба омӯзгорони фан тавсия диҳам | ☐ | ☐ | ☐ |
| **8.** | Зеҳни сунъиро барои таҳияи маводди таълимӣ, супоришҳо ё воситаҳои ташхис истифода мебарам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **9.** | Бо омӯзгорон чӣ гуна рушд додани салоҳиятҳои калидӣ дар синф ва супоришҳоро муҳокима мекунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| **10.** | Платформа ё муҳити мубодилаи методӣ бо ҳамкорон (онлайн ё офлайн) дорам, ки дар он таҷриба ва захираҳоро мубодила мекунам | ☐ | ☐ | ☐ |

# МАВЗУИ 2

## Принсипҳо ва мантиқи муносибати босалоҳият дар таълим

**Чиро бояд донем?**

- Моҳияти муносибати босалоҳият: фарқияти он аз омӯзиши анъанавӣ.
- Фаҳмидани нақши муҳити таълим дар ташаккули салоҳиятҳои асосӣ.
- Принсипҳои муносибати босалоҳият: амалҳо, маъно, шаклҳои гуногун, нақши омӯзгор, арзёбӣ ва ғ.
- Вазъияти таълимӣ ҳамчун воситаи омӯзиши салоҳиятҳо.
- Нақши мушовир ҳамчун ҳидоятгари тағйирот: аз супориш то муҳит, аз шарҳ то тарҳрезӣ.

**Чиро бояд тавонем?**

- Супориш ва дарсҳоро аз нуқтаи назари муносибати босалоҳият таҳлил кардан.
- Тарҳрезӣ намудани вазъиятҳои таълимӣ, ки салоҳиятҳои калидиро рушд медиҳанд.
- Табдил додани супоришҳо: аз бозгӯйӣ (репродуктивӣ) ба маъноӣ ва навъи кушода.
- Ташхис ва ташаккул додани муҳити таълимӣ.
- Ба омӯзгор дар фаҳмидани нақши навашон ёрӣ расонидан.

**Саволҳои асосӣ барои баррасӣ:**

- Супориш дар асоси рушди салоҳият аз супориши анъанавӣ чӣ фарқ дорад?
- Муҳити таълим ва рушди салоҳиятҳо чӣ гуна алоқаманданд?
- Чӣ гуна ба омӯзгор бояд дар таҳияи вазъияти таълимӣ ёрӣ расонид, то ки фикрронӣ, ташаббус ва ҳамкорӣ рушд намояд?
- Ба омӯзгор чӣ гуна дастгирӣ лозим аст, то вай муҳити мусоидро барпо намояд?

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Баъди омӯзиши ин мавзуъ шумо:

1. Моҳияти муносибати босалоҳитро фаҳмида, онро аз таълими анъанавӣ фарқ мекунед.
2. Чӣ гуна тағйир ёфтани нақши омӯзгорро вобаста ба мантиқи муносибати нави таълимӣ мебинед.
3. Супоришҳое таҳия мекунед, ки салоҳиятҳои калидиро рушд медиҳанд.

# Муқаддима

«Бо тарзи нав» таълим додан чӣ маъно дорад? Мо аз дарси имрӯза чӣ натиҷаҳоро интизорем? Чаро хонандагон бояд на танҳо донанд, балки амал карда тавонанд? **Муносибати босалоҳият**, ки яке аз рукнҳои асосии мактаби муосир аст, ба ин саволҳо посух медиҳад.

Мавзуъ аз ду машғулият иборат аст. Ҳар яке ба шумо кумак мекунад, ки моҳияти ин муносибатро қадам ба қадам фаҳмида, онро дар амалияи худ истифода баред.

Дар дарси аввал, Шумо бо принсипҳо ва мантиқи муносибати босалоҳият дар таълим шинос мешавед. Ин фаъолият чаҳорчӯба ва фаҳмиши умумиро ба вуҷуд меорад. Он ба шумо кумак мекунад, ки ба дарс дигаргуна назар кунед - на аз нуқтаи назари «ман мавзуъро фаҳмондам», балки аз нуқтаи назари **«хонанда чӣ кор мекунад ва чӣ меомӯзад»**.

Дар дарси дуюм, аз назария ба амалия мегузаред. Шумо ба тарзи нав тартиб додани супоришҳои анъанавиро машқ хоҳед кард, ки он **амал, интихоб** ва **мулоҳизарони**ро дар бар мегирад. Инчунин, муҳим аст, ки мутобиқ кардани ҳатто супоришҳои мураккабро ба қобилиятҳои синфи мушаххас омӯзед (дарс ҳамеша як амали мутавозуни байни мураккабӣ ва дастрасӣ мебошад). Хулоса, амалия, мубоҳиса ва мубодилаи таҷриба — ҳамаи он чизе, ки омӯзишро фоиданок ва амалӣ мегардонад.

# Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Муносибати босалоҳият** – моделии муосири таълим мебошад, ки дар он на дониши ҳамчун ҳадаф муҳим аст, балки қобилияти татбиқи донишҳо дар амал: ҳалли вазифаҳо, баровардани хулосаҳо, фаҳмидани алоқамандии ҳодисаҳои табиӣ ва иҷтимоӣ.

**Таҳсилоти фарогир** — ин принсипест, ки тибқи он ҳар як хонанда новобаста аз хусусиятҳо ва имконияти ибтидоии худ метавонад ба раванди таълим ҷалб гардад. Омӯзгор суръат ва тарзи гуногуни дарки хонандагонро ба назар гирифта, шаклҳои корро тавре интихоб мекунад, ки барои ҳама шароити баробар, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои таълимӣ фароҳам оварда шавад.

**Вазъияти таълимӣ** — фаъолияти махсусест, ки аз ҷониби омӯзгор ташкил карда шуда, дар он хонанда бо савол ё мушкилот рӯ ба рӯ мешавад. Ин метавонад таҳлили харита, муҳокимаи мавзуи рӯзмарра, иҷрои лоиҳа, ҳалли кейс ё кор бо маълумоти рақамӣ бошад. Чунин вазъият хонандаро ба мушоҳида, мулоҳиза ва истифодаи донишҳо дар заминаи муайян водор мекунад.

**Фасилитатор** — шахсест, ки на танҳо маълумотро мерасонад, балки шароити зарурирo барои таҳлили мустақилона, гузоштани саволҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳал ва муҳокима фароҳам меорад. Ӯ ба хонанда кумак мекунад, ки мушоҳида кунад, андеша кунад ва таҷриба кунад.

**Саволи навъи кушода** — саволи таълимиест, ки ҷавоби ягона надорад. Хонандагон метавонанд қарорҳои гуногун пешниҳод кунанд, далелҳои худро бо такя ба дониш ва маълумот шарҳ диҳанд. Масалан: «Кадом ҷой барои сохтани шаҳри нав беҳтар аст ва чаро?».

## МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

1. Чӣ будани муносибати босалоҳият дар таълим ва зарурати татбиқи онро **фаҳмидан.**
2. Нақши омӯзгор дар мантиқи нави таълимӣ чӣ гуна тағйир ёфтанро **дидан.**



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

***Супориш барои гурӯҳҳо:*** *як гунаи супоришро интихоб карда, иҷро намоед.*

| Гунаи 1: «Дарсе, ки фаъол шуд» | Гунаи 2: Супориши «магнитӣ» |
|---|---|
| **Вазифа:** Лаҳзаеро аз дарси худ фикр кунед, вақте ки хонандагон аз *ҳадди маъмулӣ бештар фаъол гаштанд*.<br><br>⇨ **Он чӣ гуна вазифа буд** (тавсиф кунед)? | **Вазифа.** Як супорише фикр кунед, ки хонандагонро ҷалб мекунад - *шавқ, хоҳиши баҳс, фикр ва кӯшиш карданро ба миён орад*.<br><br>⇨ **Вазифаро нависед** |
| **Чаро он кор кард?**<br>• Шогирдон чӣ кор карданд?<br>• Шумо чӣ кор кардед?<br>• Дар ин супориш чӣ «зинда» буд? | **Дар гурӯҳ муҳокима кунед:**<br>• Қувваи ӯ дар чист?<br>• Чаро он бо хонандагони шумо кор хоҳад кард? |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттиллоотии 1.2-ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро бо истифода аз варақаи худбаҳодиҳии 1.2 арзёбӣ кунед.**

**Варақаи иттиллоотии 1.2**

### *1. Моҳияти муносибати босалоҳият дар таълим: аз дониш ба амал*

Муассисаи таълимии муосир тағйир меёбад. Супориш, шакли дарс ва хонанда низ тағйир меёбанд. Имрӯз аз омӯзгор на танҳо интиқоли дониш, балки эҷоди шароите талаб карда мешавад, ки дар он шогирд тавонад фикр кунад, таҳлил намояд, ҳамкорӣ кунад, хулоса барорад ва донишҳои гирифтаашро дар амал татбиқ намояд. *Маҳз ҳамин моҳияти муносибати босалоҳият аст.*

**Муносибати босалоҳият** ин даст кашидан аз дониш нест, балки тағйир додани нақши он аст*:*

- **дониш** ҳадаф набуда, балки **восита** барои ҳалли вазъиятҳои таълимӣ аст;
- **хонанда** — на қабулкунандаи иттилоот, балки **иштирокчии фаъоли раванд** мебошад;
- **дарс** — ин фазо аст, ки дар он донишҳо интиқол дода намешавад, балки барои таҳлил, ҳалли супоришҳо ва рефлексия истифода мешавад.

**Ин муносибат барои омӯзгор чӣ маъно дорад:**

- истифодаи ками нақл – бештар таҳлил ва муҳокима;
- истифодаи ками «саволу ҷавоб» – бештар кор бо супоришҳо ва вазъиятҳо;
- истифодаи ками «санҷиши дониш» – бештар рушд додани маҳоратҳо.

Барои он ки муносибати босалоҳият танҳо ба шиори умумӣ табдил наёбад, муҳим аст, ки чӣ гуна он дар мавзуъ ва супориши мушаххас амалӣ шуданро бубинем.

Дар зер як намуна аз фанни таърих оварда шудааст, ки чӣ гуна маводи маъмулиро метавон ба шакле табдил дода, хонанда на танҳо онро дар ёд гирад, балки амал карда, андеша ронад ва хулоса барорад.

**Мавзуъ: Ташкили Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон – синфи 9**
**Қолаб (Матритса):** «Супориш – Фаъолият – Натиҷа»

| Навъи вазифа | Хонанда чӣ кор мекунад? | Натиҷа |
|---|---|---|
| **Супориши анъанавӣ (репродуктивӣ):** Санаи ташкил ёфтани ҶШС Тоҷикистонро номбар кунед. Иштирокчиёни асосии ин воқеаро номбар кунед. | Маълумотро ба ёд меорад. Ба таври мухтасар, бидуни муқаррар намудани робитаи байни далелҳо ҷавоб медиҳад. | – Далелҳои алоҳидаро дар хотир мегирад;<br>– Як қисми равандҳоро мефаҳмад. |
| **Супориш барои рушди салоҳиятҳо:** Тасмаи хронологии рӯйдодҳоро вобаста ба таъсиси ҶШС Тоҷикистон тартиб диҳед. Марҳилаҳои асосӣ, иштирокчиён ва сабабҳоро қайд кунед. | Маълумотро системанок ва нуктаҳои асосиро таъкид карда, робитаи сабабу натиҷаро муқаррар мекунад. | – Интихоб кардан ва ба тартиб даровардани далелҳоро меомӯзад;<br>– Мефаҳмад, ки чӣ гуна як ҳодиса ба дигараш таъсир мерасонад;<br>– Усулҳои аёниро азхуд мекунанд (диаграммаҳо, «хронология»;<br>– Суханронии оммавӣ ва баёни возеҳи ғояҳоро машқ мекунад. |

Чунин супориш аз супориши анъанавӣ на танҳо бо шаклаш, балки бо амиқии худ низ фарқ мекунад. Дар ҳоле ки дар усули анъанавӣ, хонанда танҳо далелҳоро такрор мекунад («санаҳоро номбар кунед»), дар ин ҷо онҳо **маълумотро бо дарки амиқ коркард мекунад**: интихоби нуктаҳои асосӣ, барқарор кардани робитаҳо, ба таври аёнӣ пешниҳод кардани натиҷаҳо. Ин дигар санҷиши хотира нест, балки ташкили фаъолияти андешаронӣ мебошад, ки дар он дониш на ҳадафи ниҳоӣ, балки ба восита табдил меёбад.

*Аммо ин якчанд саволҳои муҳимро ба миён меорад:*

- **Чунин супоришҳоро чӣ гуна бояд арзёбӣ кард?** Меъёрҳо кадомҳоянд -мукаммалии воқеият, мантиқ, возеҳии аёнӣ ё …?
- **Саҳми ҳар як хонанда** чӣ тавр ба назар гирифта мешавад, агар кор дар гурӯҳҳо иҷро шавад?
- **Ин равандро дар синф чӣ гуна идора кардан мумкин аст?** Барои омӯзгор танҳо додани вазифаҳо кофӣ нест - вай бояд фасалитатсия ва роҳнамоӣ кунад вақтро идора карда, ҷалбро осон кунад.
- Агар хонандагон **сатҳи омодагии гуногун дошта бошанд, пас чӣ бояд кард?** Чӣ тавр супоришро тағйир дод?

Ин саволҳо ҳамчун нуқтаи рушди касбӣ муҳимманд. Мушовир метавонад ба омӯзгорон дар фаҳмидани ҷанбаҳои муҳим кумак расонад, ба монанди чӣ гуна идора кардани шакли нави кор дар синфхона.

Барои муайян кардани он, ки супориш дар ҳақиқат бо муносибати босалоҳият мувофиқат мекунад, шумо метавонед **варақаи назоратиро барои таҳлили супоришҳои таълимӣ истифода баред**. Он ба шумо кумак мекунад, ки саволҳои муҳимми методӣ диҳед ва супоришро бо дарназардошти мақсадҳо ва хусусиятҳои синфи мушаххас бошуурона тарҳрезӣ кунед.

**Варақаи назоратӣ барои таҳлили вазифаҳо аз нуқтаи назари муносибати босалоҳият дар таълим**

| Меъёр | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Оё супориш мушкилоти воқеӣ ё саволе дорад, ки таҳлилро талаб мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Оё иҷрои супориш татбиқи донишро талаб мекунад, на танҳо бозгӯйии онро? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Оё ҷой барои муҳокима, далеловарӣ ё нуқтаи назари гуногун вуҷуд дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Оё маълум аст, ки хонанда чиро меомӯзад (кадом малакаҳо рушд меёбанд)? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Оё супориш ҳавасмандӣ ва шавқи хонандаро нигоҳ медорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Оё супоришро мутобиқ сохтан имконпазир аст: онро содатар ё душвортар намудан? | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Нақши омӯзгор дар иҷрои супориш чӣ гуна аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Варақаи назоратиро чӣ тавр метавон истифода бурд**

- Мушовир метавонад ин воситаро дар омӯзишҳо, семинарҳо, ҳангоми таҳлили маводи таълимӣ ва ё таҳия намудани супоришҳо якҷоя бо омӯзгорон истифода барад.
- Муҳим на танҳо қайд кардан, балки ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи супоришро фаҳмида, дида бароед, ки чӣ гуна онро барои шароити воқеӣ мувофиқ кардан мумкин аст.
- Агар ҳадди ақал **3-4 меъёр ҳамчун «ҳа» қайд карда шуда бошад**, пас ин супориш аллакай як қадамест ба сӯйи муносибати босалоҳият.

### *2. Таъсири муҳит ба ташаккули салоҳиятҳо*

Чаро дар баъзе синфҳо хонандагон фаъолона дар мубоҳисаҳо иштирок мекунанд, фикру мулоҳизаҳо пешниҳод карда, саволҳо медиҳанд, дар дигар синфҳо хомӯш мемонанд, аз хато кардан метарсанд ё ҷавоби тайёрро интизор мешаванд? Бештар, сабаб на танҳо дар барномаи таълимӣ ё китоби дарсӣ, балки дар кадом **муҳити таълимӣ** қарор доштани хонанда нуҳуфта аст.

Муносибати босалоҳият дар айни замон асосиислоҳоти маориф дар бисёр кишварҳост ва Тоҷикистон низ истисно нест. Он аллакай дар стандартҳо, барномаҳои таълимӣ ва курсҳои такмили ихтисос дарҷ шудааст. Аммо ин дар амал чӣ маъно дорад? Чӣ тавр мушовир метавонад ба омӯзгорон барои дар шароити ҳаррӯза амалӣ намудани ин муносибат кумак расонад?

Муносибати босалоҳият тақозо мекунад, ки на танҳо мазмун, балки **шароите**, ки дар он омӯзиш сурат мегирад, аз нав дида баромада шавад. Таҳо интиқоли донишҳо кофӣ нест - муҳим он аст, ки **чӣ тавр** ба даст оварда мешавад ва дар кадом **муҳит**.

**Чаро муҳит аз мазмун муҳимтар аст?**

Салоҳиятҳо пас аз шарҳи мавзуъ ба таври худкор инкишоф намеёбанд.

- Барои рушди **тафаккури интиқодӣ**, хонандагон бояд таҳлил, мулоҳиза, баҳс ва хулосабарорӣ кунанд.
- Барои азхуд кардани **муошират** ва **ҳамкорӣ** кори дастаҷамъӣ, муколамаю баҳс ва кори амалии якҷоя лозим аст.
- Барои **ҳавасманд шудан ба омӯзиш**, ба кас фазои озод, бехатар ва эҳтиром ба ақидаҳо лозим аст.

Ҳамаи ин **муҳити таълим** аст, ки дар он салоҳиятҳоро воқеан рушд додан мумкин аст.

*Ҳамчун далел, биёед ду ҳолатро тасаввур кунем:*

- Дар як синф хонандагон саволҳо медиҳанд, андешаҳои худро баён мекунанд ва ба муҳокима ҳамроҳ мешаванд.
- Дар дигараш бошад, хомӯшона дастурро интизор мешаванд, аз паси омӯзгор такрор мекунанд ва аз хато кардан метарсанд.

**Як мавод - ду сенария: Чӣ тавр муҳит маънoро тағйир медиҳад**

| *Агар дар синф:* | *Ва агар:* |
|---|---|
| • хонандагон саволҳо диҳанд ва андешаҳои худро баён кунанд;<br>• аз хато кардан натарсанд;<br>• муҳокима, дунафарӣ ва дар гурӯҳҳо кор кунанд;<br>пас эътимод пайдо мешавад**, ҳавасмандӣ меафзояд** ва хонандагон иштирокчии фаъоли раванд мешаванд. | • хомӯшӣ ва ҷавоби дуруст муҳим аст;<br>• барои озмоиш ва хато ҷой нест;<br>• вазифаҳо барои ҳама якхелаанд;<br>пас, ҳатто онҳое, ки одатан таваҷҷӯҳ ва ташаббус нишон медиҳанд, **ҳавасмандии худро гум мекунанд.** Бе ин, салоҳиятҳои калидӣ наметавонанд инкишоф дода шаванд. |

Акнун биёед бубинем, ки ин дар амал чӣ гуна буда метавонад. Барои ин мавзӯи *«Ҷумлаҳои мураккаб»-ро муаррифӣ мекунем,* ки яке аз мавзуъҳои асосии барномаи таълимӣ мебошад. Дар таълими анъанавӣ, хонандагон аксар вақт:

- аз матн ҷумлаҳои мураккабро менависанд,
- таҳлили синтаксисиро анҷом медиҳанд,
- аломатҳои китобатиро мегузоранд,
- навъи алоқамандии ҷумлаҳо ва намуди пайвандакҳоро муайян мекунанд.

Чунин муносибат муҳим аст - он заминаи грамматикиро фароҳам меорад. Аммо оё дарс метавонад дигар хел бошад?

Як сенарияи алтернативӣ - **вазъияти таълимро баррасӣ кунед**, ки дар он хонанда синтаксисро дар заминаи эҷодӣ истифода мебарад.

**Вазъияти таълимӣ: «Дастурамал ва навъҳои он»**

**Мавзуи дарс:** Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, пайваст ва алоқамандии мантиқи онҳо – синфи 9.

**Супориш барои кори дунафарӣ:**

Тасаввур кунед, ки Шумо муаллифи «Дастурамал ва навъҳои он» мебошед. Вай метавонад дар шакли:

- афсона (*масалан, чӣ тавр ҷинро аз чароғ даъват кардан*?),
- тахайюлӣ (*чӣ гуна аз «сӯрохии сиёҳ» гурехт*),
- киноя (*чӣ гуна то рӯзи ҷумъа дар мактаб зинда мондан*),
- ё воқеӣ (*чӣ гуна ба имтиҳон омодагӣ дидан*) таҳия карда шавад.

| **Дастурамал** – ин роҳнамои қадам ба қадам бо мантиқии сода аст: | **Намуна дар шакли эҷодӣ** |
|---|---|
| – *Аввалин коре, ки бояд анҷом диҳед ...*<br>– *Баъдан ...*<br>– *Пас аз ин ...*<br>– *Ва дар охир ...* | *Дастурамал доир ба истифодаи сатили Аҷузкампир:*<br>1. Аввал ҷорӯбро гир – на барои парвоз, балки барои пок кардани изҳо.<br>2. Баъд ба сатил нишин, вале рӯй ба пеш, на баръакс.<br>3. Пас аз ин, фаромӯш накун, ки гӯшҳоятро равған молӣ, вагарна шамол ворид шуда, мағзи сарро мебарорад.<br>4. Дар охири парвоз, барои фуруд омадан – се маротиба ба ҷорӯб туф кардан лозим аст. |

**Супориш:**

Дастурамали худро нависед, ки дар он ҳар як амал бо истифодаи **ҷумлаҳои мураккаб** шарҳ дода шаванд (ҳадди ақал 2 ҷумла). Матн бояд мантиқӣ, ҷолиб ва барои хондан шавқовар бошад.

**Шарҳи методӣ**

Вақте ки хонанда чизеро эҷод мекунад - махсусан дар шакли ғайриодӣ ва эҷодӣ - онҳо на танҳо супоришро иҷро мекунанд; хаёли худро ба кор меандозанд, ташаббус нишон медиҳанд ва ба кор мазмуни шахсӣ мебахшанд.

Ин вазифаҳо на танҳо синтаксисро меомӯзонанд, балки *ҷалб мекунанд*, *шавқу рағбат ба вуҷуд меоранд* ва ба хонанда имкон медиҳанд, *ки қобилият худро нишон диҳад*.

Ва муҳимтар аз ҳама, хонандаи шавқмандро омӯзонидан осонтар ва самараноктар аст: онҳо ба ин раванд машғуланд ва омодаанд, ки андешаронӣ кунанд.

**Моҳияти муносибати босалоҳият дар ҳамин инъикос мешавад – омӯзиш тавассути муколама ва фаъолияти пурмазмун.**

**Таҳлили вазъияти таълимӣ аз нуқтаи назари муҳити таълим**

Ҳатто як супориши хуб тарҳрезишуда метавонад ноком шавад, агар хонанда худро бехатар, маънои иҷрои онро ҳис накунад ё барои ғалат кардан ҳуқуқ надошта бошад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳлили вазъиятҳои таълимӣ на танҳо ба мазмуни супориш, балки *муҳити таълимӣ* низ, ки амалӣ карда мешавад, ба назар гирифтан муҳим аст.

Барои он ки ин тафовут бештар фаҳмо шавад, биёед ду мафҳумро ҷудо кунем: муҳити омӯзиш ва муҳити таълим.

**Муҳити омӯзиш** барои азхудкунии донишҳои фаннӣ мусоидат мекунад.

*Дар бар мегирад:*

- ✓ китоби дарсӣ, харитаҳо, диаграммаҳо, ҷадвалҳо, тестҳо, тавзеҳоти омӯзгор;
- ✓ азхуд кардани мазмуни фан: фактҳо, мафҳумҳо, мантиқ, сохтор.

**Муҳити таълимӣ** ба ташаккули шахсияти хонанда мусоидат мекунад.

*Дар бар мегирад:*

- ✓ хонанда мулоҳиза мекунад, саволҳо медиҳад, муҳокима мекунад ва муносибатҳои ғайристандартиро меҷӯяд;
- ✓ хулоса мебарорад, бо замони ҳозира алоқамандӣ пайдо мекунад, мавқеи худро ташаккул медиҳад;
- ✓ ташаббус, кунҷковӣ нишон дода, дар даста (тим) кор карданро ёд мегирад.

Барои муайян кардани он, ки муҳит воқеан рушди салоҳиятро дастгирӣ мекунад, муҳим аст, ки на танҳо ба худи супориш, балки ба шароите, ки дар он иҷро карда мешавад, назар кунед.

**Варақаи назоратӣ** барои вазъиятро мунтазам аз назар гузаронидан муфид аст ва ба Шумо ёрӣ мерасонад, ки унсурҳои асосиро муайян карда, фаҳмед, чӣ кор мекунад ва чӣ бояд тақвият дода шавад.

**Варақаи назоратӣ: Хусусиятҳои муҳити таълим**

| Аломатҳо | Бале | Не |
|---|---|---|
| 1. Ҳангоми дарс шумо метавонед саволҳо диҳед ва фикру ақидаҳоро пешниҳод кунед. | ☐ | ☐ |
| 2. Барои ғалатҳо ҷазо намедиҳанд, балки ҳамчун сабаб барои таҳлил истифода мешаванд. | ☐ | ☐ |
| 3. Дар синф супоришҳои ғайристандартӣ ва саволҳои навъи кушода истифода мешавад. | ☐ | ☐ |
| 4. Хонанда интихоб мекунад (шакли иҷро, муносибат ба супориш, шарикон барои ҳамкорӣ) | ☐ | ☐ |
| 5. Ҳолатҳои ҳамкорӣ вуҷуд доранд: муҳокима, кумаки ҳамдигар, кори гурӯҳӣ | ☐ | ☐ |
| 6. Дарс бо вазъиятҳои зиндагӣ ва таҷрибаи хонанда алоқаманд аст | ☐ | ☐ |
| 7. Хонанда имкон дорад, ки ташаббус нишон диҳад ё роҳҳои ҳалли худро пайдо кунад | ☐ | ☐ |
| 8. Хонанда метавонад нақши мавқеӣ ё мазмуниро гирад (коршинос, қаҳрамон, нозир ва ғайра). | ☐ | ☐ |
| 9. Пас аз иҷрои супориш на танҳо ҷавобҳо, балки раванди иҷро (рефлексия) низ муҳокима карда мешаванд. | ☐ | ☐ |

Ҳатто як супориши хеле хуб андешидашуда қудрати худро аз даст медиҳад, агар он дар муҳити омӯзиш ҷой нагирад, ки дар он хонанда боварӣ дошта метавонад, ташаббус нишон дода метавонад, аз хато кардан наметарсад ва барои чӣ ин корро иҷро карданашро мефаҳмад.

Маҳз ҳамин муҳит заминаи ташаккули салоҳиятҳои асосӣ мегардад.

Муҳити таълимӣ ба таври худкор ба вуҷуд намеояд. Он **аз ҷониби омӯзгор** - тавассути супоришҳо, муколама ва фазои синф таҳия мешавад.

Дар ин ҷо мушовир ба омӯзгор на танҳо ба саволи *«чӣ бояд кард»* ҷавоб диҳад, балки дар андешаи *«чаро ва чӣ тавр ин ба рушди хонанда мусоидат мекунад?»* кумак мерасонад.

Имрӯз омӯзгор на танҳо мутахассиси фан, балки **меъмори муҳите** мебошад, ки дар он хонанда:

- ташаббус нишон медиҳад;
- инъикос ва муҳокима мекунад;
- мулоҳизакорона амал карда, ҳамкорӣ мекунад.

Варақаи назоратӣ барои дарҷ намудани шартҳои асосии чунин муҳит кумак мекунад. Аммо саволи дигаре ба миён меояд: муносибати босалоҳият ба кадом принсипҳо асос ёфтааст? Асоси дарсҳо, супоришҳо ва барномаи таълимро чиҳо бояд дар бар гирад?

### *3. Принсипҳои муносибати босалоҳият - асоси методологии таълими муосир*

Муносибати босалоҳият на танҳо ба азхудкунии дониш, балки пеш аз ҳама ба қобилияти татбиқ кардани он дар ҳолатҳои воқеӣ, ҳалли масъалаҳои ғайристандартӣ, ҳамкорӣ ва масъулият нигаронида шудааст.

Барои он ки ин муносибат воқеан дар амал татбиқ шавад, принсипҳои он бояд дар сохтори супоришҳо, дарсҳо ва муҳити таълим иникос ёбанд. Инчунин зарур аст, ки ҳам омӯзгорон ва ҳам мушовирон асоси онро дақиқан фаҳманд.

Дар зер принсипҳои асосии муносибати босалоҳият оварда шудаанд, ки онҳоро ҳангоми тарҳрезии дарсҳо, курсҳо ва вазъиятҳои таълимӣ ҳамчун роҳнамо истифода бурдан мумкин аст.

**Принсипҳои асосии муносибати босалоҳият**

1. **Самтгирӣ ба амал ва истифодаи дониш**
   - Барои хонанда на танҳо «дониш» муҳим аст, балки *донишро дар вазъиятҳои нав истифода бурда тавонистан*, мушкилотро ҳал кардан, қарор қабул кардан ва изҳори назар кардан муҳим аст.
2. **Ҳамоҳангӣ ва муттаҳиддии таҳсилот: дониш + маҳорат + муносибат**
   - Салоҳиятҳо на танҳо дониш, балки *малакаҳо, тарзи фикррони, муносибатҳо ва арзишҳоро дар бар мегиранд.* Масалан, қобилияти ҳамкорӣ кардан, асоснок кардан ва изҳори ақида.
3. **Контекст ва маъно: вазифаи таълимӣ бо ҳаёт алоқаманд аст**
   - Супориш абстрактӣ нест, балки бо *вазъияти воқеӣ ё амсиласозии ҳаёт алоқаманд аст.*
4. **Гуногунии шаклҳои кор ва фаъолнокии хонанда**
   - Дарс на фақат тавзеҳ ва нақл кардан*, балки тавассути саволҳо, таҳқиқот, муҳокима ва супоришҳои амалӣ таҳия мешавад.*
5. **Нақши омӯзгор фасилитатор, мураббӣ, ташкилотчии муҳит мебошад**
   - Омӯзгор ба хонандагон *дар фаҳмидани маъно, савол додан ва интихоб кардан кумак мекунад*, на танҳо интиқоли дониш. Онҳо муҳити омӯзишро тарҳрезӣ мекунанд, ки дар он хонандагон иштирокчиёни фаъол мешаванд.

6. **Арзёбӣ ҳамчун дастгирии рушд, на танҳо назорат**
   - *Арзёбии ташаккулдиҳанда, худбаҳодиҳӣ ва мушоҳида* муҳим аст, на танҳо тестҳо ва баҳоҳо. Аз ҳама муҳим рушд ва пешрафтро дида шавад.

7. **Рушди малакаҳои метамавзуӣ ва салоҳиятҳои асосӣ**
   - Онҳо на танҳо мавзуъ, балки *қобилияти омӯхтан, фикррониии интиқодӣ, кор дар гурӯҳ ва тағйирпазир буданро низ меомӯзанд,* ки ин дар ҷаҳони зуд тағйирёбанда муҳим аст.

Принсипҳои муносибати босалоҳият маҷмӯаи шиорҳо набуда, балки **воситаи кории** тарҳрезии дарси муосир мебошанд. Онҳо ҳамзамон барои саволҳои дуруст гузоштан кумак мекунанд:

- Пас аз ин супориш хонанда воқеан бояд чӣ кор кунад?
- Оё дар дарс фазо барои мулоҳиза, интихоб ва амали воқеӣ вуҷуд дорад?
- Омӯзгор чӣ нақш дорад – интиқолдиҳандаи дониш ё ташкилотчии муҳит?

Барои мушовир ин принсипҳо барои таҳлили маводди таълимӣ, супоришҳо ва дастгирии омӯзгорон асос мешаванд.

Барои омӯзгор, онҳо ҳамчун роҳнамо дар амалияи ҳаррӯза хидмат карда, барои алоқаманд кардани мазмуни мавзуъ бо рушди шахсии хонандагон кумак мекунанд.

Муносибати босалоҳият на ҳалли комил, балки огоҳӣ ва тағйирпазирро талаб мекунад. Чӣ қадаре ки мо асосҳои онро дақиқтар дарк кунем, ҳамон қадар дилпуронатар метавонем муҳите эҷод кунем, ки дар он **хонандагон на танҳо меомӯзанд, балки ҳамчун шахсият ба воя мерасанд ва дар ҷомеаи мутамаддин мавқеи худро пайдо менамоянд**.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Муносибати босалоҳият фарҳанги педагогӣ мебошад,** ки дар он хонанда муаллиф ва омӯзгор меъмори шароити рушди ӯ мегардад.
2. **Супориши таълимӣ** метавонад на танҳо санҷиши дониш, балки нуқтаи воридшавӣ ба тафаккури воқеӣ, таҳлил ва эҷодкорӣ бошад.
3. **Вазъияти таълимӣ воситаи асосии муносибати босалоҳият аст.** Он донишро ба амал табдил медиҳад, мундариҷаи пурмазмун эҷод мекунад ва хонандаро ба иштироки фаъолона ҷалб мекунад.
4. **Муҳити таълим** ё рушди салоҳиятҳоро дастгирӣ мекунад ё ба он монеа мешавад ва маҳз омӯзгор ин муҳитро тарҳрезӣ мекунад.
5. **Принсипҳои муносибати босалоҳият** дастурҳои равшанеро барои сохтори дарсҳо, баҳодиҳии супоришҳо ва банақшагирии рушди хонандагон таъмин мекунанд.
6. **Мушовир** барои ошкор кардани иқтидори мавзуъҳои шинос бо гузаштани диққат аз шарҳ ба муколама, фаъолият ва иштироки хонандагон кумак мекунад.
7. **Муносибати босалоҳият донишро на ҳамчун ҳадаф, балки ҳамчун воситаи амал мешуморад.** Ба он нигаронида шудааст, ки чӣ гуна муҳити таълимӣ ташаккул меёбад, ки дар он хонандагон фикру интихоб мекунанд, муошират карда, рушд меёбанд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

**I. Фаҳмидани ғояҳои асосӣ**

1. Чӣ дар дарси имрӯза диққати шуморо ба худ ҷалб кард ё ба шумо дар бораи таҷрибаи шинос нуқтаи назари нав дод?
2. Кадоме аз вазъиятҳои таълимӣ ба шумо ҷолибтар буд? Чаро?
3. Кадом идея ба шумо махсусан пурқувват ё амалӣ менамуд?

***Шакли кор:*** *муҳокима дар гурӯҳҳои хурд*

**II. Худбаҳодиҳии таҷрибаи касбӣ**

1. Фаҳмиши шумо дар бораи нақши мушовир дар муносибати босалоҳият чӣ гуна тағйир ёфт? Кадом соҳаҳоро шумо ҳоло ба таври дигар таъкид мекардед?
2. Кадом унсурҳои муҳити таълимро шумо аллакай дар амалияи худ истифода мебаред ва кадомашро танҳо амалӣ карданиед?
3. Шумо барои кумак расонидан ба омӯзгорон аз муҳити таълим ба муҳити омӯзишӣ кадом қадамҳоро дидан мехоҳед?

***Шакли кор:*** *мубоҳисаи дунафарӣ ё гурӯҳҳои хурд*

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаходиҳии 1.2**

**1. Ғалатҳоро ёбед**
Изҳоротеро интихоб кунед, ки ба ғояҳои муносибати босалоҳият **мувофиқат намекунад:**

А. Хонанда бояд маводро тавре аз худ кунад, ки дар китоби дарсӣ оварда шудааст.
Б. Хонанда дар мубоҳиса иштирок намуда, андешаи худро баён мекунад.
В. Дарс тавре ташкил карда мешавад, ки хонанда донишро дар вазъияти нав истифода барад.
Г. Омӯзгор ҷавобҳои тайёр намедиҳад, балки раванди саволгузориро фаъол мекунад.

**2. Таърифро пурра кунед**
**Муносибати босалоҳият** муносибатест, ки дар он чизи аз ҳама муҳим на танҳо дониш, балки қобилияти ... аст

А. дар хотир гирифтани таърифҳо
Б. истифода бурдани дониш дар вазъияти воқеӣ
В. банди Д- ро зуд такрор кардан
Г. аз имтиҳон бе хато гузаштан

**3. Интихоб кунед, ки кадом супориш ба муносибати босалоҳият мувофиқ аст**

А. Сабабҳои шуришро аз китоби дарсӣ нусхабардорӣ кунед.
Б. Дар бораи аҳамияти ин чорабинӣ як мубоҳисаи хурд омода кунед.
В. Санаи рӯйдодҳои муҳимро санҷед.
Г. Ҳама номҳоро бо тартиби хронологӣ аз нав нависед.

**4. Ҷумлаи нопурраро пурра кунед.**
Фасилитатор омӯзгорест, ки ҷавобҳои тайёр намедиҳад, аммо…

А. Талаботро ба дараҷаи дониш зиёд мекунад.
Б. Интизоми гурӯҳро ташкил мекунад.
В. Барои ҷустуҷӯйи мустақилона шароит муҳайё мекунад.
Г. Якҷоя бо хонандагон супоришро иҷро мекунад.

**5. Ибораи дурустро ёбед.**
Кадоме аз гуфтаҳои зерин ба **принсипҳои муҳити таълим мувофиқат мекунад**?

А. Ҳадафи асосӣ нигоҳ доштани хомӯшӣ ва интизом дар синф мебошад.
Б. Хонанда бояд ба таври қатъӣ мувофиқи матни китоби дарсӣ ҷавоб диҳад.
В. Хато фурсатест барои таҳлил ва муҳокима.
Г. Ҳамаи хонандагон як супоришро бе муҳокима иҷро мекунанд.

**6. Интихоб кунед, ки чӣ ба нақши омӯзгор дар заминаи муносибати босалоҳият асос ёфтааст**

А. Мавзуъро шарҳ диҳед ва донистани далелҳоро санҷед.
Б. Барои пур кардани ҷадвалҳо дастур диҳед.
В. Ҳавасманд кардан барои таҳқиқот, интихоб ва муҳокима.
Г. Назорат кардани иҷрои машқҳои стандартӣ.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАИ ТАЪЛИМ:**

**3. Тахияи супоришҳое,** ки салоҳиятҳои **калидиро** рушд медиҳанд.

## КОРИ АМАЛӢ: КОРГОҲИ ПЕДАГОГӢ

**Супориши 1. Таҳияи вазифаи ба рушди салоҳият асосёфта ва пешгӯйии натиҷа**

**Мақсад**: омӯхтани тарзи **тарҳрезии супориш** ва **пешгӯии натиҷа дар** асоси муносибати босалоҳият.

**Шакл**: дунафарӣ ё дар гурӯҳҳои хурд кор кунед.

**Марҳилаҳои татбиқ:**

**Қадами 1.** Супориши стандартиро интихоб кунед (аз китоби дарсӣ ё таҷрибаи шахсии худ).

**Қадами 2:** Онро аз нав коркард кунед, то ки:

– хонанда *амал кунад*,

– ҷой барои мулоҳиза/таҳлил/муҳокима мавҷуд бошад.

**Қадами 3.** Натиҷаро нишон диҳед: чиро бояд омӯхт, хонанда кадом малакаҳоро рушд медиҳад.

**Қадами 4:** Бо истифода аз варақаи назоратӣ кори дунафараҳо/гурӯҳҳоро бо ҳам мубодила карда, таҳлил кунед.

**Қолаб** (Матритса): **«Супориш - Фаъолият - Натиҷа»**

*Мавзуъ:*

*Супориши ибтидоӣ:*________________________________________

| *Супориши таълимии тағйирёфта* | *Хонанда чӣ кор мекунад?* | *Натиҷа* |
|---|---|---|
| | | |

**Варақаи назоратӣ барои арзёбии супориш ва пешгӯйии натиҷа**

| Меъёр | Бале | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| **1.** Оё супориш контекст (вазъият, нақш, мушкилот) дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **2.** Оё бо ҳаёти воқеӣ робита вуҷуд дорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **3.** Хонанда дар ин супориш чӣ кор мекунад - такрор ё таҳлил мекунад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **4.** Оё онро бо роҳҳои гуногун анҷом додан мумкин аст? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **5.** Оё супориш шавқ ва ҳавасмандии хонандаро нигоҳ медорад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **6.** Хонанда чиро меомӯзад, кадом малакаҳоро рушд медиҳад? | ☐ | ☐ | ☐ |
| **7.** Нақши омӯзгор дар иҷрои ин вазифа чӣ гуна аст? | ☐ | ☐ | ☐ |

**Супориши 2. Дар ин ҷо чӣ намерасад?**

**Мақсад: муайян кардани монеаҳоро** дар вазъиятҳои таълимӣ омӯзед ва **роҳҳои мутобиқ кардани онҳоро** ба рушди салоҳиятҳои калидӣ ёбед.

**Шакл**: кори гурӯҳӣ

**Супориш:** Ҳар як вазъиятро таҳлил кунед. Ҷадвалро пур кунед: муайян кунед, ки чӣ ба рушди салоҳиятҳо халал мерасонад ва тағйиротро ба муносибат, супориш ё ташкили дарс пешниҳод кунед.

Агар зарур бошад, шумо метавонед ба таври илова аз варақаи назоратии «Хусусиятҳои муҳити таълимӣ» истифода баред.

**Ҳолатҳо аз амалияи мактабӣ**

**1. Чизе хато рафт**

Омӯзгор саволи ҷолиб дод, аммо синф хомӯш монд. Фақат як-ду нафар талабагон ҷавоб дода тавонистанд ва ҳатто онҳо низ пурра аз китоби дарсӣ истифода бурданд. Омӯзгор норозӣ шуда, худаш ба фаҳмондан шуруъ кард.

**2. Кор дар гурӯҳҳо бе натиҷа аст**

Супориш барои гурӯҳҳо таҳия шудааст, аммо дар ҳар гурӯҳ як ё ду нафар кор мекунад, дар ҳоле ки боқимондаҳо ғайрифаъоланд ё бо дигар корҳо банд мебошанд. Хонандагон гуфтушунид намекунанд ё нақшҳоро муайян намекунанд; онҳо фақат мунтазиранд, ки «фаъолон» супоришро иҷро кунанд.

**3. Як ҷавоб дуруст аст**

Омӯзгор мепурсад, ки «Сабаби шӯриши соли 1916 дар чӣ буд?» Як хонанда мегӯяд, андоз, дигаре талабнома, сеюмӣ худсарии мансабдорон. Омӯзгор ҷавоб медиҳад: «Андозҳо - ин дуруст аст» ва ҷавобҳои боқимондаро нодида мегирад.

**4. Дарси муқаррарӣ**

Дарс аз он оғоз шуд, омӯзгор дар дафтари синф ғоибҳоро қайд кард. Сипас, дар давоми 15-20 дақиқа хонандагон аз рӯйи вазифаҳои хонагӣ бо ҳам саволу ҷавоб карданд. Баъд аз он фаҳмондани мавзуи нав, ки боз 10—15 дақиқа давом кард. Дар рафти дарс хонандагон ягон савол надоданд. Ниҳоят, омӯзгор вазифаи хонагӣ дод: параграфро хонед ва ба саволҳои китоби дарсӣ ҷавоб диҳед.

**Ҷадвали таҳлил**

| Вазъият | Монеаҳо дар рушди салоҳият | Тағйироти эҳтимолӣ |
| --- | --- | --- |
| **1. Чизе хато рафт** | | |
| **2. Кор дар гурӯҳҳо бенатиҷа аст** | | |
| **3. Як ҷавоб дуруст аст** | | |
| **4. Дарси муқаррарӣ** | | |

# МАВЗУИ 3

## Муҳити рақамии таълим ва зеҳни сунъӣ: воситаҳо барои омӯзгор ва мушовир

**Чиро бояд донист?**

- Тафовут миёни рақамисозии одӣ ва муҳити  рақамии таълим (МРТ).
- Сатҳҳои асосии рушди платформаҳои таълимӣ — аз «бойгонии маводҳо» то ҳалли мутобиқшавандаи системавӣ.
- Имкониятҳо ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар соҳаи маориф.
- Хатарҳои «иваз кардани тафаккур» ва аз даст рафтани субъектият ҳангоми кор бо зеҳни сунъӣ.
- Нақши омӯзгор: роҳнамоии раванди таълим, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули малакаҳои истифодаи масъулонаи зеҳни сунъӣ.

**Чиро бояд тавонист?**

- Арзёбии сатҳи шахсии кор бо захираҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ (диагностика).
- Тарҳрезии супоришҳо барои хонандагон, ки дар онҳо зеҳни сунъӣ тафаккурро тақвият мебахшад, на иваз мекунад.
- Истифодаи зеҳни сунъӣ ҳамчун воситаи омодасозии дарсҳо ва маводи дидактикӣ.
- Дидани имкониятҳо ва хатарҳои ҳалли рақамӣ ва мутобиқ сохтани онҳо бо ҳадафҳои таълим.
- Рушди малакаи кор бо ҷавобҳои зеҳни сунъӣ дар шакли интиқодӣ дар байни хонандагон.

**Саволҳо барои баррасӣ**

- Муҳити  рақамии таълим аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад?
- Кадом сатҳҳои рушди платформаҳои таълимиро медонед? Шумо ва муассисаи шумо дар кадом сатҳ қарор доред?
- Истифодаи зеҳни сунъӣ ба омӯзгор ва хонандагон чӣ имкониятҳо медиҳад?
- Хатарҳо ва маҳдудиятҳои зеҳни сунъӣ дар раванди таълим дар чӣ зоҳир мешаванд?
- Чӣ гуна зеҳни сунъӣ метавонад воситаи рушди тафаккури интиқодӣ гардад, на ивази он.

## НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед:

1. Тафовут миёни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **фаҳмед**.
2. Имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ кунед.**
3. Супоришҳои таълимӣ бо истифода аз зеҳни сунъиро барои тақвияти тафаккури хонандагон **тарҳрезӣ кунед.**
4. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода кунед.**

## Муқаддима

Технологияҳои рақамӣ кайҳо боз мактабро тағйир додааст: аз китобҳои электронии дарсӣ то курсҳои маҷозӣ (онлайнӣ). Аммо имрӯз дар мадди аввал на танҳо рақамикунонӣ мебошад, балки як **муҳити комили рақамии таълимест**, ки дар он илова ба мавод платформаю воситаҳо ва акнун зеҳни сунъӣ аҳамияти калидӣ доранд. Омӯзгорон ва хонандагон ҳар рӯз бо ин рӯ ба рӯ мешаванд: бархе дар ҷустуҷӯйи роҳҳои наванд, дигарон ҳанӯз дар марҳилаи шиносоӣ қарор доранд. Ва дар ин раванд муҳим аст фаҳмидан: чӣ воқеан кумак мекунад ва чӣ танҳо тасаввури «мактаби рақамӣ»-ро ба вуҷуд меорад.

Дар қисми аввали машғулият мо баррасӣ мекунем, ки **муҳити рақамии таълим аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад**, кадом навъҳои платформаҳои таълимӣ мавҷуданд, ва зеҳни сунъӣ чӣ имконият ва хатарҳоро бо худ меорад. Ин ба мо кумак мекунад, ки тасвири умумиро бубинем ва воситаҳое, ки омӯзгор дар амал истифода мебарад, ба таври интиқодӣ арзёбӣ намоем.

Дар қисми дуюм шумо метавонед худро дар амал санҷед: **супоришҳои таълимиро бо истифодаи зеҳни сунъӣ тарҳрезӣ** кунед, ташхиси кӯтоҳи малакаҳои рақамии худро гузаронед ва воситаҳое ба даст оред, ки ба шумо имкон медиҳанд зеҳни сунъиро фавран ба раванди таълим ворид намоед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ** – табдил додани мавод ва равандҳои таълимӣ ба шакли электронӣ (рӯйнамоиҳо, PDF, журналҳои электронӣ), бе тағйири мантиқии таълим.

**Муҳити рақамии таълим** – маҷмӯи воситаҳои техникӣ, платформаҳои барномавӣ, захираҳои рақамӣ ва методикаҳо, ки якҷоя раванди таълимро таъмин мекунанд.

**Захираҳои рақамии таълим (ЗРТ)** – маводи электронии таълимӣ: китобҳои дарсӣ, манбаи маълумот, дарсҳои видеоӣ, курсҳои онлайнӣ, китобхонаҳои электронӣ.

**LMS (Learning Management System, системаи идоракунии таълим)** – муҳити барномавӣ, ки имкон медиҳад маводҳо нигоҳ дошта шуда, курсҳо идора карда шаванд, иҷрои супоришҳо назорат ва пешрафти хонандагон пайгирӣ шавад. Он метавонад содда (бойгонӣ ва тестҳо) ё васеъ (функсияҳои интерактивӣ) бошад.

**Платформаи таълимӣ** – мафҳуми васеътар нисбат ба LMS: ин як системаи рақамист, ки дар он мавод, супориш ва воситаҳои ҳамкорӣ байни омӯзгор ва хонанда ҷамъ оварда шудаанд. Метавонад LMS-ро ҳамчун ҷузъ дар бар гирад.

**Платформаи таълимии мутобиқшаванда** – системае, ки раванди таълимро ба сатҳи дониш ва суръати хонанда мутобиқ мекунад, камбудиҳоро муайян намуда, барои бартараф кардани онҳо кумак мерасонад.

**Зеҳни сунъӣ (ЗС)** – технологияҳое, ки ба мошин имкон медиҳанд маълумотро таҳлил кунад, ҷавоб диҳад, пешгӯйӣ ва супоришҳоро мутобиқ созад.

**Суръати ноустувори татбиқ** – вазъияте, ки дар он технологияҳо ба муассисаи таълимӣ ба таври номутаносиб ворид мешаванд: бархе омӯзгорон воситаҳои рақамиро фаъолона истифода мебаранд, дигарон ҳанӯз бо усулҳои кӯҳна кор мекунанд.

**Субъективии хонанда** – нақши фаъолонаи хонанда дар таълим, вақте ки ӯ на танҳо ҷавобҳои тайёрро қабул мекунад, балки худаш интихобу таҳлил ва қарор қабул менамояд.

# МАШҒУЛИЯТИ 1

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

3. Тафовут миёни рақамисозӣ ва муҳити рақамии таълимро **мефаҳмед**.
4. Имкониятҳо ва хатарҳои татбиқи зеҳни сунъӣ дар соҳаи маорифро **арзёбӣ мекунед.**



## АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

**1. Кор бо изҳоротҳо (инфиродӣ)**

Дар зер — изҳоротҳое оварда шудаанд, ки бо онҳо шумо метавонед розӣ бошед, ё норозӣ бошед ва ё дар бораи онҳо фикр кунед.

Бо аломатҳои: ✔ – ҳа, ✖ – не, ? – мутмаин нестам, қайд кунед.

| Тасдиқот | Ҷавоб |
|---|---|
| 1. Рақамикунонӣ — ин танҳо табдили китобҳои дарсӣ ба PDF ва боргузорӣ ба интернет аст | |
| 2. Зеҳни сунъӣ аллакай метавонад дарсро беҳтар аз омӯзгор омода созад | |
| 3. Агар хонанда рефератро бо ёрии ЗС нависад, ин маънои онро дорад, ки ӯ наомӯхтааст, балки «нусхабардорӣ» кардааст | |
| 4. Оиндаи таҳсилот — ин курсҳои пурраи онлайнӣ аст ва дарси анъанавӣ аз байн меравад | |
| 5. Омӯзгоре, ки кор бо ЗС-ро намедонад, ба зудӣ «нодаркор» мешавад | |

**2. Саволҳо барои андеша** (дар гурӯҳҳо)

- Ба назари шумо, муҳити воқеии рақамии таълимӣ бояд чӣ чизҳоро дар бар гирад?
- Шумо имрӯз дар мактаб кадом афзалият ва камбудиҳои зеҳни сунъиро мебинед?
- Оё смартфони хонанда метавонад воситаи таълим бошад, ё ҳамеша омилест, ки фикри онро парешон мекунад?

**3. Вазъияти кӯтох** (дар гурӯҳҳо)

Ба хонандагон супориш дода шуд, ки доир ба мавзуи нав реферат омода намоянд. Яке аз онҳо зеҳни сунъиро истифода бурда, матнеро овард: мантиқӣ, дорои далелҳо, аммо маълум аст, ки ин фикрҳои шахсии ӯ нестанд.

*Омӯзгор бояд қарор қабул кунад:*

- маводи таҳиянамударо дар ҳамон шакле, ки овардашудааст қабул кунад,
- ба он баҳои паст гузорад,
- хонандаро маҷбур кунад, ки рефератро такмил диҳад,
- ё …

*Кадом қарор дуруст хоҳад буд? Шумо кадом ҳадафро пайгирӣ мекунед? Ҷавоби худро асоснок намоед.*

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 1.3 - ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро ба мазмуни он арзёбӣ намоед.**

**Варақаи иттилооттии 1.3**

***Муҳити рақамии таълим***

Муҳити рақамии таълим — ин фазо ё системаест, ки дар он технология, муҳтаво ва педагогика алоқаманд мешаванд, то хонанда на танҳо дониш гирад, балки тавонад онро истифода бурда, қобилиятҳои худро рушд диҳад.

**1. Рақамикунонӣ ҳамчун раванд**

Рақамикунонии маориф — ин тугма нест, ки онро пахш кунем ва фавран натиҷа ба даст ояд. **Ин равандест**, ки дар он сохтор қадам ба қадам ташаккул меёбад: маводҳо таҳия ва муҳитҳои рақамӣ сохта мешаванд, омӯзгорон ва хонандагон истифодаи воситаҳои навро меомӯзанд.

*Рақамикунонӣ — марҳилаи табиии рушди маориф аст, ки ба дастовардҳои техникӣ ва педагогӣ такя мекунад.*

Ҳама чизе, ки метавонад рақамӣ гардад — рақамӣ хоҳад шуд. Ҳама чизе, ки метавонад дар шакли мултимедиявӣ пешниҳод шавад — дер ё зуд чунин хоҳад шуд. Курсҳои такмили ихтисос, барномаҳои таълимӣ ва ҳатто дарсҳои маъмулӣ тадриҷан ба муҳити рақамӣ мегузаранд ва шакли нав мегиранд.

Барои мушовир муҳим аст, ки ба назар гирад: рақамисозии муваффақ на танҳо ҳалли техникиро, балки дастгирии методии хуб андешидашудаи омӯзгоронро дар ҳамаи марҳилаҳои татбиқ талаб мекунад.

**2. Қонуниятҳои рушди маориф**

Гузариш ба муҳити рақамӣ имкониятҳои нав фароҳам меорад. Яке аз онҳо — фардикунонии таълим аст. Хонанда метавонад бо суръат пеш равад, ба мавод чанд маротиба баргардад, мазмунро васеъ намояд ва ба сатҳи баланди азхудкунии дониш расад. Ин бо шарофати ҳамгироии технологияҳо, муҳтавои босифат ва қарорҳои нави педагогӣ имконпазир мегардад.

Имрӯз ба муҳити рақамӣ **зеҳни сунъӣ** (ЗС) низ илова мешавад. Ба хилофи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ (ТИК), ки воситаҳо эҷод мекунанд ва муҳити рақамӣ, ки фазои таълимро ташкил медиҳад, ЗС бо муҳтаво кор мекунад: маълумотро таҳлил мекунад, роҳҳои ҳалро пешниҳод менамояд ва дар сохтани траекторияҳои инфиродӣ кумак мерасонад.

*Ҳамин тавр, муҳити рақамӣ ва ЗС — қонунияти объективии рушди таҳсилот мебошанд, ки муҳтаво, усул ва имкониятҳои таълимро тағйир медиҳанд.*

Мушовир бояд зеҳни сунъиро, ки дар соҳаи маориф рушд меёбад, пайгирӣ кунад ва ба омӯзгорон дар ҳамгироии технологияҳо ба раванди таълим бо дарки пурра кумак расонад.

**3. Рақамикунӣ ва муҳити рақамии таълим: фарқ дар чист**

Рақамикунӣ метавонад танҳо ба табдили маводи коғазӣ ба шакли электронӣ маҳдуд гардад: китобҳои дарсӣ, рӯйнамоиҳои мултимедиявӣ, тестҳо бо санҷиши автоматӣ. Аммо ин танҳо сатҳи аввал аст. Он муфид аст, вале худи ин сатҳ амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

Муҳити рақамии таълим — ин бештар аст. Он танҳо ба нигоҳдорӣ ва интиқоли иттилоот маҳдуд намешавад, балки шароите фароҳам меорад барои:

- **идоракунии раванди таълим** – хонанда метавонад вақти омӯзиш ва ҷойро худаш интихоб кунад, бо суръат пеш равад, ба мавод баргардад ё ба сатҳи нав гузарад;
- **омӯзиши амиқ** – технологияҳо на барои шакл, балки барои ғанисозӣ, аёнӣ ва фаҳмондани раванд истифода мешаванд;
- **реҷаҳои гуногун** – ҳузурӣ, омехта ва пурра онлайн, ки тавассути платформаҳои таълимӣ ва ҳатто мессенҷерҳои маъмул, ба мисли Zoom, Google Classroom ё Telegram дастгирӣ мешаванд;
- **тарроҳии педагогӣ ва методология** – унсури калидӣ, ки мантиқ, сенарияи дарс ва намудҳои фаъолиятро муайян мекунад;
- **дастрасӣ ва тағйирпазирӣ** – маводҳоро метавон дар ҳар вақт, аз ҳар ҷой, мутобиқ ба услуб ва ниёзҳои гуногуни хонандагон омӯхт;
- **интерактивӣ ва ҳамкории иҷтимоӣ** – хонандагон танҳо намемонанд, онҳо якҷоя фаъолият мекунанд, таҳқиқ мегузаронанд, дар лоиҳаҳо иштирок мекунанд ва дар гурӯҳ меомӯзанд.

Рақамикунонӣ аксаран ба табдили мавод ба шакли электронӣ маҳдуд мешавад. Муҳити рақамии таълимӣ — ин бештар аст: он ҳамкорӣ, имкони интихоб, фардисозӣ ва ҳамкории иҷтимоиро дар назар дорад.

Мушовир ҳангоми ҳамроҳӣ кардани омӯзгорон бояд ба фарқи байни рақамисозии одӣ ва ташкили муҳити комили рақамии таълимӣ, таваҷҷуҳи махсус диҳад.

**4. Унсурҳои асосии муҳити рақамӣ**

Муҳити рақамии таълимӣ якчанд унсурҳои калидиро дар бар мегирад, ки фаъолияти онро таъмин мекунанд. Ҳар як унсур вазифаи худро иҷро мекунад ва якҷоя онҳо як системаи ягонаро ташкил медиҳанд.

**Унсурҳои асосӣ:**

- **Инфрасохтори техникӣ**: компютер, планшет, тахтаҳои интерактивӣ, таҷҳизоти VR/AR, интернет, дигар хизматрасониҳо;
- **Ҳалли барномавӣ**: журнал ва рӯзномаҳои электронӣ, системаҳои таълими фосилавӣ, платформаҳои таълимӣ;
- **Воситаҳои рақамӣ**: китобҳои дарсии электронӣ, китобҳои аудиоӣ, мултимедиа, китобхонаҳои электронӣ ва захираҳои маълумотӣ, лабораторияҳои виртуалӣ;
- **Хадамотҳои коммуникатсионӣ**: порталҳои мактабӣ, мессенҷерҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ (Telegram, WhatsApp, Facebook), инчунин Zoom барои видеоконференсияҳо;
- **Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо**: тестҳои онлайн, тренажёрҳо, системаҳои санҷиши имло. Барои сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда ва ҷамъоварии омор истифода мешаванд;
- **Системаҳои таҳлил ва назорат**: мониторинги ҳузурӣ, таҳлили пешрафт, пайгирии динамикаи таълим, таҳияи ҳисоботи электронӣ. Ин системаҳо ба мактаб дар идоракунии раванди таълим ва қабули қарорҳо дар асоси маълумот кумак мерасонанд.

Барои мушовир муфид аст, ки ҳар чанд вақт унсурҳои муҳити рақамии таълимиро дар муассисаҳо арзёбӣ кунад ва муайян созад, ки дар куҷо дастгирии методӣ ё техникии иловагӣ зарур аст.

Барои дарки беҳтари сохтори муҳити рақамии таълимӣ, бояд ба унсурҳои асосии он назар афканем. Ҳар кадом нақши худро иҷро мекунад: бархе заминаи техникӣ медиҳанд, дигарҳо ташкили раванди таълимро таъмин мекунанд ва сеюм дастрасӣ ба захираҳо ва дастгирии ҳамкориро фароҳам меоранд. Якҷоя онҳо як фазои таълимии ягона месозанд, ки дар он техника, муҳтаво ва педагогика муттаҳид мешаванд.

**Ҷадвали 1. Унсурҳои муҳити рақамии таълимӣ**

| Унсур | Мисолҳо | Вазифа |
|---|---|---|
| ***1. Инфрасохтори техникӣ*** | Компютер, планшет, тахтаи интерактивӣ, интернет | Таъмини дастрасӣ ба захираҳои рақамӣ |
| ***2. Ҳалли барномавӣ*** | Журналҳои электронӣ, платформаҳо (Google Classroom) | Ташкил ва идоракунии раванди таълим |
| ***3. Захираҳои рақамӣ*** | Китобҳои дарсии электронӣ, мултимедиа, тренажёрҳои онлайн | Омӯзиш ва худомӯзӣ, васеъ кардани имкониятҳои муҳтавои таълимӣ |
| ***4. Коммуникатсия*** | Порталҳои мактабӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ (WhatsApp), видеоконференсияҳо (Zoom, Teams) | Ҳамкорӣ миёни «омӯзгор – хонанда – мактаб», мубодилаи супоришҳо ва иттилоот |
| ***5. Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо*** | Тестҳои онлайн, тренажёрҳо, барномаҳои санҷиши имло | Сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда, ҷамъоварии омор |
| ***6. Таҳлил ва назорат*** | Ҳисоботи электронӣ, базаҳои маълумот, мониторинги ҳузур ва пешрафт | Пайгирии динамикаи таълим, назорати сифати маориф, дастгирии қарорҳои идоракунӣ |

Чунон ки дида мешавад, муҳити рақамии таълим маҷмӯйи тасодуфии воситаҳо нест. Ин як сохтори мураккаб ва бисёрсатҳист, ки ниёз ба стратегияи андешидашуда ва татбиқи марҳилавиро дорад. Танҳо дар ин сурат он метавонад самаранок фаъолият кунад: таълимро дастгирӣ намояд, ба омӯзгор кумак расонад ва барои хонандагон имкониятҳои нав фароҳам оварад.

Мушовир дар ин раванд нақши калидӣ мебозад — дар ҳамоҳангсозии фаъолияти омӯзгорон, интихоби воситаҳои афзалиятнок ва мутобиқсозии ҳалли рақамӣ бо ҳадафҳо ва сатҳи рушди ҳар як муассисаи таълимии мушаххас.

**5. Барои чӣ муҳити рақамӣ истифода мешавад**

Муҳити рақамии таълимӣ барои васеъ кардани имкониятҳои таълим, дастрас ва тағйирпазир гардондани он ва мутобиқсозӣ ба талаботи замон таъсис дода мешавад. Бо ёрии он таълим танҳо аз синф ва ҷадвали дарсҳо вобаста намемонад, балки бештар кушода ва гуногунҷабҳа мегардад.

*Муҳити рақамӣ имконият фароҳам меорад, барои:*

- Таъмини дастрасии баробар ба дониш дар ҳар вақт ва аз ҳар ҷой;
- Фардисозӣ ва шахсисозии таълим;
- Ташкили интерактивӣ ва аёнии раванди таълим;
- Баланд бардоштани самаранокии идоракунии мактаб;
- Рушди саводи рақамӣ ва салоҳиятҳои калидии асри XXI;
- Ташкили таълими фосилавӣ ва омехта.

Мушовир бояд таҳлил кунад, ки кадом ҳадафҳои муҳити рақамии таълим барои омӯзгорони минтақаи ӯ бештар муҳиманд ва ба онҳо дар пайдо кардани ҳалли мувофиқ кумак расонад.

Аммо ҳар система ду тараф дорад. Хуб ва манфиат ҳамеша бо маҳдудият ва хатарҳо ҳамроҳанд. Вақте ки афзалиятҳо бештаранд — ин ба рушди мактаб ва хонандагон мусоидат мекунад. Аммо агар камбудиҳо ба назар гирифта нашаванд, онҳо метавонанд ногаҳон ба мушкил табдил ёбанд. Аз ин рӯ, муҳим аст, ки ба муҳити рақамии таълим бо назари интиқодӣ нигарем: ҳам ҷиҳатҳои мусбат ва ҳам таҳдидҳои эҳтимолиро бубинем, то таъсири манфиро пешакӣ коҳиш диҳем.

**Ҷадвали 2. Афзалият ва камбудиҳои муҳити рақамии таълим**

| Афзалиятҳо | Камбудиҳо |
|---|---|
| **Дастрасии дониш** – имкони омӯзиш дар ҳар вақт ва аз ҳар ҷой | **Нобаробарии дастрасӣ** – на ҳама оилаҳо компютер ва интернет доранд, бахусус дар деҳот |
| **Фардисозии таълим** – омӯзгор метавонад супориш ва маводро мутобиқ ба сатҳи хонанда интихоб кунад | **Мушкил кардани кори омӯзгорон** – лозим аст ҳам дар шакли коғазӣ ва ҳам рақамӣ кор кунанд |
| **Интерактивӣ ва аёнӣ** – мултимедиа, лабораторияҳои виртуалӣ, омӯзиш тавассути бозӣ ва амал | **Вобастагӣ аз техника ва интернет** – дар ҳолати қатъ шудани шабакаи интернет ё барқ, таълим қатъ мегардад |
| **Идоракунии самараноки мактаб** – журнал, рӯзнома, ҳисоботҳо, санҷиши автоматӣ, назорати пешрафт | **Омодагии нокофии омӯзгорон** – на ҳама истифодаи воситаҳои рақамиро медонанд; дастгирӣ ё курсҳои такмили ихтисос ҳамеша дастрас нестанд |
| **Санҷиши автоматии дониш ва супоришҳо** – сарфаи вақти омӯзгор, вокуниши фаврӣ ба хонанда, омори қулай барои таҳлил | **Маҳдудияти шакли фаъолиятҳо**– танҳо барои тестҳо ва супоришҳои сода самаранок аст, арзёбии эҷодкориро иваз намекунад |
| **Коммуникатсия ва вокуниши фаврӣ** – мубодилаи иттилоот тавассути платформа ва мессенҷерҳо (Telegram, WhatsApp) | **Бенизомии иттилоот ва бесохторӣ** – паёмҳо парокандаанд, маводи пештараро ёфтан мушкил аст, иттилооти зиёдатӣ аст |
| **Рушди саводи рақамӣ** – хонандагон ва омӯзгорон малакаи кор бо технологияҳоро меомӯзанд, ки барои зиндагӣ ва касб муҳим аст | **Хатарҳои иҷтимоӣ ва равонӣ** – вобастагӣ аз дастгоҳҳо, коҳиши муошрати зинда ва афзоиши хастагӣ |

Аз ин рӯ, муҳим аст, ки на танҳо имкониятҳо, балки хатарҳои муҳити рақамиро низ ба назар гирем, то таъсири мусбаташро тақвият бахшем ва маҳдудиятҳоро коҳиш диҳем.

Барои мушовирон муҳим аст, ки самтҳои нави технологиро, аз ҷумла зеҳни сунъиро пайгирӣ кунанд ва ба омӯзгорон барои дар раванди таълим мақсадноку судманд истифода кардан кумак расонанд.

**6. Зеҳни сунъӣ дар таълим**

Мушовир бояд дарк кунад, ки кор бо зеҳни сунъӣ дар мактаб на танҳо ба донишҳои техникӣ, балки ба тағйироти амиқ дар педагогика ва муносибати байни омӯзгор ва хонанда дахл дорад. Зеҳни сунъӣ аллакай ба муассисаҳои таълимӣ ворид шудааст — аммо на ба таври яксон. Хонандагон зудтар мутобиқ шуданд: барои навиштани иншо ё ҳалли масъала смартфон кофист. Омӯзгорон сусттар пеш мераванд: бархе бо ёрии ЗС тест ё машқ таҳия мекунанд, дигарон танҳо шунидаанд, вале ҳанӯз истифода накардаанд. Парадокс ба вуҷуд меояд: хонанда аллакай кор мекунад, омӯзгор бошад, роҳ меҷӯяд. Дар ин вазъият кӣ киро меомӯзонад – омӯзгор хонандаро ё баръакс? Мушовир метавонад ба омӯзгорон кумак расонад, то ин мувозинатро дарк кунанд ва онро ҳамчун нуқтаи оғоз барои баланд бардоштани саводнокии рақамии омӯзгорон истифода баранд.

Ҳатто имкониятҳои одии ЗС метавонанд қисми кори рутинаро (ҳамаи он чизе ки ҳаллу фасл мехоҳад) аз дӯши омӯзгор бардоранд — таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои дарс, санҷиши корҳо, интихоби маводи дидактикӣ ва супоришҳои иловагӣ. Аммо то ҳол ин бештар ташаббуси шахсии омӯзгорони алоҳида аст. Ҳар як омӯзгор худ қарор мекунад: истифода кунад ё ба усули анъанавӣ идома диҳад. Ин аст «суръати ноустувори татбиқ» — дар баъзе ҷойҳо натиҷаҳо дида мешаванд, дар дигар ҷойҳо ҳама чиз боқӣ мемонад.

Яке аз мисолҳои машҳури муносибати системавӣ — платформаи чинии **Squirrel AI Learning** мебошад. Ин танҳо «бойгонии мавод» нест, балки як системаи мутобиқшавандаи комил аст. Барномаи таълимӣ ба садҳо ва ҳазорҳо «нуқтаҳои дониш» тақсим мешавад, ки бо ҳам пайвастанд: агар хонанда мавзуи A-ро аз худ накарда бошад, то камбудиҳо бартараф нашаванд ба мавзуи B намегузарад. ЗС мантиқро таҳлил мекунад ва бо ёрии алгоритмҳо пайваста сатҳи азхудкуниро ташхис намуда, маҳз он супоришҳо, видео ва шарҳҳоеро пешниҳод мекунад, ки дар он лаҳза заруранд. Дар натиҷа, хонанда бо суръат меомӯзад, «бе холигӣ» дар таълим ва омӯзгор тасвири дақиқ мегирад: кадом мавзуъҳо азхуд шудаанд ва дар куҷо мушкилот боқист.

Муҳим аст, ки чунин платформаҳо танҳо алгоритмҳои муҳандисӣ нестанд. Дар паси онҳо кори дастаҷамъонаи омӯзгорон, равоншиносон, мушовирҳо ва таҳиягарони муҳтаво меистад. Маҳз онҳо «муҳтаво»-ро месозанд: супориш, матн, шарҳ, дарсҳои видеоӣ. Аз ин рӯ, чунин системаҳо — синтези технология ва таҷрибаи педагогӣ мебошанд, на танҳо ҳалли муҳандисӣ.

Ҳамзамон, бояд мазмунро ба назар гирифт: дар модели чинӣ ҳаракат ҳамеша дар доираи барномаи умумӣ сурат мегирад. Ҳар хонанда бо траекторияи худ меравад, аммо ҳадафи ниҳоии таълим барои ҳама як аст. Дар ин ҷо фардисозӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи баландбардории самаранокии азхудкунии дониш ва таъмини иҷрои стандартҳо истифода мешавад, на ҳамчун воситаи васеъ кардани озодии интихоби шахсӣ дар таълим.

Таҷрибаи Чин имкониятҳои ҳалли системавиро нишон медиҳад, аммо муҳим аст, ки ба воқеияти кунунии мо такя кунем. Дар шароити мо платформаҳои мутобиқшавандаи мураккаб мавҷуд нестанд, вале чизҳое ҳастанд, ки аллакай барои ҳар хонанда ва омӯзгор дастрасанд — смартфонҳо ва версияҳои ройгони зеҳни сунъӣ. ChatGPT, Copilot, Gemini, DeepSeek, Алиса/Яндекс ва дигарон — ҳамаи ин воситаҳое мебошанд, ки дастрасии осон доранд. Мушовир метавонад тавассути воситаҳои дастрас ва самараноки зеҳни сунъӣ дар паҳнсозии иттилоот барои омӯзгорон, бахусус дар сатҳи муассиса ё ноҳия нақши калидӣ бозад.

Дар ин шароит, омӯзгор бояд ба саволи калидӣ посух ёбад: **чӣ гуна ин вазъиятро ба захираи таълим табдил диҳад, на ба таҳдид?** Ҳатто бе системаҳои мураккаб, метавон супоришҳоро тавре тарҳрезӣ кард, ки зеҳни сунъӣ ба воситаи ёрирасон табдил ёбад, на ивази тафаккури хонанда. Мушовир бояд ба омӯзгорон кумак расонад, то вазифаҳои таълимиро бо истифода аз зеҳни сунъӣ тавре тарҳрезӣ кунанд, ки технология ҳадафи таълимиро тақвият бахшад, на иваз намояд.

**Ҷадвали 4. Усулҳои истифодаи ЗС дар дарсҳо**

| Усул | Намунаи супориш | Амалҳои хонанда | Маҳорати рушдёбанда |
|---|---|---|---|
| | | **ГЕОГРАФИЯ** | |
| **Таҳлили далелҳо** | Бо ёрии ЗС 3 шарҳи чаро дар Помир растаниҳо камандро дарёбед | Далелҳои пешниҳодкардаи ЗС-ро мехонанд → робитаҳои мантиқӣ байни иқлим, баландӣ ва хокро ҷудо мекунанд → пуррагӣ ва дақиқии шарҳҳоро арзёбӣ мекунанд → ҷавоби беҳтаринро интихоб ва асоснок мекунанд | Малакаи таҳлили робитаҳои сабаб ва натиҷа, мантиқ дар шарҳ додан |
| **Муқоисаи шарҳҳо** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки сабабҳои тағйирёбии иқлим дар Тоҷикистонро шарҳ диҳад, сипас бо маълумоти китоб муқоиса кунед | Маълумоти ЗС ва китобро муқоиса мекунанд → мувофиқат ва тазодҳоро қайд мекунанд → саволҳои дақиқкунанда мегузоранд → дар бораи дурустӣ ва пуррагии маълумотҳо хулоса мебароранд | Хондан бо дарки маъно, малакаи муқоисаи манбаъҳо, тафаккури интиқодӣ |
| | | **МАТЕМАТИКА** | |
| **Муқоисаи муносибатҳо** | Аз ЗС ду роҳи ҳисоб кардани **sin 45°** пурсед | Роҳҳои пешниҳодшударо хонед → фаҳмонед, ки онҳо чӣ гуна фарқ мекунанд → дурустии онҳоро тафтиш кунед. | Фаҳмидани робитаҳои байни соҳаҳои гуногуни математика, тафаккури аналитикӣ |
| **Кор бо хатогиҳо** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки ҳангоми ҳалли системаи муодилаҳо қасдан хато кунад. | Роҳи ҳалли онро хонед → хаторо ҷустуҷӯ кунед → фаҳмонед, ки мантиқ дар куҷо вайрон шудааст → ҷавоби дурустро нависед. | Маҳорати дарёфти хатогиҳо, таҳлили интиқодӣ. |
| | | **ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ТОҶИК** | |
| **Коркарди эҷодӣ** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки дар дар пайравии ҳикоёти адибони классикӣ гунаи замонавии онро таҳия намояд | Матнро мехонанд→ таҳлил мекунанд, ки то кадом андоза хусусиятҳои жанрӣ нигоҳ дошта шудааст → ислоҳ мекунанд ва такмил медиҳанд → гунаи худро пешниҳод менамоянд | Эҷодкорӣ, шинохтани жанр, маҳорати мутобиқ кардани сабк/услуб |
| **Таҳлили сохтори грамматикӣ** | Аз ЗС хоҳиш кунед, ки бо замонҳои феъл ҷумлаҳо тартиб диҳад | Ҷумлаҳоро мехонанд → замони феълҳоро меёбанд → ғалатҳоро ислоҳ мекунанд → дар куҷо ғалат кардани ЗС-ро баррасӣ мекунанд | Малакаи таҳлили грамматикӣ, бодиққат будан, фаҳмидани сохтори забон |
| | | **ТАЪРИХ** | |
| Савол ба муаллиф | Тезисҳо оид ба мавзуи «Ислоҳоти Амир Темур» аз **ЗС** гиред | Матнро мехонанд → нуқтаҳои баҳсбарангезро ҷудо мекунанд → ба муаллиф саволҳо тартиб медиҳанд → далелҳоро баҳогузорӣ мекунанд → мавқеъро бо китоб дақиқ мекунанд | Таҳлили интиқодӣ, малакаи саволгузорӣ, кор бо манбаъҳо |
| Санҷиши далелҳо | **ЗС** -ро хоҳиш кунед, ки рӯйдод ва сабабҳои пошхӯрии ИҶШС-ро мухтасар нависад | Матнро мехонанд → бо китоб ё ҳуҷҷатҳо муқоиса мекунанд → хатоҳоро меёбанд → ислоҳ мекунанд → версияи дурустро пешниҳод мекунанд | Малакаи таҳқиқ, санҷиши дурустӣ, кор бо манбаъҳо |

**Хулоса**

Намунаҳои пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим тафаккурро иваз намекунад, балки онро тақвият мебахшад. Хонанда ҷавоби тайёрро нусхабардорӣ намекунад, балки ҳамчун субъект боқӣ мемонад: таҳлилу арзёбӣ мекунад, муқоиса намуда, қарор қабул мекунад. Ӯ аз синфҳои аввал меомӯзад, ки ЗС воситаи фаъолият аст, на роҳнамо ва тадриҷан нақши меъмори фикрҳои шахсии худро меомӯзад.

Барои омӯзгор ин имкониятҳои нав фароҳам меорад: амалиёти такрорӣ ва маъмулро метавон ба технология вогузор кард, ва вақти озодро ба рушди супоришҳои эҷодӣ ва таҳқиқотӣ равона кард. Ин гуна муносибат имкон медиҳад, ки сатҳи таълим ба марҳилаи самараноктар бароядː аз шаклҳои одии машғулият, ҳалли супоришҳо — то натиҷаҳои эҷодии бештар, ба монанди лоиҳаҳои таҳқиқотии хурд, муҳокимаи пешгӯйиҳо, кейсҳо оид ба мушкилот, рӯйнамоҳо ё маводи рақамие, ки худи хонандагон таҳия мекунанд.

Мо танҳо чанд усули асосиро нишон додем, аммо самт равшан аст: технологияҳо метавонанд дарсро тақвият бахшанд, ба рушди тафаккур ва эҷодкорӣ мусоидат кунанд. Аммо, мисли ҳар соҳа, бо имкониятҳои нав ҳамзамон хатарҳои нав пайдо мешаванд. Дар зиндагӣ хуб ва бад, фоида ва зарар қариб ҳамеша паҳлуи ҳаманд ва дар воридшавии зеҳни сунъӣ ба таълим истисно нест. Барои дидани тасвири пурра, бояд на танҳо ҷиҳатҳои мусбат, балки хатарҳои ин технологияро низ баррасӣ кард.

**Ҷадвали 5. Имкониятҳо ва хавҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар таълим**

| Таъсири мусбат ва имкониятҳо | Хатарҳо ва маҳдудиятҳо |
|---|---|
| – Таълими мутобиқшаванда: траекторияҳои инфиродӣ, ба назар гирифтани суръат ва сатҳи дониш | – Аз даст рафтани мустақилият: одат ба ҷавобҳои тайёр |
| – Ёрдамчиёни зеҳнӣ: кумак дар иҷрои супоришҳо, шарҳ ва маслиҳатҳо | – Коҳиши ангеза: «чаро фикр кунем, ҳол он ки ЗС инро зудтар иҷро мекунад» |
| – Санҷиши автоматии тестҳо ва фаъолиятҳо, сарфаи вақти омӯзгор | – Аз даст рафтани субъектият: нақши истеъмолгар ба ҷойи иштирокчии фаъол |
| – Таҳлил: муайян кардани камбудиҳо дар сатҳи хонанда ва синф | – Хатари хато ва таҳриф кардан: назорати интиқодӣ зарур аст |
| – Дастгирӣ дар банақшагирии дарс ва таҳияи мавод | – Нобаробарии дастрасӣ: бархе смартфон ва интернет доранд, дигарон не – ЗС метавонад нобаробарии рақамиро ба вуҷуд оварад. |
| – Фарогир буданро дастгирӣ мекунад: ЗС метавонад супоришҳоро барои кӯдакони дорои ниёзҳои гуногуни таълимӣ мутобиқ созад | – Махфияти маълумот: кор бо ЗС бо интиқоли иттилоот алоқаманд аст |

## Хулоса

Зеҳни сунъӣ - воситаи пуриқтидорест, ки барои мактаб уфуқҳои навро мекушояд. Аммо он омӯзгорро иваз намекунад ва хонандаро аз заҳмат озод намесозад. Қудраташ дар он аст, ки таълимро тағйирпазир ва дастрас мегардонад, вокуниши фаврӣ медиҳад ва вақтро сарфа мекунад. Вазифаи омӯзгор - роҳнамоии ин раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва пешгирии иваз шудани таълими зинда бо ЗС мебошад. Мушовир бояд дар омӯзгорон муносибати интиқодӣ нисбат ба технологияҳоро рушд диҳад: ба онҳо кумак расонад, то имкони зеҳни сунъӣ ва ҳам маҳдудиятҳои онро дарк кунанд.

Бо муносибати дуруст, кор бо ЗС мустақилияти хонандаро коҳиш намедиҳад, балки онро тақвият мебахшад: ба ташаккули мустақилият мусоидат мекунад, фикр ва муқоиса кардан, саволгузорӣ ва қабули қарорро меомӯзонад. Дар ин ҳолат, технология на ҷӯбчаи ёрирасон, балки воситаи рушд мегардад, ки ҳам хонанда ва ҳам омӯзгорро ба сатҳи нав мебарорад.

# ЗАМИМАИ 2

**Қонуниятҳои рушди платформаҳои таълимӣ**

Эволютсияи платформаҳои таълимӣ қонуниятҳои рушди системаҳои техникӣ ва таълимиро аз ҳалли сода бо як функсия то полисистемаҳо, ки ташхис, мутобиқсозӣ ва дастгирии траекторияҳои инфиродиро муттаҳид мекунанд, инъикос менамояд.

Муҳим аст, ки «бойгонии мавод» бо платформаи воқеӣ омехта нашавад: маҳз системаҳои мукаммал ба хонанда дар бартараф кардани камбудиҳо ва пешравӣ кумак мекунанд. Барои омӯзгорон ва маъмурон ин нақша ҳамчун самтнамо хизмат мекунад, ки имрӯз дар куҷоем ва ба куҷо бояд равем.

**Ҷадвали 6. Эволютсияи платформаҳои таълимӣ**

| Сатҳ | Тавсиф | Чиро ҳал мекунад | Маҳдудиятҳо | Намунаҳо |
|---|---|---|---|---|
| **Рақамисозии сода** | Мавод ба муҳити рақамӣ боргузорӣ шудаанд: китобҳои электронӣ, рӯйнамоҳо, PDF | Дастрасӣ ба мавод аз ҳар ҷой, дар ҳар вақт | Вокуниши бозгашт нест, назорат ва дарки азхудкунӣ вуҷуд надорад | Архивҳои PDF, китобхонаҳои электронӣ, LMS-и сода бе интерактивӣ |
| **Рақамикунонӣ бо тестҳо ва видеозангҳо** | Ба мавод тестҳо илова шудаанд, имкони видеоконферен-сияҳо мавҷуд аст (Zoom, Teams) | Назорати дониш, дарсҳои фосилавӣ, нигоҳ доштани иртибот | Таълим хаттӣ аст, камбудиҳо бартараф намешаванд, хатоҳо ҷамъ мешаванд, ангеза коҳиш меёбад | Moodle бо тестҳо, Zoom, MS Teams, Google Classroom (дар шакли асосӣ) |
| **Курсҳо ва барномаҳои онлайн (бе мутобиқсозӣ)** | Курсҳо бо сохтори тайёр: видео, супоришҳо, барномаи умумӣ барои ҳама | Систематизат-сия ва сохтор медиҳад, имкони омӯзиш дар вақти муносиб | Мутобиқсозӣ нест: дар ҳолати камбудиҳо хонанда равиши курсро гум мекунад, камбудиҳо афзоиш меёбанд | Coursera, Udemy, Open edX |
| **Платформаҳои мутобиқшаванда** | Унсурҳои мутобиқсозӣ мавҷуданд: супоришҳо ба сатҳи хонанда мутобиқ мешаванд, ташхиси хатоҳо | Камбудиҳоро қисман бартараф мекунанд, машқҳои иловагӣ медиҳанд | Сатҳи фарогирӣ ва амиқии мутобиқсозӣ маҳдуд аст | Khan Academy, Smart Sparrow, Amrita Learning |
| **Платформаҳои мутобиқша-вандаи системавӣ** | Мутобиқшавии комил: «нуқтаҳои дониш», шабакаи мавзуъҳои баҳам алоқаманд, ташхис, траекторияҳои инфиродӣ | Хатарҳои камбудиро ба ҳади ақал мерасонанд: хонанда то бартараф кардани нофаҳмӣ пеш меравад | Талаботи муҳандисӣ ва методии мураккаб, захираҳои зиёд | Squirrel AI Learning (Чин), ALEKS (ИМА) |

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

**Рақамикунонӣ — ин танҳо қадами аввал аст**: табдили мавод ба шакли электронӣ дастрасиро осон мекунад, аммо амиқии таълимро тағйир намедиҳад.

**Муҳити рақамии таълим на танҳо техника**, балки муҳтаво, методика ва ташкили равандро дар бар мегирад — ин як системаи мукаммал аст.

**Зеҳни сунъӣ сатҳи навро ворид мекунад** — он бо муҳтаво кор мекунад: дар сохтани траекторияҳои инфиродӣ кумак намуда, камбудиҳоро ташхис ва роҳи ҳал пешниҳод менамояд.

**Таҷрибаи платформаҳои системавӣ** (масалан, Squirrel AI) нишон медиҳад, ки ЗС метавонад ҷамъшавии камбудиҳоро коҳиш диҳад ва бори рутинаро аз дӯши омӯзгор бардорад, аммо ниёз ба кори ҷиддии методӣ ва муҳандисӣ дорад.

**Дар шароити мо аллакай имрӯз метавон аз хидматҳои дастрасии ЗС** (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) дар раванди таълим истифода бурд. Муҳим аст, ки супоришҳо тавре сохта шаванд, ки ЗС тафаккури хонандаро тақвият бахшад, на иваз кунад.

**Ҳар як технология ҳам афзалиятҳо ва ҳам хатарҳо дорад**: бо имкониятҳои нав таҳдидҳо низ пайдо мешаванд — аз даст рафтани мустақилият, хатоҳо, нобаробарии дастрасӣ.

**Вазифаи асосии омӯзгор — роҳнамоии раванд**, рушди тафаккури интиқодӣ ва субъектияти хонанда мебошад, то ЗС ба воситаи рушд табдил ёбад, на ба ивази таълими зинда.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар бораи мафҳуми «муҳити рақамии таълимӣ» чӣ чизи нав омӯхтед? Он аз рақамисозии одӣ чӣ фарқ дорад?

2. Кадом захираҳои рақамии таълимро (китобхонаҳои электронӣ, бонкҳои маълумот, курсҳои онлайн) аллакай дар кори худ истифода мебаред?

3. Кадом имкониятҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар мактаб ба шумо муфидтар намуданд ва чаро?

4. Кадом хатарҳо ё маҳдудиятҳои истифодаи ЗС дар маорифро ҷиддитар мешуморед?

5. Ба назари шумо, хонандагонро ҷиҳати кор бо ЗС пеш аз ҳама бояд чиро омӯзонд?

6. Кадом усулҳо аз машғулияти пешниҳодшударо метавонед аллакай пагоҳ дар амалияи худ санҷед?

7. Ба назари шумо, кадом захираҳои нави рақамӣ муҳим аст, ки ба муҳити таълимии мактаб ворид карда шаванд?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.4.**

1. **Фарқи асосии муҳити рақамии таълимӣ аз рақамисозии одӣ дар чист?**
   a) Ҳузури китобҳои дарсии электронӣ ва рӯйнамоҳо, ки дар ҳар вақт дастрасанд
   b) Имкони нигоҳдорӣ ва пурра кардани маводҳо барои ғанисозии муҳтаво
   c) Маҷмӯи унсурҳои техникӣ ва муҳтавоӣ, ки якҷоя фаъолият мекунанд
   d) Истифодаи компютер ва смартфон дар дарс бо назардошти ҳадафҳо ва вазифаҳо
2. **«Таълими мутобиқшаванда» чӣ маъно дорад?**
   a) Омӯзгор барномаро вобаста ба руҳия ва имкониятҳои синф тағйир медиҳад
   b) Ба хонанда супоришҳое пешниҳод мешаванд, ки ба сатҳ ва суръати омӯзиши ӯ мутобиқанд
   c) Дарс бо истифодаи маводи гуногун дар шакли тағйирпазир гузаронида мешавад
   d) Хонандагон метавонанд мавзуҳои писандидаи худро барои омӯзиши амиқ интихоб кунанд
3. **Вазифаи муҳимтарини муҳити рақамии таълимӣ чист?**
   a) Нигоҳдорӣ ва паҳн кардани маводи электронӣ ва презентатсияҳо
   b) Ташкили нигоҳдории мавод дар компютер ва хидматҳои абрӣ
   c) Эҷоди шароит барои ҳамкорӣ миёни омӯзгор, хонанда ва захираҳо
   d) Истифодаи интернет барои ҷустуҷӯйи маълумоти иловагӣ
4. **Рақамисозӣ имрӯз ба мактаб чӣ фоида оварда метавонад?**
   a) Баланд бардоштани сифати таълим тавассути захираҳои интерактивӣ ва дастрас
   b) Ивази қисмӣ ё пурраи омӯзгор тавассути системаҳои автоматии таълим
   c) Коҳиши соатҳои таълим дар ҷадвал, сабуксозии бори омӯзгор
   d) Рад кардани қисм ё пурраи шаклҳои анъанавии назорат ва баҳодиҳӣ
5. **Кадом вазифаи рутинаро ЗС аллакай имрӯз метавонад иҷро кунад?**
   a) Гузаронидани экскурсияҳо ва сафарҳои таълимӣ
   b) Санҷиши тестҳо ва интихоби супоришҳои иловагӣ
   c) Муоширaт бо волидон ва маъмурияти мактаб
   d) Таҳияи барномаҳои таълимӣ ва нақшаҳои дарс
6. **Кадом хатар ба истифодаи ЗС дар маориф дахл дорад?**
   a) Тақвияти нақши омӯзгор ҳамчун роҳнамо ва ҳамоҳангсози раванди таълим
   b) Рушди тафаккури интиқодӣ ва фаъолиятҳои эҷодии омӯзгор ва хонандагон
   c) Аз даст рафтани мустақилият, коҳиши ангезаи фикр кардан дар омӯзгор ва хонанда
   d) Баланд шудани дақиқии ташхиси дониш, хонанда метавонад худро баҳогузорӣ кунад
7. **Вазифаи асосии омӯзгор дар шароити кор бо ЗС чист?**
   a) Гузоштани қисми функсияҳои шарҳдиҳӣ ба системаҳои автоматии таълим
   b) Роҳнамоии раванд, рушди тафаккури интиқодӣ ва мустақилияти хонанда
   c) Гузоштани ҳамаи функсияҳои санҷиш ва шарҳдиҳӣ ба зеҳни сунъӣ
   d) Тамаркуз танҳо ба ташкили дарс ва ҷанбаҳои техникии таълим.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ

3. Супоришҳои таълимӣ бо истифода аз зеҳни сунъиро барои тақвияти тафаккури хонандагон **тарҳрезӣ мекунед.**
4. Зеҳни сунъиро ҳамчун восита дар омодасозии дарсҳо **истифода мекунед.**

### КОРИ АМАЛӢ: ЗЕҲНИ СУНЪӢ ВА МУҲИТИ РАҚАМИИ ТАЪЛИМ

**Супориши 1. Ташхиси хурд: «Ман ва муҳити рақамии таълим»**

**Мақсад:** Муайян кардан, ки чӣ гуна мушовир татбиқи муҳити рақамӣ ва зеҳни сунъиро дар раванди таълим дар сатҳи муассисаи таълимӣ ё ноҳия роҳнамоӣ мекунад.

**Дастур:** барои ҳар як банд қайд кунед:

- **«Ҳа»** – агар шумо ин амалро мунтазам анҷом медиҳед ё бо боварӣ онро иҷро мекунед;
- **«Қисман»** – агар онро баъзан ё қисман анҷом медиҳед;
- **«Не»** – агар ҳоло онро дар фаъолияти худ истифода намебаред.

**Саволномаи хурд барои худбаҳодиҳӣ**

| Савол | Ҳа | Қисман | Не |
|---|---|---|---|
| 1. Дар бораи захираҳои рақамӣ ва воситаҳои зеҳни сунъӣ барои омӯзгорон маълумоти кофӣ дорам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 2. Ба омӯзгорон дар интихоби воситаҳои рақамӣ бо назардошти фанни таълимӣ ва сатҳи омодагии онҳо кумак мерасонам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 3. Чорабиниҳои методиро оид ба муҳити таълимии рақамӣ баргузор ё ташкил мекунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 4. Бо омӯзгорон афзалиятҳо, камбудиҳо ва хатарҳои эҳтимолии рақамисозиро муҳокима мекунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 5. Пайгирӣ мекунам, ки инфрасохтори рақамӣ дар муассисаҳое, ки ман фаъолият мекунам, чӣ гуна тағйир меёбад. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 6. Шаклҳои рақамиро (онлайн, LMS, паёмрасонҳо) барои дастгирии методӣ истифода мебарам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 7. Тавсияҳо оид ба истифодаи зеҳни сунъӣ дар раванди таълим пешниҳод мекунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 8. Қобилияти таҳлили таҷрибаҳои рақамии омӯзгоронро дорам (масалан, тавассути мушоҳидаи дарсҳо). | ☐ | ☐ | ☐ |
| 9. Саволҳои рақамисозиро ба мавзуи иттиҳодияҳои методӣ ё машваратҳои инфиродӣ дохил мекунам. | ☐ | ☐ | ☐ |
| 10. Ба омӯзгорон дар ташаккули муносибати интиқодӣ нисбат ба воситаҳои рақамӣ ёрӣ мерасонам. | ☐ | ☐ | ☐ |

**Сатҳ:**

- **Мушоҳидагар** – 3 ё камтар «Ҳа»: мушовир ҳанӯз худ мавзуъро меомузад ва амалҳои ҷудогонаеро ғайрисистемавӣ анҷом медиҳад.

- **Мушовир дар раванд аст** – 4–6 «Ҳа»: раванди рақамисозиро ба ӯҳда дорад ва пайгирӣ мекунад, вале ҳанӯз ҳамаи самтҳоро фаро намегирад.
- **Роҳбари пешбарандаи муҳити рақамӣ** – агар 7 ё бештар аз он ҷавоби «Ҳа» дошта бошад: ба таври огоҳона ва системавӣ амал намуда, барои пешрафти муассиса ёрӣ мерасонад.

**Супориши 2. «Хонанда + ЗС»**

**Мақсад:** таҳияи супориши таълимӣ барои хонандагон, ки ЗС дар он барои таҳлил кумак мекунад, на ин ки тафаккурро иваз мекунад.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Як мавзуъро аз барномаи таълимӣ интихоб кунед.** Ин метавонад мавзуе аз ихтисосатон бошад.
2. **Ду супориш барои хонанда бо истифодаи ЗС таҳия кунед** (нигаред ба ҷадвали 4 «Усулҳои истифодаи ЗС»):
   • Супориши аввалро бо истифодаи ҷадвал мутобиқ созед.
   • Супориши дуюмро мустақилона таҳия кунед — бо назардошти мавзуи дарс, мақсадҳои таълим ё идеяи педагогии шумо.
3. **Қадамҳои иҷрои супоришро аз ҷониби хонанда тавсиф намоед**:
   – Аввал чӣ кор мекунад, баъд чӣ, натиҷаи ниҳоӣ чӣ бояд бошад.
   – Дар назар гиред, ки кадом амалҳо тафаккурро рушд медиҳанд:
   • кор бо матн ё ҷавоби ЗС (хондан, ҷудо кардани асосҳо, саволгузорӣ);
   • таҳлил ва муқоиса (масалан, нуқтаи назар ё далелҳо);
   • ташаккули хулосаҳои шахсӣ.
4. **Натиҷаи интизоршавандаро нависед**. Чӣ маҳсулоти кории хонанда хоҳад буд (масалан: далелҳои ҷудошуда, хулоса, саволҳо ба матн).
5. **Супоришро бо варақаи назоратӣ санҷед**. Бовар ҳосил кунед, ки он тафаккурро воқеан тақвият медиҳад, на иваз мекунад.

| **Мавзуи дарс:** | | |
|---|---|---|
| **Супоришҳо барои ЗС** | **Қадамҳои иҷрои супориш аз ҷониби хонанда** | **Натиҷаи интизоршаванда** |
| 1 | 1) …<br>2) …<br>3) … | |
| 2 | 1) …<br>2) …<br>3) … | |

| Варақаи назоратӣ барои худсанҷӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Супориш ба мавзуи дарс алоқаманд аст | ☐ | ☐ |
| 2. Дар супориш мушкили таълимӣ мавҷуд аст: таҳлил, интихоб, далеловарӣ ё арзёбии интиқодӣ талаб мешавад | ☐ | ☐ |
| 3. Супориш барои хонандагони синф дастрас аст | ☐ | ☐ |
| 4. Супоришро дар ҷараёни як дарс иҷро кардан мумкин аст | ☐ | ☐ |
| 5. Дар супориш ҳамкорӣ, муҳокима ё баҳс байни хонандагон пешбинӣ шудааст | ☐ | ☐ |
| 6. Натиҷа маҳсули маъноиро дар бар мегирад (хулоса, далелҳо, саволҳо ва ғ.) | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС кори хонандаро тақвият медиҳад, на иваз мекунад | ☐ | ☐ |

**Супориши 3. «Омӯзгор + ЗС»**

**Ҳадаф:** дарк кардани он, ки чӣ гуна омӯзгор метавонад зеҳни сунъиро барои омодасозии дарс — таҳияи супоришҳо ва маводи методӣ — истифода бурда, ҳамзамон мавқеи муаллифии худро нигоҳ дорад.

**Марҳилаҳои иҷро:**

1. **Як мавзуъро аз барномаи таълимӣ интихоб кунед**
2. **Бо ёрии ЗС (ChatGPT, Copilot, Gemini ва ғ.) чунин маълмотро гиред**:
   - нақшаи дарс,
   - намунаҳои супориш барои хонандагон,
   - маводи шарҳдиҳӣ (матни кӯтоҳ, ҷадвал, тарҳ).
3. **Натиҷаро таҳлил намоед**:
   - кадом идеяҳоро метавон истифода бурд,
   - чӣ ниёз ба таҳрир ё ислоҳ дорад,
   - чӣ комилан номувофиқ аст.
4. **Варианти ниҳоии супориши таълимӣ** (ё фрагменти дарс) **тартиб диҳед**, ки дар он таҳрири муаллифии шумо мавҷуд бошад.

| Марҳила | Амалҳо | Натиҷа |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС | Масалан: «Нақшаи дарсро оид ба мавзуи … таҳия намо» | … |
| 2. Таҳлили натиҷа | Қайд кардед: чӣ мувофиқ аст; чӣ ниёз ба таҳрир дорад; чӣ номувофиқ аст | … |
| 3. Таҳрир/дархостҳои такрорӣ ба ЗС | Тағйироти худ, иловаи унсурҳои муаллифӣ мустақилона ё бо ёрии ЗС | … |

| Варақаи назоратӣ барои худсанҷӣ | Ҳа | Не |
|---|---|---|
| 1. Дархост ба ЗС дақиқ ва мушаххас буд | ☐ | ☐ |
| 2. Натиҷаи гирифташуда таҳлил шуд (мувофиқ/номувофиқ) | ☐ | ☐ |
| 3. Дархостҳои такрорӣ барои беҳтарсозӣ ё таҳрири «нуқтаӣ» истифода шуданд | ☐ | ☐ |
| 4. Дар супориши ниҳоӣ таҳрири муаллифии омӯзгор мавҷуд аст | ☐ | ☐ |
| 5. Супориши ниҳоӣ ба мавзуъ ва ҳадафҳои дарс мувофиқат мекунад | ☐ | ☐ |
| 6. Супоришро дар дарси география воқеан метавон истифода бурд | ☐ | ☐ |
| 7. Истифодаи ЗС дар омодасозии мавод вақтро сарфа кард | ☐ | ☐ |

**Саволҳо барои робитаи мутақобила**

- Кадом унсурҳое, ки ЗС пешниҳод кард, муфид буданд?
- Дар куҷо таҳрири шахсии шумо зарур шуд ва чаро?
- Ин таҷриба чӣ нишон медиҳад: ЗС кори омӯзгорро тақвият медиҳад ё онро иваз мекунад?

# МАВЗУИ 4

## Намуд ва принсипҳои ташкили дастгирии методӣ дар муассисаи таълимӣ ва ноҳиявӣ

**Чиро бояд донист?**

- Фаҳмиши муосир дар бораи нақши мушовир: аз назорат то дастгирӣ.
- Вазифаҳои асосии мушовир дар заминаи муносибати босалоҳият.
- Шаклхои гуногуни таъминоти методӣ: фардӣ ва умумӣ.
- Имкониятҳо барои сабт ва пешниҳоди таҷрибаи касбӣ (портфолио, мастер-классҳо, намоишгоҳҳо).
- Хусусиятҳои кор бо омӯзгорони сатҳҳои гуногуни касбӣ.

**Чиро бояд тавонист?**

- Ташхиси мушкилоти касбии омӯзгорон.
- Интихоби шаклҳои мувофиқи дастгирии методӣ вобаста ба дархости мушаххас.
- Тарҳрезӣ ва гузаронидани чорабиниҳои методӣ (тренингҳо, семинарҳо, бозиҳои корӣ).
- Ташкил намудани ҷомеаи касбӣ ва шароит барои мубодилаи таҷрибаи педагогӣ.
- Фароҳам овардани шароит барои намоиш додани таҷрибаи омӯзгорӣ.
- Кор кардан бо портфолиои омӯзгор ҳамчун воситаи рушд, на расмият.

**Саволҳои асосӣ барои муҳокима**

- Дар шароити муосири таълим мушовир чӣ нақш мебозад?
- Чаро кори методиро зери назорат гирифтан мумкин нест?
- Хадамоти методиро ҳамчун система, на маҷмӯи чорабиниҳо, чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст?
- Кадом шаклҳои дастгирӣ барои омӯзгорони сатҳи тахассуси гуногундошта самараноктаранд?
- Чӣ тавр мо метавонем ба омӯзгорон дар фаҳмидан ва пешниҳоди таҷрибаи касбии худ кумак кунем?
- Ба фаъолияти методии омӯзгорон чӣ халал ва чӣ ёрӣ мерасонад.

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ**

Пас аз анҷоми мавзуъ шумо метавонед:

1. Шаклҳои кори фардӣ ва умумии методиро аз ҳам фарқ кунед.
2. Шакли кори методиро вобаста ба дархости педагогӣ муайян кунед.
3. Воситаҳоро вобаста ба эҳтиёҷоти омӯзгорон интихоб карда, истифода баред.
4. Фаъолиятҳои хурди методиро бо истифодаи шаклҳои муосири методӣ ба нақша гиред.

# Муқаддима

Дар ҷаҳони зудтағирёбанда, талаботи нав ва сарбории зиёд ба омӯзгорон роҳнамоӣ ва дастгирӣ зарур аст, на санҷиш. Маҳз мушовир метавонад ба масири рушди шахс, интихоби шакли мувофиқ, фароҳам овардани фазои мубодила ва рушд кумак кунад.

Дар ин машғулият мо мебинем, ки ёрии методиро имрӯз дар муассисаҳои таълим чӣ тавр ташкил кардан мумкин аст: кадом шаклҳои кор мавҷуданд, талаботи педагогиро чӣ тавр фарқ кардан мумкин аст ва кадом шароит кори методиро фаъол ва самарабахш мегардонад. Ба шаклҳои **фардӣ** ва **умумии кори методӣ** диққати махсус дода мешавад — мо тафовути байни онҳо, кай ва барои чӣ истифода мешаванд ва кадом мушкилотро ҳал мекунанд, дида мебароем.

Дар давоми курс, шумо бо **ду воситаи ташхис шинос мешавед**: харитаи мушкилоти омӯзгор ва харитаи ҳолати хадамоти методӣ. Ин воситаҳо ба шумо барои дақиқтар муайян кардани эҳтиёҷоти омӯзгорон, ба нақша гирифтани дастгирӣ ва муайян кардани самтҳои такмил додани тамоми системаи методӣ кумак мекунанд.

Инчунин имкон доред, ки машқ кунед: шумо бо хусусиятҳои касбии омӯзгорон кор хоҳед кард ва фаъолияти хурди методиро дар асоси ҳадафҳои ҷории муассисаи таълимӣ тарҳрезӣ мекунед.

## Шарҳи мафҳумҳои асосӣ

**Дастгирии методӣ** маҷмӯи чорабиниҳоест, ки ба рушд ва расонидани ёрӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор нигаронида шудаанд.

**Дастгирии инфиродӣ** шакли методии кор мебошад, ки ниёзҳои шахсӣ, услуб ва мушкилоти касбии омӯзгорро ба назар мегирад.

**Шакли умумии дастгирӣ** кори гурӯҳӣ аз ҷониби омӯзгорон мебошад, ки ба якҷоя азхудкунии муносибатҳо, табодули таҷриба ва эҷоди як соҳаи ягонаи касбӣ нигаронида шудааст.

**Дастгирии методӣ** – дастгирии пайвастаи омӯзгорон дар шароити тағйирот, талаботи нав ва ниёзҳои касбӣ бо таваҷҷӯҳ ба афзоиш, на назорат.

**Кейси методӣ** маҷмӯи маводҳо (вазифаҳо, усулҳо, сенарияҳо) мебошад, ки бо як мавзуъ ё мушкилот барои ҳалли вазифаҳои методӣ муттаҳид шудаанд.

**Харитаи ташхисӣ** воситаи баҳодиҳии ҳолати кори методӣ ё мушкилоти касбии омӯзгорон дар асоси меъёрҳо ва микёсҳои дақиқ мебошад.

**Ҷомеаи касбӣ** як гурӯҳи омӯзгоронест, ки бо манфиатҳои касбӣ муттаҳид шудаанд, ки барои мубодилаи таҷриба ва рушди якҷоя ҳамкорӣ мекунанд.

## МАШҒУЛИЯТИ 1

### НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:

1. Шаклҳои кори фардӣ ва умумии методиро аз ҳам фарқ мекунед.
2. Шакли кори методиро вобаста ба дархости педагогӣ муайян мекунед



### АЗ МИСОЛҲОИ СОДА ОҒОЗ МЕКУНЕМ

**Чиро медонед ва мефаҳмед?**

Ин супориш санҷиши дониши шумо нест. Мақсади он фароҳам овардани нуқтаи ибтидоӣ барои кори минбаъда мебошад.

- Аввалан, ба изҳорот **дар алоҳидагӣ** бо интихоби «Дуруст» ё «Нодуруст» ҷавоб диҳед.
- Сипас, ҷавобҳои худро ҳамчун гурӯҳ муҳокима кунед ва ҳама гуна монандӣ ё фарқиятро дар ақидаҳо қайд кунед.

| Изҳорот | Дуруст | Нодуруст |
|---|---|---|
| 1. Кори методӣ пеш аз ҳама ин назорат кардани нақшаву ҳисоботи омӯзгорон аст. | | |
| 2. Машваратҳои фардӣ танҳо як шакли ҳисоботдиҳии мушовир мебошад | | |
| 3. Мушовири муосир на танҳо бо ғалатҳо, балки бо ҷиҳатҳои тавонои омӯзгор низ кор мекунад. | | |
| 4. Озмуни импровизатсияи педагогӣ танҳо барои омӯзгорони ҷавон фоиданок аст | | |
| 5. Дастгирии методӣ наметавонад тамоми дархосту талаботи омӯзгорро ба назар гирад | | |
| 6. Чорабиниҳо ҳар қадар зиёд шаванд, хадомоти методӣ ҳамон қадар беҳтар кор мекунад. | | |
| 7. Дастгирии методӣ метавонад танҳо ба принсипҳои ҳамроҳӣ асос ёбад | | |
| 8. Танҳо муҳити рақамӣ метавонад кори методиро замонавӣ созад | | |
| 9. Шаклҳои кор бо омӯзгорон бояд тағйирпазир ва гуногун бошанд | | |
| 10. Муҳим аст, ки омӯзгорон фаъолияти методиро ҳамчун захира қабул кунанд, на ҳамчун бори гарон. | | |

## ЧИРО БОЯД ДОНЕД?

**Варақаи иттилооттии 1.4 - ро бодиққат хонда, фаҳмиши худро ба мазмуни он арзёбӣ намоед.**

**Варақаи иттилооттии 1.4**

### 1. Нақши мушовир дар ташкили таъминоти методӣ

**Табдил додани нақши мушовир**

Мушкилоти муосири таълим – рақамикунонӣ, ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият ва васеъ намудани мустақилияти омӯзгор – аз нав дида баромадани нақши анъанавии мушовирро талаб мекунанд. Пештар диққати аввалиндараҷаи мушовир бештар ба назорат: тафтиши нақшаҳо, журналҳо ва ҳуҷҷатҳо — ба сифати нозир самаранок амал мекард.

Имрӯз нақши мушовир тағйир меёбад: онҳо ба шахсе табдил меёбанд, ки омӯзгоронро дастгирӣ ва кумак мекунанд - онҳоро дар ҷустуҷӯйи роҳҳои ҳал роҳнамоӣ мекунанд, пешниҳод мекунанд, ки дар куҷо фаъолияти наверо санҷанд ва дар куҷо амалҳои одаткардаашонро такмил дода метавонанд.

Чунин муносибат на танҳо аз тағйироти дохилӣ дар низоми маориф, балки бо таъсири омилҳои беруна – рушди босуръати технология, тағирёбии намуди хатмкунандаи муваффақ ва интизориҳои ҷомеа сурат мегирад.

Тавре дар Чаҳорчӯбаи миллии таҳсилот зикр шудааст: *«Низоми маориф бояд барои ҳар як хонанда шароит фароҳам оварад, ки салоҳиятҳои зарурии асри XII- ро heil диҳад. Ин муносибати дигарро барои дастгирии омӯзгорон тақозо мекунад - на ба назорат, балки ба дастгирии рушди онҳо нигаронида шудааст.»*

**Вазифаҳои муосири мушовир**

Дар заминаи тағйироти ҷорӣ, нақши мушовир дигар ба назорати расмӣ, санҷиши ҳуҷҷатҳо ё ташкили чорабиниҳо «барои ҳисобот» маҳдуд намешавад. Ин вазифаҳо акнун ба сатҳи дуюм мегузаранд.

Имрузҳо дар маркази диққати мушовир баланд бардоштани сатҳи касбии омӯзгорон мебошад.

<u>Вазифаҳои муосири мушовир аз инҳо иборатанд:</u>

- **Ташхиси эҳтиёҷот ва мушкилоти омӯзгорон**, мушовир муайян мекунад, ки омӯзгор дар куҷо ба дастгирӣ ниёз дорад, кадом мавзуъҳо, усулҳо ва малакаҳоро таҳия кардан лозим аст ва барои ин шаклҳои мувофиқи корро интихоб мекунад.
- **Ташкили фазои табодули таҷриба** – тренингҳо, мастер-классҳо, семинарҳои ҳалли мушкилот ва гурӯҳҳои хурди эҷодӣ (гурӯҳҳои хурд), ки аз рӯйи супориш ё самти мушаххас кор мекунанд, асоси кори методӣ мегарданд.
- **Дастгирӣ дар таҳияи супоришҳо ва вазъиятҳои таълимӣ** - мушовир ба омӯзгорон дар гузаштан аз модели репродуктивӣ ба фароҳам овардани муҳите, ки хонандагон фикрронӣ, ташаббус ва мустақилиятро рушд медиҳанд, кумак мекунад. Шаклҳои кор, аз қабили семинарҳо ва мусобиқаҳои методӣ, ки дар онҳо супоришҳоро муҳокима кардан, такмил додан ва санҷидан мумкин аст, самаранок мебошанд.

- **Азхудкунии муҳити таҳсилоти рақамӣ (МТР) ва воситаҳои нави ТИ** - мушовир кор бо захираҳои рақамиро меомӯзад ва омӯзгоронро дастгирӣ мекунад: намоиш додани имкониятҳо, мубодилаи таҷриба, муҳокимаи хатарҳо ва пешниҳоди ҳалли онҳо. Дар ин ҷо мушовир мутахассис нест, балки тарафдорест, ки дар баробари дигарон меомӯзад ва бозёфтҳои худро мубодила мекунад.

## 2. Шаклҳои кори методӣ

Мушовири муосир назоратчӣ нест, балки эҷодкунандаи фазои рушди касбӣ мебошад. Вазифаи вай фароҳам овардани шароитест, ки дар он омӯзгорон рушд ёбанд, чизҳои навро санҷанд, дастгирӣ ёбанд ва таҷрибаро мубодила кунанд.

Дар ин боб мо шаклҳои асосии кори методиро, ки онҳоро ба фардӣ ва умумӣ ҷудо кардаем, дида мебароем.

### 2.1. Шаклҳои фардии кори методӣ

**Шаклҳои фардии кор** имкон медиҳад, ки таҷриба, шавқу ҳавас ва душвориҳои ҳар як омӯзгор ба назар гирифта шавад. Барои мушовир муҳим аст, ки ин усулҳоро на танҳо ҳамчун дастгирӣ, балки ҳамчун роҳи мустаҳкам кардани эътимоди касбӣ ва рушд додани амалия бинад.

<u>Шаклҳои асосӣ:</u>

- **Машваратҳои фардӣ**

Бо хоҳиши омӯзгор ё дар асоси мушоҳида ва ташхис гузаронида мешаванд. Онҳо ба ҳалли масъалаҳои мушаххаси методӣ ёрӣ мерасонанд.

- **Худомузӣ**

На «масъулияти шахсии» омӯзгор, балки минтақаи дастгирӣ барои мушовир аст. Онҳо метавонанд захира, курсҳои онлайнӣ ва мақолаҳоро тавсия диҳанд ва дар таҳияи масири фардии рушд кумак расонанд.

- **Роҳбаладӣ**

Махсусан барои омӯзгорони навкор муҳим аст. Мушовир на танҳо роҳбаладонро таъин мекунад, балки:

  - душвориҳои хоси мутахассисони ҷавонро муайян мекунад;
  - мавзуъ ва шаклҳои фаъолияти муштаракро пешниҳод мекунад;
  - барои роҳбаладон ва таҷрибаомӯзон (маҷлисҳо, азназаргузаронии методӣ, семинарҳо) дар сатҳи муассиса ё ноҳия чорабиниҳои махсус ташкил мекунад;
  - барои таҳияи барномаҳои роҳнамоӣ ва мониторинги пешрафт кумак мекунад.

- **Кор дар мавзуи методии шахсӣ**

Дар бисёр муассисаҳои таълимӣ имрӯз ин кор асосан ба як расмият табдил ёфтааст. Аммо агар **он ҳамчун лоиҳаи** марбут ба таҷрибаи омӯзгор таҳия карда шавад, метавонад як воситаи воқеии рушд гардад.

<u>Барои ин ба шумо лозим аст:</u>

  - аниқ тартиб додани масъала (саволе, ки ба он ҷавоб меҷӯяд);
  - марҳала ва усулҳои ҳали онро нишон диҳанд;
  - **намоиши оммавии** натиҷаҳо — масалан, дар шакли дарси мастер-класс, дарси намунавӣ (кушод), гӯшаи методӣ, микрофони озод пешбинӣ карда шавад.

- **Мусоҳибаи методӣ**

Ин муколамаи кӯтоҳи байни мушовир ва омӯзгор мебошад, ки дар он мушкилоти ҷорӣ ва роҳҳои ҳалли имконпазир баррасӣ мешавад. Онро метавон ҳамчун воситаи робитаи мутақобилаи доимӣ ва дастгирӣ истифода бурд.

- **Портфолиои омӯзгор** як шакли инфиродии рушди касбӣ мебошад.

**Ин чӣ аст:**

Ба мисли ҷузвдони шахсии таҷрибаи омӯзгорӣ ва бозёфтҳои касбии омӯзгор, ки тибқи сарлавҳаҳо ҷамъоварӣ ва ба низом дароварда шудаанд.

Ин восита на танҳо барои сабт, балки инчунин барои таҳлили таҷрибаи худ, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои такмилдиҳӣ мебошад.

**Барои чӣ истифода мешавад:**

- дарки кори методии худ (на танҳо «ман чӣ кор мекунам», балки «чаро ва чӣ тавр»);
- муайян ва таҳияи роҳҳои муассир ва самарабахш;
- тайёрӣ ба намоиши омавии комёбиҳо;
- таҳкими эътимоди касбӣ;
- рушдии малакаҳои рефлексивӣ ва банақшагирӣ.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

Мушовир раванди омода намудани портфолиоро ҳамчун як қисми масири рушди инфиродӣ оғоз мекунад. **Самтҳои** эҳтимолӣ (сарлавҳаҳо, рубрикаҳо), ки дар он омӯзгор метавонад таҷрибаи худро ҳуҷҷатгузорӣ кунад, муҳокима карда мешавад:

- «Кашфиёти ман»
- «Мулоҳизаҳо дар бораи дарс»
- «Вазъиятҳои педагогӣ»
- «Ташкилкунандагони графикӣ»
- «Шуъбаи ашёи гумшуда ё ёфташуда»

Мушовир дар муайян кардани сохтори ҷузвдон (портфолио) кумак мерасонад, оид ба интихоби мавод ва шакли муаррифӣ маслиҳат медиҳад.

**Тайёрӣ ба муаррифӣ (рӯнамоӣ)**

Хусусияти муҳим: муаррифӣ **дар асоси принсипи интихоб** барои паст кардани шиддат ва баланд бардоштани ҳавасмандкунӣ таҳия шудааст. Аз омӯзгор хоҳиш карда мешавад, ки интихоб кунад:

- якчанд вазъиятҳои таълимӣ ё сенарияи дарс;
- як ё ду бозёфтҳои методӣ ё усулҳое, ки ӯ санҷидааст;
- як бахш ё қисмати он, ки мехоҳад нишон диҳад;
- коре, ки аз он фахр мекунад (супоришҳо, муаррифиҳо, маводи хонандагон).

Чунин муносибат муаррифиро аз ҷиҳати равонӣ бароҳат ва созанда мегардонад. Шакли муаррифӣ метавонад гуногун бошад (омӯзгор бояд интихоб дошта бошад): мастер-класс ё микрофони озод; озмуни «Беҳтарин портфолио» дар мактаб; ё як қисми ҳафтаи методӣ. *Таъсири асосӣ ин баланд шудани худбаҳодиҳӣ ва пайдоиши таҷрибаи «намоён»-и таълимӣ мебошад.*

Ҳамин тавр, шаклҳои фардии кори методӣ на фақат «кори як ба як», балки роҳи дастгирӣ намудани омӯзгори мушаххас ва роҳи рушди касбии онҳо мебошанд.

Барои он ки мушовир тавонад дар интихоби шаклҳои кори дуруст роҳ ёбад ва вазифаҳои ҳар яке аз шаклҳоро дарк кунад, мо онҳоро дар ҷадвали ҷамъбастӣ таҳия намудем:

**Ҷадвали 1. Шаклҳои инфиродии кори методӣ**

| Шакл | Тавсифи мухтасар | Мақсад / натиҷа |
|---|---|---|
| **Машваратҳои инфиродӣ** | Кумаки мақсаднок дар асоси дархост ё ташхис | Ҳалли мушкилоти мушаххас, роҳи фардии рушд |
| **Худомӯзӣ** | Дастгирӣ дар интихоби курсҳо, адабиёт ва захираҳо | Рушди шахсият, васеъ кардани уфуқҳои касбӣ |
| **Роҳнамоӣ** | Дастгирии омӯзгорони ҷавон, муайян кардани мушкилот ва ташкили ҳамкорӣ | Зуд ба ин касб шомил шудан, сифати кори омӯзгорони навкорро баланд бардоштан |
| **Кор аз рӯйи мавзуи методӣ** | Корҳои таҳқиқотӣ ва лоиҳавӣ бо натиҷаҳои амалӣ | Амиқтар кардани салоҳиятҳо, намоиши оммавии таҷриба |
| **Мусоҳибаи методӣ** | Суҳбатҳои кӯтоҳ бо омӯзгор барои муайян кардани дархостҳо ва расонидани дастгирӣ | Ташхиси фаврӣ, робитаи мутақобила, навсозии ниёзҳо |
| **Портфолиои омӯзгор** | Ба низом даровардан ва пешниҳоди таҷрибаи педагогӣ: бозёфтҳои методӣ, вазифаҳо | Мулоҳизаҳои касбӣ, сабти дастовардҳо, рушди эътимод, мубодилаи таҷриба |

Тавре ки шумо мебинед, ҳар як шакли кори инфиродӣ минтақаи самараноки худро дорад: аз посухи фаврӣ ба дархост то дастгирии дарозмуддат барои рушди касбӣ. Барои мушовир на танҳо азхуд кардани ин воситаҳо, балки инчунин тавоноии таҳияи низоми мантиқии дастгирӣ муҳим аст: шаклҳоро муттаҳид кардан, интихоби онҳо дар асоси марҳилаи рушди касбии омӯзгор ва ба таври мувофиқ гузаштан аз машварат ба лоиҳа, аз тавсияҳо ба ҷустуҷӯйи муштараки ҳалли онҳо.

## 2.2. Шаклҳои гурӯҳӣ ва умумӣ: омӯзиш тавассути ҷомеа

Хадамоти муосири методӣ ба ҷомеаи таҷрибаомӯзон такя мекунад. Усулҳои умумии кор на танҳо вохӯрӣ ва ё чорабиниҳои ҳисоботӣ, балки муҳити касбӣ мебошанд, ки дар он омӯзгорон метавонанд аз ҳамкасбон омӯзанд, маълумотҳои навро санҷанд ва робитаи мутақобила намоянд.

Ҳадафи асосии ин шаклҳо фароҳам овардани шароит барои кори дастаҷамъӣ ва табодули таҷриба, бахусус дар заминаи татбиқи муносибати босалоҳият, истифодаи вазъиятҳои таълимӣ ва кор бо захираҳои рақамӣ мебошад.

<u>Биёед шаклҳои асосӣ ва хусусиятҳоро дида бароем:</u>

### 1. Машғулиятҳои мавзуӣ

Шакли таълими кӯтоҳмуддати ба амалия нигаронидашуда барои омӯзгорон.

**Ин чист:** Машғулияти омӯзишии 30-60 дақиқа ба як вазифа ё воситаи мушаххаси методӣ нигаронида шудааст.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

- омӯзгори коршинос ё мушовир усул, роҳи ҳалли масъалаи ҷорӣ ё тарзи тарҳрезии вазъияти таълимро нишон медиҳад (масалан: *«Чӣ гуна супориш барои рушди саводнокии функсионалӣ дар мавзуи «Экосистема» таҳия мешавад?»*);
- иштирокчиён маводи пешниҳодшударо таҳлил намуда, барои татбиқи он муҳокима барпо мекунанд ва фавран кӯшиш мекунанд, ки онро ба мавзуъ ва дарсҳои худ мутобиқ намоянд;

- Дар охир аз душвориҳои ба амаломада, кашфиёт ва роҳҳои такмили он сухан меравад.

**Натиҷа:** лаҳзаҳои тайёри дарс, супоришҳо ва намунаҳои арзёбӣ, ки метавонанд фавран истифода шаванд ё мувофиқи ниёзҳои шумо тағйир дода шаванд.

**Арзиши ин шакли кор:** самаранокӣ, таваҷҷӯҳи амалӣ, қобилияти фавран санҷидани ғояҳо дар кори худ.

**Таъкидҳои методӣ:**

- таҳияи вазифаҳо дар асоси муносибати босалоҳият;
- истифодаи воситаҳои таълимии рақамӣ;
- эҷоди вазъиятҳои таълимӣ, ки ташаббус ва мустақилияти хонандагонро ҳавасманд мекунанд;
- ташаккули муҳити таълими рушдёбанда дар дарс.

**2. Семинарҳои проблемавӣ**

Шакли муҳокимаи душвориҳои педагогӣ тавассути таҳлили ҳодисаҳои воқеӣ ва мубодилаи таҷриба.

**Ин чӣ аст:** Маҷлиси омӯзгорон барои муҳокима кардани мушкилоти мушаххаси методӣ, ки дар кори ҳаррӯзаи онҳо ба миён меоянд. Иштирокчиён мисолҳоро мубодила мекунанд, муносибатҳои худро таҳлил ва якҷоя роҳҳои ҳалли онро меҷӯянд.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

- як масъалаи асосӣ пешакӣ тартиб дода мешавад (масалан: *«Ташаббуси хонандагонро ҳангоми кор дар гурӯҳҳо чӣ тавр зиёд кардан мумкин аст?»*);
- омӯзгорон аз амалияи худ мисолҳо интихоб мекунанд: супоришҳо, лаҳзаҳои дарс, мушоҳидаҳо;
- муҳокима дар шакли муколамаи умумӣ ва кори гурӯҳӣ сурат мегирад, ки дар он иштирокчиён вазъиятҳои пешниҳодшударо таҳлил мекунанд, фикру ақидаҳоро мубодила мекунанд ва роҳҳои рушди минбаъдаро муайян мекунанд.

**Натиҷа:** пайдоиши равишҳои алтернативии ҳалли як масъала, густариши усулҳо ва равишҳои методӣ, ташаккули ҳамдигарфаҳмӣ ва дастгирии касбӣ.

**Арзиши ин шакли кор:** вай барои рефлексия фазои мусоид фароҳам меорад, ба кас имкон медиҳад, ки ба масъала аз нуқтаи назари гуногун назар карда, ба мубодилаи таҷриба бе фишору расмиятчигӣ (зоҳирпарастӣ) мусоидат кунад.

**Таъкидҳои методӣ:**

- рушди тафаккури интиқодӣ дар байни омӯзгорон ва хонандагон;
- ташаккули вазъиятҳои таълимӣ дар дарсҳо;
- ҷалби омӯзгорон ба раванди банақшагирии тағйирот дар амалияи онҳо;
- таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои омӯзиш дар асоси салоҳиятҳо.

**3. Лоиҳаҳои муштараки методӣ**

Шакли кори муштараки омӯзгорон, ки барои эҷод, санҷидан ва паҳн кардани қарорҳои нави таълимӣ нигаронида шудааст.

**Ин чист:** Ташаббуси дарозмуддати иттиҳодияи методӣ ё дастаи омӯзгорон, ки вазифаи мушаххаси касбиро аз таҳияи супоришҳо ва воситаҳо то татбиқи равишҳои нав ба таълим ҳал мекунад.

**Намунаи лоиҳа:**

Ассотсиатсияи методии омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ лоиҳаи *«Системаи супоришҳо барои рушди малакаҳои баҳсталабии хонандагон»-ро амалӣ менамояд.*

Дар доираи лоиҳа:

- вазифаҳои дар амал истифода шаванда ҷамъ оварда мешаванд;
- бо дарназардошти **муносибати босалоҳият** ва мақсадҳои фанҳои мушаххас такмил дода мешаванд;
- дар дарсҳо бо таҳлили минбаъда санҷида мешаванд;
- натиҷаҳо дар чорабиниҳои методӣ (дарсҳои намунавӣ, гӯшаҳои методӣ, нашрияҳо, тренингҳо барои ҳамкорон) пешниҳод карда мешаванд.

**Натиҷа:** бонки супоришҳо, шаклҳои санҷидашудаи корҳои таълимӣ ва воситаҳои мушаххасе, ки барои истифода дар дарсҳо омодаанд, таъсис дода мешаванд.

**Арзиши ин равиш дар он аст, ки** он ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки на танҳо ҳалли тайёрро истифода баранд, балки воситаҳои худро дар асоси таҷрибаи воқеӣ ва муҳокимаи муштарак эҷод кунанд. Он иштирокро зиёд намуда, ҳисси руҳияи дастаро мебардорад.

**Таъкидҳои методӣ:**

- мусоидат ба кори дастаҷамъона ҳамчун шарти рушди касбӣ;
- таҳияи вазъиятҳои таълимӣ, ки ба салоҳиятҳои асосӣ нигаронида шудаанд;
- ташаккули муҳити таълимӣ дар таҷрибаи педагогии омӯзгорон.

### 4. Ҳафтаҳо/даҳаҳои методӣ

Силсилаи чорабиниҳо, ки бо як мавзуи умумӣ муттаҳид шудаанд, ба масъалаи ягонаи методӣ ҷалб кардани коллектив нигаронида шудаанд.

**Ин чист:** Ҳафтае ё даҳ рӯзе, ки дар давоми он омӯзгорон як ҷанбаи мушаххаси таҷрибаи худро тавассути як силсила чорабиниҳо меомӯзанд, месанҷанд ва муҳокима мекунанд: дарсҳо, муҳокимаҳо, намоишгоҳҳо, семинарҳо.

**Мисол:**

*Ҳафтаи вазъияти таълимӣ*:

- ҳар як омӯзгор дарсро бо таваҷҷуҳ ба ташаккули **салоҳиятҳои асосӣ мегузаронад** (масалан, кор бо иттилоот, баҳс, омӯзиши муштарак);
- дар ҷаласаҳои ғайринавбатии методӣ муҳокимаи роҳу душвориҳо сурат мегирад;
- намоиши супоришҳо, сенарияҳои вазъиятҳои талимӣ, усулҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ва ғайра ташкил карда мешавад;
- мизи мудаввари ниҳоӣ бо хулосаи натиҷаҳо имконпазир аст.

**Натиҷа:** фаъол гардондани аҳли коллектив ба як мавзуи методӣ; паҳн намудани карорҳои бомуваффақият ва кашфиёти методӣ.

**Арзиши ин шакли кор:** он имкон медиҳад, ки на танҳо бо таҷрибаи нав шинос шавед, балки *тамоми муассисаро ба он «гарқ кунед»*, равишҳоро муқоиса кунед ва самти умумии рушдро бинед.

**Таъкидҳои методӣ:**

- тарҳрезии вазъиятҳои таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳо нигаронида шудаанд;
- истифодаи захираҳои таълимии рақамӣ;
- таҳияи муҳити таълимӣ, ки рушди ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгоронро дастгирӣ мекунад.

### 5. Ҷаласаҳои якҷояи ИМ

Шакли ҳамкории байнифаннӣ, ки ба ҳамоҳангсозии равишҳо ва густариши доираи касбӣ равона шудааст.

**Ин чист:** ҷаласаҳои ду ва ё зиёда иттиҳодияи методӣ, ки дар он омӯзгорон вазифаҳои умумии педагогиро муҳокима намуда, дар мазмуну усулҳои таълим нуктаҳои умумиро ҷустуҷӯ мекунанд.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

- қаблан, мавзуи барои ҳамаи омӯзгорон мувофиқ муайян карда мешавад (масалан, *«Ташаккули салоҳиятҳои экологӣ дар сатҳҳои гуногуни таҳсилот»*);
- омӯзгорон намунаҳои супоришҳо, лаҳзаҳои дарс ва усулҳоеро омода мекунанд, ки муносибати онҳоро ба мавзуъ инъикос мекунанд;
- мубодилаи таҷриба, муайян намудани умумиятҳо ва тафовутҳо, муҳокимаи тадбирҳои имконпазири якҷоя.

**Мисол:** Ҷаласаи якҷояи омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ва биология дар мавзуи тарбияи экологӣ:

- дар зинаи ибтидоии таҳсилот вазифаҳои ташаккул додани муносибати ғамхорона ба табиатро нишон медиҳанд;
- омӯзгорони биология — мисолҳои таҳлили мушкилоти экологӣ ва қисматҳои умумӣ ва идеяи лоиҳаҳоро таҳия менамоянд.

**Натиҷа:**

- ҳамоҳангсозии равишҳои таълимӣ байни фанҳо;
- ғояҳо **барои дарсҳои ҳамгирошуда** ва **лоиҳаҳои байнифаннӣ**;
- таҳкими робитаҳо дар фазои муассисаи таълимӣ.

**Арзиши ин равиш** ташаккули назари ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои асосӣ дар хонандагон ва мусоидат ба муттаасилӣ ва малакаҳои байниҳамдигарӣ дар омӯзиш.

**Таъкидҳои методӣ:**

- робитаҳои байнифанӣ ҳамчун воситаи баланд бардоштани таъсири таълимӣ;
- фаъолияти лоиҳакашӣ ва таҳқиқотӣ;
- муҳити ягонаи таълимӣ, ки дар он фанҳо ҷудо нестанд, балки барои як ҳадаф кор мекунанд.

**6. Озмуни импровизатсияи педагогӣ**

Шакли ҳамкории осон ва фаъоли методӣ, ки фаъолияти касбӣ ва ба мубодилаи кашфиёт ҳавасмандиро водор месозад.

**Ин чист:** Озмуни ғайрирасмӣ, бидуни омодагӣ, ки дар он омӯзгорон аз амалия намуна меоранд, усулҳои таълим ё ғояҳои педагогиро ба таври импровизатсия мубодила мекунанд.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

- Ташкилотчиён **мавзуи озмунро**, ки ба кори ҳаррузаи омӯзгор дахл доранд, пешакӣ муайян мекунанд;
- ҳар як иштирокчӣ 3—5 дақиқа **барои нақл кардан** ё **намоиш додани** техника, супориш ё вазъияти педагогӣ сарф мекунад;
- баромадҳо ба таври ногаҳонӣ баргузор мешаванд — бе омодагии пешакӣ ва бе муаррифӣ;
- Он чизе, ки баҳо дода мешавад, на сифати тарҳрезӣ, балки фаровонии ғояҳо, асолат ва дар амал татбиқшаванда будан.
- Он метавонад дар шакли мусобиқаи даставӣ (дунафраӣ ё гурӯҳҳо – 3 омӯзгор дар як даста) гузаронида шавад.

**Мавзуъҳои эҳтимолӣ:**

- *«Нишондодҳои педагогӣ»* - нишон додани усулҳое, ки аксар вақт дар синф кумак мекунанд.

- *«Чизҳои ҷолиби дар наздат»* - мубодилаи далелҳо, мушкилот ё мисолҳои ғайриодӣ, ки мавзуъро ҳаётӣ ё воқеӣ мегардонанд.
- *«Озодии интихоб»* - нишон додани вазифа ё равишҳое, ки хонанда метавонад **чиро** ва **чӣ тавр интихоб кунад**.

**Натиҷа:**

- тавлиди босуръати ғояҳои методӣ;
- ба вуҷуд омадани «бонки фаъоли техника» дар асоси амалияи воқеӣ;
- афзудани иштирок ва шавқу ҳаваси ҳамдигарии омӯзгорон.

**Арзиши ин шакли кор:**

- захираҳои калон ё омодагӣ талаб намекунад;
- ба осонӣ дар ҳама сатҳ ташкил карда мешавад - аз муассисаи таълимӣ то ноҳия;
- фазои ҳамкорӣ, ҳаяҷон ва рақобатро ба вуҷуд меорад.

**Таъкидҳои методӣ:**

- супоришҳои гуногун, ки тафаккур ва интихобро ба вуҷуд меоранд;
- унсурҳои муносибати босалоҳият, ки дар усулҳои амалӣ пинҳон шудаанд;
- таваҷҷуҳ **ба омӯзиши мисолҳои ҳаёти воқеӣ** ва ҷустуҷуйи роҳи ҳал дар ҷойи ҳодиса.

### 7. Бозиҳои корӣ ва кейсҳои педагогӣ

Шакли мубоҳисаи фаъол, ки дар он омӯзгорон ҳолатҳои ғайристандартӣ ё мушкилотро аз таҷрибаи мактабӣ мубодила ва ё таҳлил мекунанд.

**Ин чист:** Фаъолияти бозӣ ё дар асоси кейс, ки дар он иштирокчиён тавассути вазъияте кор мекунанд, ки қабули қарор ва арзёбии оқибатҳоро талаб мекунад.

**Чӣ тавр он амалӣ карда мешавад:**

- мушовир **вазъияти воқеиро** аз ҳаёти муассисаи таълимӣ интихоб мекунад;
- иштирокчиён муҳокима мекунанд**, ки онҳо чӣ гуна амал мекунанд**, дар ҷойи қаҳрамони кейс чӣ гуна чораҳо меандешанд;
- кор дар гурӯҳҳои хурд бо пешниҳоди минбаъдаи ҳалли мушкилот ва таҳлили фарқиятҳо имконпазир аст;
- мушовир ҷавоби тайёр намедиҳад, балки муҳокимарониро роҳбарӣ мекунад, душворӣ ва захираҳои асосиро ошкор мекунад.

**Намунаҳои мавзуъҳо:**

- *Чӣ тавр ба шикояти волидайн дар чати синф ҷавоб додан мумкин аст.*
- *Дарсро як гурӯҳи хоандагони «фаъол» вайрон карданд* (чӣ гуна вазъиятро бидуни муқобилият идора кардан мумкин аст?)
- *Чӣ бояд кард, агар нисфи синф бе иҷрои вазифаи хонагӣ ба синф ҳозир шаванд* (чӣ гуна бояд дарсро мутобиқ ва хонандагонро ҳавасманд кард?)

**Натиҷа:**

- рушди тафаккури касбӣ ва қобилияти амал кардан дар шароити ғайристандартӣ;
- мубодилаи таҷриба ва стратегияи рафтор дар ҳолатҳои душвори педагогӣ;
- рушди рефлексияи касбӣ.

**Арзиши ин шакли кор:**

- фазои бехатар барои таҳлили ҳолатҳои душвор;
- *ба рушди тағйирпазирии касбӣ*, тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои қабули қарорҳои даста мусоидат мекунад;
- ба омӯзгорон барои дидани нуқтаи назар ва равишҳои гуногун ёрӣ мерасонад.

**Таъкидҳои методӣ:**

- татбиқи муносибати босалоҳият тавассути таҳлили амалия;
- рушди малакаҳои рефлексия (инъикос) ва муоширaт;
- амсиласозии вазъиятҳои воқеии таълимӣ ё касбӣ.

## 8. Шаклҳои намоиши комёбиҳои касбӣ

Бидуни системаи эътироф ва ҳавасмандкунӣ, ҳатто бомуваффақияттарин фаъолияти методӣ метавонад зуд муқаррарӣ шавад. Барои мушовирҳо муҳим аст, ки шаклҳоеро роҳандозӣ кунанд, ки ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки натиҷаҳои худро нишон диҳанд, худро дар нақши нав бубинанд ва барои кори худ қадр карда шаванд.

<u>Шаклҳои имконпазир:</u>

⇒ **Фестивалҳои методӣ**
Чорабинии ниҳоӣ, ки дарсҳои маҳорат, муаррифӣ ва намоишгоҳҳои педагогиро муттаҳид мекунад.

*Ин чист:* Як қатор чорабиниҳо дар тӯли 1-2 рӯз, ки ҳар як омӯзгор метавонад таҷрибаи худро мубодила кунад.

*Натиҷа:* муҳити илхомбахш, мубодилаи таҷрибаи пешқадам, идеяҳои нав. *Хусусиятҳо:* мумкин аст бо мусобиқаҳо, тренингҳо ва «озмоишҳои касбӣ» ҳамгиро карда шаванд.

⇒ **Ҳимояи ҷамъиятии лоиҳаҳо / мавзуъҳои методӣ**

*Ин чист:* Муаррифии намунавии омӯзгор дар бораи кори худ доир ба мавзуъ ё лоиҳа.

*Натиҷа:* мулоҳиза, огоҳӣ аз рушди шахсӣ, таваҷҷуҳи ҳамкорон.

*Маслиҳат:* онро ба «ҳисобот» табдил надиҳед, балки онро ҳамчун рӯйдод - масалан, хониши педагогӣ ё «микрофони озод» тасвир кунед.

⇒ **Шаклҳои сабук ва ғайрирасмӣ**
Мисол, *«КВН-и педагогӣ»* бозиест, ки мазҳака, дониш ва кори дастаҷамъиро дар бар мегирад.
*Натиҷа:* фароҳам овардани муҳити мусоид, таҳкими эътимод ва кори гурӯҳӣ.

**Маслиҳат барои мушовир:**
Новобаста аз он ки шумо кадом шаклро истифода мебаред, муҳим аст**, ки он як рӯйдод** ва аз ҷиҳати эҳсосотӣ, пурмазмун ва хотирмон бошад. Фақат дар он сурат омӯзгор қувваи пешравӣ пайдо мекунад.

## 9. Марказҳои эҷодӣ

Вақте ки дар муассисаи таълимӣ чаҳорчӯбаи устувор ва дастгирикунандаи методӣ таъсис дода мешавад, **марказҳои рушд пайдо мешаванд** - омӯзгороне, ки мехоҳанд таҷрибаи беҳтарини худро мубодила кунанд, таҷриба гузаронанд ва ба ҳамкасбони худ роҳбарӣ кунанд. Маҳз дар атрофи чунин шахсон семинарҳои эҷодӣ фазоҳоро, ки дар онҳо равишҳои нав ба вуҷуд меоянд ва санҷида мешаванд ташкил медиҳанд.

**Ин чист:** Гурӯҳи хурди омӯзгороне, ки дар таҳия ва санҷиши ҳалли мушаххаси методӣ кор мекунанд: супоришҳои таълимӣ, моделҳои дарсҳо, тренингҳо, усулҳои ташаккулдиҳанда - ҳамчун як қисми методологияи таълим.

**Натиҷаи марказ:**

- сенарияҳои методии вазъиятҳои таълимӣ;
- воситаҳои ташхис ва робитаи мутақобила;

– қолабҳо барои дарсҳо, лоиҳаҳо, тренингҳо;
– дастурҳо, харитаҳои технологӣ, воситаҳои аёнӣ оид ба мавзуъҳо;
– маҷмӯи вазифаҳои ба рушди салоҳият асосёфта;
– Таҳлили видео: омӯзгор дарсро сабт мекунад + таҳлили муштарак: чӣ кор кард ва чиро мустаҳкам кардан мумкин аст.

**Вазифаи мушовир** на танҳо аз он иборат аст, ки ин гуна омӯзгоронро дастгирӣ намояд, балки инчунин:

- барои сохторбандии таҷрибаи онҳо кумак расонад;
- барои паҳн кардани он шароит фароҳам орад;
- чорабиниҳои намоишӣ – гӯшаҳо, намоишҳои методӣ, дарсҳои маҳорат, видеодарсҳо ташкил кунанд.

**Чаро ин муҳим аст:**

Чунин семинарҳо на танҳо як анбори андешаҳо, балки **як нуқтаи марказӣ мешаванд**. Онҳо ба омӯзгорон имконият медиҳанд, ки аз доираи синфҳои худ берун раванд, эътимоди касбӣ ва таъсирро ба даст оранд. Ва мушовир дар ин низом шахси пайвасткунандаи рушд мегардад.

**Натиҷаҳо: Чаро кори муосири методӣ лозим аст**

Кори муосири методӣ на танҳо маҷмӯи фаъолиятҳо, балки воситаи ташаккули муҳити касбӣ ва сифати таълим мебошад:

- **омӯзгор** – ҷиҳати эҳсоси боварӣ, дидани рушд, пайдо кардани дастгирӣ ва воситаҳои амалӣ кумак мекунад;
- **мушовир** на ҳамчун ниҳоди назоратӣ, балки ҳамоҳангсоз, роҳбалад ва илхомбахш гардад;
- **муассисаи таълимӣ** бояд фарҳанги устувори рушд, мубодила, кори дастаҷамъона ва навгониро эҷод кунад;
- **низоми маориф** бояд ба талаботи замон ҷавобгӯ бошад, салоҳиятҳои асри 21-ро рушд диҳад ва стандартҳои навшударо татбиқ намояд.

Мушовири муосир меъмори муҳити таълимист, ки дар он ҳам хонандагон ва ҳам омӯзгорон ба воя мерасанд.

Дар ҳоле ки шаклҳои инфиродӣ ба дастгирии мақсаднок ва рушди ҳар як омӯзгор нигаронида шудаанд, шаклҳои умумӣ ба фазои ҳамкорӣ, эҷоди муштарак ва мубодила табдил меёбанд. Онҳо ба фароҳам овардани муҳити касбӣ кумак мекунанд, ки дар он омӯзгорон на танҳо равишҳои навро азхуд мекунанд, балки онҳоро якҷоя эҷод мекунанд. Барои ба низом даровардани ин шаклҳо мо онҳоро дар шакли ҷадвал пешниҳод мекунем:

**Ҷадвали 2: Шаклҳои умумии кори методӣ**

| Шакл | Тавсифи мухтасар | Мақсад / натиҷа |
| --- | --- | --- |
| **Тренингҳои мавзуӣ** | Дарсҳои кутоҳмуддати ба амалия нигаронидашуда дар мавзуъҳои методӣ | Супоришҳои тайёр, ғояҳои дарс, азхудкунии равишҳо ва воситаҳои рақамӣ |
| **Семинарҳои проблемавӣ** | Баррасии мушкилоти педагогӣ тавассути таҳлили ҳолатҳои воқеӣ | Гунаҳои ҳал, мубодилаи таҷриба, рушди тафаккури интиқодӣ |
| **Лоиҳаҳои методии коллективӣ** | Якҷоя кор карда баромадан, санҷидан ва пешниҳоди усулҳо, вазифаҳо ва шаклҳои нави кор | Махзани вазифаҳо, моделҳо, афзоиши фарҳанги даста, татбиқи муносибати босалоҳият |

| | | |
|---|---|---|
| **Ҳафтаҳо/даҳаҳои методӣ** | Силсилаи чорабиниҳо дар як мавзуъ: дарсҳо, сӯҳбатҳо, намоишҳо | Ҷалби коллектив, ҷамъоварии таҷрибаи бомуваффақият, ба вуҷуд овардани бонки вазъияти таълимӣ |
| **Ҷаласаҳои якҷояи ИМ** | Муносибати байнифаннӣ, таҳлили муштараки равиш ва супоришҳо | Пайвастагӣ, идеяҳои ҳамгироӣ, рушди фазои ягонаи таълимӣ |
| **Озмуни импровизатсияи педагогӣ** | Муаррифиҳои хурд ва омоданашуда дар мавзуъҳои амалӣ | Ҳавасмандӣ, «бонки кашфиётҳои педагогӣ», муҳити иштирок ва мубодилаи фаъолона |
| **Бозиҳои корӣ ва кейсҳои педагогӣ** | Амсиласозии ҳолатҳои мураккаб, муҳокимаи стратегияҳои рафтор | Рушди чандирӣ, рефлексия (инъикос) ва тафаккури касбӣ |
| **Шаклҳои намоиши комёбиҳо** | Фестивалҳо, ҳимояи лоиҳаҳо, гӯшаҳо, «КВН-и педагогӣ» | Ҳавасмандкунӣ, эътироф, паҳн кардани таҷриба |
| **Марказҳои эҷодӣ** | Кор дар гурӯҳҳои хурд оид ба офаридани маводи методӣ ва таҳлили амалия | Тавлиди қарорҳои нав, марказҳои рушд ва паҳн кардани таҷрибаи касбӣ |

Шаклҳои умумии кори методӣ на танҳо рушди салоҳият, балки тарбияи фарҳанги ҷустуҷӯйи муштарак, дастгирии ҳамдигар ва муколама мебошанд. Махсусан муҳим аст, ки ин шаклҳо ба расмият табдил наёбанд: мушовир бояд ба **мувофиқати мавзуъҳо**, **майли омӯзгорон ба иштирок** ва **аҳамияти амалии натиҷаҳо диққат диҳад**. Низоми хуб тартибдодашудаи шаклҳои умумии кори методӣ ба мустаҳкам шудани ҷамъияти касбӣ мусоидат карда, барои нав кардани амалияи педагогӣ манбаи ҳақиқӣ мегардад.

**ЗАМИМАИ 2.**

**Ҷадвали ташхиси мушкилоти омӯзгорон**

**Мақсад**: муайян кардани мушкилоти касбии омӯзгор ва самтҳои дастгирии методӣ.

**1. Маълумоти умумӣ**

Номи пурраи омӯзгор______________________________________________

Фан(ҳо) ________________________________________________________

Таҷрибаи омӯзгорӣ/категория________________________________________

Синф(ҳое), ки бо онҳо кор мекунад____________________________________

**2. Мушкилоте, ки омӯзгор аз сар мегузаронад**

*(аз рӯйи зарурат интихоб кунед ё нависед)*

**A. Методика ва мазмуни дарс**

□ Мушкилоти банақшагирии вазъиятҳои таълимӣ
□ Душвориҳо дар таҳияи мақсадҳо ва натиҷаҳо
□ Нарасидани маводи таълимӣ
□ Аз натиҷаҳои хонандагон норозӣ

**B. Кор бо синф**

□ Мушкилот бо интизом
□ Мушкилот дар ташкили кори гурӯҳҳо
□ Ҳавасмандии пасти хонандагон
□ Душвор будани ҷалби хонандагони сустхон

**В. Арзёбӣ**

□ Мушкилот дар арзёбии ташаккулдиҳанда
□ Мушкилот дар таҳияи меъёрҳо
□ Намудҳои гуногуни шаклҳои санҷиш кофӣ нест

**G. Такмили ихтисос**

□ Барои худомузӣ вақт намерасад
□ Фаҳмиши дақиқ дар бораи он ки чӣ бояд рушд ёбад, вуҷуд надорад
□ Дастгирӣ нест/ роҳбалад нест

**3. Мавзуъҳои ҷолибтарин/муҳимтарин барои дастгирии методӣ**

*(яке аз афзалтарро интихоб кунед)*

□ Муносибати босалоҳият
□ Вазъиятҳои таълимӣ
□ Маҳорати универсалӣ
□ Шаклҳои арзёбӣ
□ Фаъолиятҳои лоиҳавӣ
□ Захира ва воситаҳои рақамӣ
□ Бо ҳавасмандкунӣ кор кардан
□ Усулҳои идоракунӣ дар синф

**4. Шаклхои афзалиятноки дастгирии методӣ**
*(гунаи муносибро интихоб кунед)*

- ☐ Машваратҳои фардӣ
- ☐ Семинарҳои мавзуӣ
- ☐ Семинарҳои проблемавӣ
- ☐ Роҳбаладӣ
- ☐ Маркази эҷодӣ
- ☐ Иштирок дар лоиҳа
- ☐ Худтакмилдиҳӣ ва дастгирӣ
- ☐ Муҳокимаи дарс (видео тренинг, таҳлил)
- ☐ Портфолиои омӯзгор

**5. Шарҳи мушовир**
*(кайдҳо аз суҳбат/мушоҳидаҳо)*

____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________
____________________________________________________________

**ЗАМИМАИ 3.**

**Харитаи ташхисии хадамоти методии муассисаи таълимӣ**

**Мақсад**: арзёбии ҳолат, сифат ва самтҳои рушди кори методӣ дар муассисаи таълимӣ.

**1. Ташкили кори методӣ**

| Савол | Баҳо (аз 1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Оё консепсия/стратегияи кори методӣ вуҷуд дорад? | |
| 2. Оё ҳадафҳои кори методӣ бо ҳайати омӯзгорон мувофиқа карда шудаанд? | |
| 3. Нақшаи кори методӣ то чӣ андоза талаботи воқеиро инъикос мекунад? | |
| 4. Оё мушкилоти омӯзгорон мунтазам ташхис карда мешавад? | |

**2. Дастгирии инфиродии омӯзгорон**

| Савол | Баҳо (аз 1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Оё машваратхои фардӣ бо омӯзгорон мунтазам гузаронда мешаванд? | |
| 2. Оё роҳбаладӣ ташкил карда шудааст? | |
| 3. Оё барои мутахассисони ҷавон дастгирӣ вуҷуд дорад? | |
| 4. Оё тартиби мукофотонидани рушди касбӣ вуҷуд дорад? | |

**3. Шаклҳои кори умумӣ (коллективӣ)**

| Савол | Баҳо (аз 1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Оё тренинг ва семинарҳои мавзуӣ вуҷуд доранд? | |
| 2. Оё ягон марказҳои эҷодӣ/гурӯҳҳои лоиҳавӣ вуҷуд доранд? | |
| 3. Оё шаклҳои ғайристандартӣ истифода мешаванд (КВН, фестивалҳо, озмунҳо ва ғайра)? | |
| 4. Оё кори иттиҳодияҳои муштараки фаннӣ ташкил карда шудааст? | |
| 5. Оё омӯзгорон дар эҷод/озмоиши маводи таълимӣ иштирок мекунанд? | |

**4. Арзёбии фаъолнокии ҳайати омӯзгорон**

| Савол | Баҳо (аз 1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Омӯзгорон ба кори методӣ то чӣ андоза фаъолона иштирок мекунанд? | |
| 2. Оё ягон гурӯҳи ташаббускор ё роҳбарии омӯзгорӣ мавҷуданд? | |
| 3. Оё омӯзгорон омодаанд, ки таҷрибаи худро ба таври оммавӣ мубодила кунанд (семинарҳо, лавҳаҳо)? | |

### 5. Рақамикунонӣ ва муносибати муосир

| Савол | Баҳо (аз 1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Оё дар кори методӣ воситаҳои рақамӣ истифода мешаванд? | |
| 2. Оё барои рушди системаҳои таҳсилоти рақамӣ ва ТИК аз ҷониби омӯзгорон дастгирӣ карда мешавад? | |
| 3. Оё барои татбиқи муносибати босалоҳият кор бурда мешавад? | |
| 4. Оё супориш ва вазъиятҳои таълимӣ барои рушди малакаҳои асосӣ таҳия шудаанд? | |

### 6. Мониторинг ва робитаи мутақобила

| Савол | Баҳо (1 то 3) + Шарҳ |
|---|---|
| 1. Оё самараи кори методӣ мунтазам назорат карда мешавад? | |
| 2. Чӣ тавр робитаи мутақобила аз омӯзгорон ҷамъоварӣ карда мешаванд? (саволнома, мусоҳиба ва ғ.) | |
| 3. Оё маълумоти ташхисӣ барои ислоҳ кардани нақшаҳо истифода мешавад? | |

### 7. Минтақаҳои рушд

| Самт | Сатҳи | | | Тавсияҳо |
|---|---|---|---|---|
| | паст | миёна | баланд | |
| 1. Кори фардӣ бо омӯзгорон | | | | |
| 2. Шаклҳои умуми (коллективона)-и кори методӣ | | | | |
| 3. Истифодаи воситаҳои рақамӣ | | | | |
| 4. Фаъолияти навоваронаи омӯзгорон | | | | |
| 5. Маданияти рефлексия (инъикос)-и методӣ | | | | |

**Миқёси арзёбии хидмати методии муассисаи таълимӣ (1–3)**

**1 хол - сатҳи ибтидоӣ/мушкил.** Кор хусусияти расмӣ дорад, система нест, фаъолияти коллективи педагогӣ нисбатан суст аст.

**2 хол – сатҳи асосӣ/рушдёбанда.** Унсурҳои кори системавие вуҷуд доранд, ки баъзе таҷрибаи бомуваффақият мавҷуданд, вале мувофиқ нест. Шаклҳои кор гуногунанд, вале бо ҳам алоқаи суст доранд. Омӯзгорон қисман ҷалб шудаанд.

**3 хол – сатҳи устувор.** Кори методӣ мураттаб ба роҳ монда шудааст. Банақшагирӣ ба ташхис асос ёфтааст. Усулҳои гуногуни инфиродӣ ва гурӯҳӣ истифода мешаванд. Омӯзгорон ҷалб шудаанд, таҷрибаи пешқадам омӯхта, паҳн карда мешавад.

## Ҷамъбаст: хулосаҳои асосӣ

1. **Мушовири имрӯза назоратчӣ не, балки роҳнамои рушди касбӣ мебошад.**
   Вазифаи онҳо на тафтиш, балки фароҳам овардани шароитест, ки дар он омӯзгорон рушд ёфта, чизҳои навро месанҷанд, дастгирӣ ё робитаи мутақобила мегиранд.

2. **Кори методӣ як система аст, на маҷмӯи тадбирҳо.**
   Танҳо муносибати системанок бо таваҷҷуҳ ба эҳтиёҷоти омӯзгорон, шаклҳои гуногун ва тамаркуз ба муносибати босалоҳият метавонад натиҷаҳои устувор орад.

3. **Инкишоф ба воситаи ҷамъият ба амал меояд: шакҳои умумии кори методӣ маданияти касбиро устувор мегардонад.**
   Баҳсҳои дастаҷамъона, лоиҳаҳои муштарак, ҳафтаҳои методӣ ва шаклҳои кейс ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки на танҳо чизҳои навро омӯзанд, балки таҷрибаи худро якҷоя тағйир диҳанд.

4. **Муҳити рақамии таълим - восита, на ҳадаф.**
   Мушовир ба омӯзгорон барои азхуд кардани ин воситаҳо ҷиҳати эҷоди вазъиятҳои таълимӣ, ташаккул додани салоҳиятҳои асосӣ ва фароҳам овардани муҳити ҳавасмандкунанда кумак мекунад.

5. **Фаъолияти таълимӣ бояд намоён ва дастгирӣ карда шавад.**
   Намоиши дастовардҳо, портфолиоҳо, семинарҳои эҷодӣ ва муаррифии сода ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки рушди худро эътирофу нишон дода, ҳавасмандиро нигоҳ доранд.

## Саволҳо барои робитаи мутақобила

1. Дар дарси имрӯза чӣ **шуморо ба ҳайрат овард**?
2. **Имрӯз ман ҳамчун мушовир** чӣ нақш мебозам: бештар нозир ё мушовир/фасилитатори рушд?
3. Кадом **шаклҳои фардии** ёрии методиро мунтазам истифода мебарам?
4. Кадом **2-3 шакли кори дастаҷамъона** барои муассисаҳои ман бештар мувофиқанд?
5. Чӣ тавр ман ба омӯзгорон барои муносибати ба рушди салоҳият асосёфта ва муҳити рақамии таълимиро **азхуд кардан** ва **татбиқ кардан кумак мекунам?**
6. **Таҷрибаи касбии омӯзгоронро** дар амалияи худ ҷамъоварӣ ва нишон медиҳам?
7. Фардо барои пурзӯр намудани кори методӣ дар муассисаи худ чӣ гуна чора дида метавонам? Аввалин чизе, ки ман дар ин дарс омӯхтам, ки омодаам амалӣ кунам, кадом аст?

## ХУДБАҲОДИҲӢ: ЧӢ ДАР ХОТИРАМ МОНД, ЧИРО ФАҲМИДАМ?

**Варақаи худбаҳодиҳӣ 1.4.**

*Як ҷавоби дурустро интихоб кунед*

**1. Нақши мушовир дар шароити таҳсилоти муосир чӣ гуна тағйир меёбад?**
А) Пеш аз ҳама ба назорат нигаронида мешавад: тафтиши ҳуҷҷатгузорӣ ва ҳисоботдиҳӣ
В) Аз назорат ба дастгирии рушди касбии омӯзгорон мегузарад
С) Аз ҳисоби афзоиши ҳаҷми ҳисоботи маъмурӣ пурзӯр мегардад
D) Ба ҳамоҳангсозии иштироки омӯзгорон дар озмуну фестивалҳо мегузарад.

**2. Мақсади асосии машваратҳои инфиродӣ бо мушовир чист?**
А) Мусоидат дар ҳалли масъалаҳои мушаххаси методии омӯзгор
Б) Назорати риояи барномаи таълимӣ ва стандартҳои ҳуҷҷатгузорӣ
В) Иҷрои расмии нақшаи кори методӣ
Г) Таҳияи ҳисобот оид ба натиҷаҳои аттестатсия

**3. Гузаронидани тренинги мавзуӣ барои омӯзгорон чӣ арзиш дорад?**
А) Имконияти муҳокимаи сиёсати маориф дар муассиса
Б) Иштирок ё омодагӣ ба аттестатсияи расмӣ
С) Зуд аз худ намудани як техника ва санҷиши он дар амал
D) Баланд бардоштани мақоми омӯзгор дар ҷомеаи касбӣ

**4. Кадом шакли кори методӣ барои муҳокимаи мушкилот ва табодули равиш беҳтар мувофиқ аст?**
А) Мастер-класс бо коршинос
В) Машварати инфиродӣ
С) Семинари проблемавӣ бо таҳлили кейсҳо
D) Назорати видеоӣ ва баҳодиҳии дарс

**5. Кадом равиш ба муаррифии портфолио кумак мекунад, ки изтироби омӯзгоронро коҳиш диҳад?**
А) Пешниҳоди ҳатмии ҳама рубрикаҳо ва мисолҳо
В) Озодии интихоб: 1-2 сенария ё як қисми рубрика
С) Шакли гузориши хаттӣ бо ҳимояи минбаъда
D) Арзёбии портфолио аз ҷониби коршиносони беруна вобаста ба меъёрҳо

**6. Шаклҳои самарабахши ҳафта/даҳаҳои методиро чӣ самарабахш мегардонад?**
А) Имконияти ташкили аттестатсияи омӯзгорон
Б) Гузаронидани фестивалу озмунҳо
С) Ба низом даровардани ҳамаи дарсҳо оид ба як мавзуъ
D) Ба як масъалаи методӣ ҷалб намудани коллектив

**7. Вазифаи асосии мушовир ҳангоми кор бо маркази эҷодӣ аз чӣ иборат аст?**
А) Таъин намудани роҳбарон ва назорат аз болои интизоми онҳо
В) Ба омӯзгорон дар сохтори таҷриба ва ташкили паҳнкунии он кумак кардан
С) Миқдори пешрафтҳоро пайгирӣ ва омода кардани ҳисобот
D) Таҷрибаи омӯзгоронро мувофиқи стандартҳои таълимӣ таҳлил кардан.

## МАШҒУЛИЯТИ 2

**НАТИҶАҲОИ ТАЪЛИМ:**

3. Воситаҳоро вобаста ба эҳтиёҷоти омӯзгорон интихоб карда, истифода бурдан.
4. Фаъолиятҳои хурди методиро бо истифодаи шаклҳои муосири методӣ ба нақша гирифтан.



### КОРИ АМАЛӢ: ДАСТГИРИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОР

**Семинари 1. Ҳолати маъмулӣ: интихоби дастгирӣ**

**Мақсад:** омӯхтани тарзи таҳлили эҳтиёҷоти касбии омӯзгорон ва интихоби шаклҳои мувофиқи дастгирии методӣ барои онҳо.

**Вазифаҳо барои гурӯҳҳо:**

1. Маълумотҳои кабии омӯзгоронро дар зер хонед.
2. Муҳокима кунед ва ба саволҳо ҷавоб диҳед:
- Ин чӣ гуна дархост аст: *методӣ, ҳавасмандкунӣ, ташкилӣ*?
- Кадом *шакли кори методӣ* бештар мувофиқ мебуд?
3. **Як маълумоти касбиро** интихоб ва иҷро кунед:
- **Ду** шакли мувофиқро интихоб кунед (мувофиқи ҷадвалҳои 2 ва 3);
- Интихоби худро асоснок кунед: чаро ин шаклҳои мушаххас кор мекунанд?
- **Нақшаи мухтасари ҳамкорӣ бо омӯзгорро** тартиб диҳед: корро чӣ гуна ташкил кардан, аз куҷо оғоз кардан, чӣ гуна дастгирӣ кардан.

**Маълумотҳои касбии омӯзгорон**

1. **Омӯзгори ботаҷриба, ки аз равишҳои нав канорагирӣ мекунад. «Аз одат берун»** кор мекунад, ҳеҷ тағйиротро намебинад ва ба навоварӣ нигоҳ мекунад.
2. **Омӯзгори ҷавоне, ки вобаста ба интизом душворӣ мекашад.** Дар идоракунии синфҳо, барқарор намудани робита бо хонандагон ва ташкили корҳои тарбиявӣ мушкилот ҷой доранд.
3. **Омӯзгоре, ки таҷрибаи ҷолиб дорад, аммо намедонад, ки чӣ гуна онро сохторбандӣ кунад.** Онҳо чизе барои нишон додан доранд, аммо эътимод, малакаи сохторбандӣ ва пешниҳоди таҷрибаи шахсии худро надоранд.
4. **Омӯзгоре, ки барои гузаштан ба муносибати босалоҳият ва таҳияи вазъиятҳои таълимӣ душворӣ мекашад.** Ба модели репродуктивии таълим одат кардааст ва дар таҳияи ҳадафҳо, тарҳрезии супоришҳо ва арзёбӣ ба мушкилот дучор мешавад.

**Семинари 2. Лоиҳаи хурди «Амали методӣ»**

**Мақсад:** омӯхтани тарзи таҳияи фаъолияти методӣ, ки ба мушкилоти шунавандагон ва натиҷаҳо нигаронида шудааст.

**Супориш барои гурӯҳҳо**:

Тарҳрезии чорабинии кӯтоҳи методӣ (ҳафта, тренинг, семинар), ки дар бар мегирад:

- ҳадаф ва мушкилоте, ки амал ба он нигаронида шудааст;
- гурӯҳи мақсаднок;
- рӯйдодҳои асосӣ (1 шакли инфиродӣ ва 1-2 шакли гурӯҳӣ);
- усулҳои сабт/нишон додани натиҷаҳо (портфолио, видео, рӯнамо, лавҳаи педагогӣ ва ғ.).

**Агар хоҳед**, шумо метавонед номеро барои чорабинӣ пайдо кунед, то он мавзуъро инъикос карда, барои омӯзгорон ҷолиб бошад.

**Қолаб барои банақшагирии чорабинӣ**

| | |
|---|---|
| **Номи чорабинӣ:**<br>Кӯтоҳ, шояд ҳазломез: «Дарс зери микроскоп» | |
| **1. Проблема/вазифае, ки ба чорабинии мазкур нигаронида шудааст:**<br>Кадом мушкилот/талаботи омӯзгоронро шумо ҳал кардан мехоҳед? | |
| **2. Гурӯҳи мақсаднок:**<br>Чорабинӣ ба кӣ нигаронида шудааст: ҳамаи омӯзгорон, омӯзгорони ҷавон, ИМ мушаххас ва ғайра. | |
| **3. Шакли таблиғот:**<br>• Навъ: ҳафтаина, тренинг, семинар, озмун ва ғ.<br>• Давомнокӣ: (1 рӯз, 2 соат...)<br>• Ташкилкунандагон: кӣ барои баргузории чорабинӣ масъул аст – мушовир, гурӯҳи омӯзгорон, роҳбари ИМ...<br>• Ҳодисаҳо - маҳз чӣ рӯй хоҳад дод | |
| **5. Сабт ва намоиш додани натиҷаҳо:**<br>(як ё якчандро интихоб кунед):<br>• Портфолиои таълимӣ<br>• Видеодарсҳо<br>• Муаррифии PowerPoint<br>• Лавҳаи методӣ<br>• Бонки кори коллективӣ<br>• Суханронии оммавӣ | |

## Адабиёт ва сарчашма:


1. Андреев, В. И. Конкурентология: учебный курс для творческого развития конкурентоспособности / В. И. Андреев. – Казань: Центр инновационных технологий, 2004. – 468 с.
2. Белая, К. Ю. Методическая деятельность в дошкольной организации / К. Ю. Белая. – М.: ТЦ Сфера, 2014. – 128 с. С. 30-45.
3. Белая, К. Ю. Педагогический совет в дошкольном образовательном учреждении: Подготовка и проведение / К. Ю. Белая – М.: ТЦ Сфера, 2004.
4. Василевская, Е. В. Сетевая организация методической работы на муниципальном уровне: Методическое пособие / Е. В. Василевская. – М.: АПКиППРО, 2005.
5. Гусейнова М. А. «Инновационные подходы в современной педагогике» — 2018.
6. Даутова О.Б., Ермолаева М.Г., Шевелев А.Н. Развитие системы сопровождения молодых педагогов: Методические рекомендации. – СПб.: АППО СПб., 2019.- 141 с.
7. Картавцева, В. А. Развитие творческого потенциала педагога дополнительного образования / В. А. Картавцева // Дополнительное образование. – 2002. – № 6 – С.4.
8. Конаржевский, Ю. А. Менеджмент и внутришкольное управление / Ю. А. Конаржевский. – М.: Центр «Педагогический поиск», 2000. – 224 с.
9. Кузнецова В. В., Иванова Н. В. «Современные методы и технологии обучения» — 2019.
10. Лизинский, В. М. О методической работе в школе / В. М. Лизинский. – М.: Педагогический поиск, 2002.
11. Миронова Т. В., Петрова Н. А. «Инновационные направления в методической работе учителя» — 2020.
12. Пахомова Е.М. Изучение и обобщение педагогического опыта. // Мушовир. – 2005. - № 2.
13. Пахомова Е.М., Дуганова Л.П. Учитель в профессиональном конкурсе: учебно-методическое пособие. – М.: АПКиППРО, 2006. – 168 с.
14. Сафин Д.В., Қуддусов Ҷ.Х., Мухторӣ Қ. Роҳнамо барои роҳбалад. Дастури таълимӣ-методӣ. – Душанбе, 2022. – 157 с.
15. Созонова, О. П. Методическое сопровождение профессионального роста педагога / О. П. Созонова // Дополнительное образование и воспитание. – 2008. – № 5 – С. 21.
16. Фролова И. А., Лукьянова Н. В. «Современные педагогические технологии и их применение» — 2021.
17. Маҷаллаи «Омӯзгор ва замон». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. – Душанбе, дастрас аз: https://takmili-ihtisos.tj/?page_id=1309.
18. Маҷаллаи «Омӯзгори муосир». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Душанбе.
19. Маҷаллаи «Роҳнамои омӯзгор». Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон.